**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ 802.0:373+37.01
ТКБ 81.2 Анг+74.200
С-85

**Сулаймонова Нилуфар Сулаймоновна**

# МЕТОДИКАИ ТАШАККУЛИ ТАФАККУР ВА САЛОҲИЯТМАНДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ТАВАССУТИ КОР БО МАТНҲОИ ТАЪЛИМӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9 - Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Маҷидова Б.

**Душанбе-2026**

МУНДАРИҶА

**ИХТИСОРАҲО**........................................................................................ 3
**МУҚАДДИМА**........................................................................................ 4
**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ**..................................................................... 10
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ИНКИШОФИ ТАФАККУР ВА САЛОҲИЯТМАНДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ**................................ 21
**1.1.** Моҳият, мазмун ва сохтори тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ ҳамчун падидаи психологӣ-педагогӣ........................................................ 21
**1.2.** Равиши герменевтикӣ ҳамчун асоси методологии таҳқиқи рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ.................................................... 50
**1.3.** Матни таълимӣ ҳамчун воситаи дидактикии рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони оянда забони англисӣ…………………… 66
Хулосаи боби якум………………………………………………………….. 82
**БОБИ 2. МЕТОДИКА ВА МОДЕЛИ ИНКИШОФИ ТАФАККУР ВА САЛОҲИЯТ ТАВАССУТИ КОР БО МАТНҲОИ ТАЪЛИМӢ….** 84
**2.1.** Технологияҳои фаъолияти таҳқиқотӣ: усулҳо ва шаклҳои таҳлил, тафсир ва эҷоди матнҳои таълимӣ дар ташаккули салоҳиятмандии омӯзгорони забони англисӣ........................................................................ 84
**2.2.** Имкониятҳои дидактикии матнҳои таълимӣ дар рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогии омӯзгорони оянда забони англисӣ………… 100
**2.3**. Амсилаи рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ дар асоси тафсири герменевтикии матни таълимӣ: сохтор, компонентҳо ва механизмҳои амалисозӣ.................................................................................... 111
Хулосаи боби дуюм........................................................................ 119
**БОБИ 3. ТАШКИЛ ВА НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ТАҶРИБАВӢ** 121
**3.1.** Методика ва марҳилаҳои тадқиқоти тачрибавӣ.................................. 121
**3.2.** Нишондиҳандаҳо, меъёрҳо ва сатҳҳои арзёбии рушди тафаккур ва салоҳияти касбии омӯзгорони оянда ........................................................ 139
3.3. Ташкили тадқиқоти таҷрибавӣ ва тавсифи базаи тадқиқот................ 152
Хулосаи боби сеюм........................................................................ 167
ХУЛОСАҲО ВА ТАВСИЯҲО……………………………………... 169
Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия……………………………………. 169
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо…………………………….. 171
**НОМГӮИ АДАБИЁТ……………………………………………………...** 173
Феҳристи интишороти илмии муаллиф……………………………… 190

## ИХТИСОРАҲО

**ВМИ ҶТ** - Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**ДБЗХТ** - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**ДДОТ** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**АНШХ** - амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ.

**МТМУ** - Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**МТОК** - Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

**ММИ** - Методикаи маъноҳои интиҳоӣ.

**НДМ** - Низоми динамикии маъноӣ.

**КМД** - Кори мустақилонаи донишҷӯ.

**КСР** - Коэффитсиенти самаранокии таълим.

**КТО** - Кори таҷрибавию озмоишӣ.

**МБФ** - Муоширати байнифарҳангӣ.

**МТМ** - Маҷмӯаи таълимӣ-методӣ.

**ТСК-** Тафаккур ва салоҳияти касбӣ.

**СБФ** - Салоҳиятмандии байнифарҳангӣ.

**СДТ** - Стандарти давлатии таҳсилот.

**ТБД** - Тафаккури бисёрҷанба педагогӣ.

**БД** - Бозии дидактикӣ.

**ГО** - Гурӯҳи озмоишӣ.

**ГС** - Гурӯҳи санҷишӣ.

**ЗА** - Забони англисӣ.

**ЗХ** - Забони хориҷӣ.

**ҶТ** - Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**

Дар шароити муосири рушди ҷомеа ва навсозии низоми таҳсилоти олии касбӣ масъалаи баланд бардоштани сифати омодасозии омӯзгорон ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф табдил ёфтааст. Имрӯз муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд омӯзгороне омода намоянд, ки на танҳо соҳиби донишҳои назариявии фаннӣ бошанд, балки қобилияти таҳлил, муқоиса, тафсир, арзёбӣ ва дарки амиқи равандҳои таълимӣ-педагогиро низ дошта бошанд. Дар чунин шароит рушди тафаккур ва салоҳиятмандии педагогии донишҷӯён ҳамчун омили муҳими омодагии касбии омӯзгорони оянда аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Дар низоми таҳсилоти муосир омӯзгори забони англисӣ бояд дорои ҷаҳонбинӣ, тафаккури таҳлилӣ ва қобилияти коркарди мустақили иттилоот бошад. Вай бояд на танҳо матнро хонда ва фаҳмида тавонад, балки маъноҳои пинҳонӣ, хусусиятҳои забонӣ ва ҷанбаҳои фарҳангии онро низ таҳлил ва тафсир намояд. Аз ин рӯ, масъалаи ташаккули тафаккури таҳлилӣ ва маънофаҳмии донишҷӯён дар раванди омодасозии омӯзгорониояндаи забони англисӣ аҳамияти хоса касб менамояд.

Таҳлили таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нишон медиҳад, ки дар бисёр ҳолатҳо раванди таълим ҳанӯз ҳам бештар ба азёдкунӣ, азхудкунии донишҳои тайёр ва такрори маълумот равона гардидааст. Дар чунин вазъият имкониятҳои рушди фаъолияти таҳлилӣ, муқоисавӣ, тафсирӣ ва рефлексивии донишҷӯён маҳдуд мемонанд. Ин ҳолат махсусан дар ҷараёни омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ, бештар ба назар мерасад, зеро қисми зиёди фаъолияти таълимӣ ба кор бо матн алоқаманд мебошад. Бо вуҷуди ин, матнҳо аксаран танҳо ҳамчун воситаи пешниҳоди иттилоот истифода мешаванд ва имкониятҳои онҳо барои рушди тафаккур, таҳлил ва дарки маъноӣ пурра истифода намегарданд.

Матни таълимӣ дар шароити муосири таълим метавонад на танҳо манбаи дониш, балки воситаи фаъолсозии фикр, рушди қобилияти таҳлил ва

ташаккули муносибати маъноӣ бошад. Маҳз тавассути кор бо матн донишҷӯён метавонанд малакаҳои муқоиса, тафсир, хулосабарорӣ ва арзёбии мустақилро инкишоф диҳанд. Дар ин раванд истифодаи имкониятҳои равиши герменевтикӣ аҳамияти муҳим дорад, зеро он ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки маъноҳои гуногуни матнро дарк ва тафсир намуда, муносибати эҷодиву таҳлилӣ нисбат ба маводи таълимиро ташаккул диҳанд.

Равиши герменевтикӣ дар таълим пеш аз ҳама ба фаҳмиш, тафсир ва дарки маънои матн равона гардидааст. Истифодаи чунин равиш дар раванди омӯзиши забони англисӣ метавонад ба рушди тафаккури таҳлилӣ, нутқи мустақил, қобилияти баҳогузорӣ ва малакаҳои муоширати касбии донишҷӯён мусоидат намояд. Дар натиҷа донишҷӯён на танҳо мазмуни матнро аз худ мекунанд, балки ба таҳлил ва арзёбии маънои он низ ҷалб мегарданд. Ин ҳолат барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва салоҳиятмандии омӯзгорони оянда заминаи мусоид фароҳам меорад.

Асоси меъёриву ҳуқуқии таҳқиқотро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ташкил медиҳад, ки дар он таъкид гардидааст: «давлат дастрасии баробарро ба таҳсилот, сифати баланди он ва мутобиқати мазмуни таълим ба талаботи ҷомеаи муосирро таъмин менамояд» [44, м. 5]. Инчунин Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2020» аз 3 июли соли 2014, №427 ва тамдиди он то давраи солҳои 2030 [62] заминаи ҳуқуқии таҳқиқотро ташкил медиҳад. Дар ин санадҳо масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълим, рушди омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи ҷомеаи муосир махсус таъкид гардидаанд.

Ҳамчунин дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мuҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 қайд карда шудааст, ки «омодасозии кадрҳои баландихтисос ва рақобатпазир яке аз

вазифаҳои афзалиятноки давлат дар соҳаи маориф мебошад» [Паём, 2019]. Дар Паёмҳои аз 21 декабри соли 2021 ва 28 декабри соли 2023 низ масъалаҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди тафаккури ҷавонон ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф муайян карда шудаанд [Паём, 2021; Паём, 2023].

Бо вуҷуди мавҷудияти таҳқиқотҳои илмӣ оид ба рушди тафаккури педагогӣ ва истифодаи матн дар таълим, масъалаи таҳияи методикаи мукаммали истифодаи матнҳои таълимӣ ҳамчун воситаи рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ ҳанӯз ба таври кофӣ коркард нашудааст. Дар бисёр ҳолатҳо ҷанбаҳои таҳлилӣ ва тафсирии кор бо матн дар раванди таълим нокифоя истифода гардида, имкониятҳои герменевтикии матн ба таври пурра ба назар гирифта намешаванд.

Аз ин рӯ, зарурати таҳияи методикаи илмӣ - асосноки истифодаи матнҳои таълимӣ барои рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ ба миён меояд. Ин методика бояд ба ҳамгироии таҳлил, тафсир, дарки маъно ва фаъолияти эҷодии донишҷӯён мусоидат намуда, барои ташаккули қобилияти фикрронии мустақил, арзёбии вазъиятҳои педагогӣ ва қабули қарорҳои дуруст замина фароҳам оварад.

Ҳамин тавр, мубрамии мавзуи таҳқиқот дар зарурати назариявӣ ва амалии таҳияи роҳҳо, усулҳо ва воситаҳои самараноки рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути истифодаи матнҳои таълимӣ ва имкониятҳои равиши герменевтикӣ асоснок мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.**

Баррасии манбаъҳои илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи рушди тафаккури педагогӣ ва ташаккули сифатҳои касбии омӯзгор дар доираи илмҳои педагогӣ ва равоншиносӣ мавқеи устувор дорад. Дар осори А.Ф. Брушлинский [25, с.97] ва Л.С.Рубинштейн [102, с.82] тафаккур на танҳо ҳамчун раванди маърифатӣ, балки ҳамчун низоми фаъоле тавсиф мешавад, ки ба воситаи он инсон воқеиятро дарк ва таҷрибаи шахсиро ташаккул медиҳад. Бо ин ҳама, дар ин таҳқиқотҳо истифодаи матн ҳамчун воситаи

мақсадноки таъсиррасонӣ ба рушди тафаккури педагогӣ махсус мавриди таҳлил қарор нагирифтааст.

Мавзӯи эҷодкории педагогӣ ва фаъолияти касбии омӯзгор дар корҳои В.И. Загвязинский [41, с.68] ба таври муфассал инъикос ёфта, эҷодкорӣ ҳамчун шарти муҳими самаранокии фаъолияти таълимӣ арзёбӣ мегардад. Аммо дар ин равишҳо механизми амалии пайвастани кор бо матн ва рушди тафаккури бисёрсамта ба таври равшан ташаккул наёфтааст.

Дар доираи равишҳои гуманитарии муосир, герменевтика имконият медиҳад, ки раванди фаҳмиш ва тавлиди маъно аз нуқтаи назари фаъолият баррасӣ шавад. Андешаҳои М.М. Бахтин ва В.С. Библер нишон медиҳанд, ки фаҳмиш ҳамеша хусусияти муколамавӣ дошта, маъно дар раванди тафсир ба вуҷуд меояд. Дар таҳқиқоти А.Ф. Зокирова ин равиш ба соҳаи педагогика ворид гардида, ҳамчун асоси ташаккули маъноҳои касбӣ ва худшиносии омӯзгор шарҳ дода мешавад. Бо вуҷуди ин, татбиқи амалӣ ва махсусан методикаи истифодаи ин равиш дар омодасозии омӯзгорони забони англисӣ ҳанӯз ба сатҳи низомнок нарасидааст.

Дар муҳити илмии Тоҷикистон низ масъалаҳои марбут ба омодасозии омӯзгор ва рушди салоҳиятҳои касбӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Дар таҳқиқоти М.А. Абдуллоева, Қ.Б. Қодиров, Т.А. Ашурова, Х.Г. Сайфуллаев, З.Х. Сайфуллоева ва М.Р. Юлдашева равандҳои ташаккули қобилиятҳои коммуникативӣ, шароити педагогии рушди шахсият ва роҳҳои такмили фаъолияти таълимӣ баррасӣ мешаванд. Бо ин вуҷуд, истифодаи матн ҳамчун воситаи мустақими рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ дар ин таҳқиқотҳо ба таври ҷудогона таҳлил нашудааст.

Таҳқиқотҳои марбут ба таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла корҳои М.А. Абдуллоева, Р.М. Кучов, З.Р. Ҳалимова, Х.А. Шарипов, Г.С. Махмадиева ва П. Ҷамшед, асосан ба масъалаҳои рушди малакаҳои нутқӣ, ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва истифодаи технологияҳои муосири таълим равона шудаанд. Аммо дар ин равишҳо матн бештар ҳамчун

манбаи иттилоот истифода гардида, имкониятҳои он барои ташаккули фаъолияти таҳлилӣ, тафсирӣ ва рушди тафаккур ва салоҳиятмандӣ пурра фаъол гардонида намешаванд.

Дар корҳои С.М. Имомова, Ф. Гулмадов ва И. Каримова масъалаҳои рушди тафаккури эҷодӣ, ҷанбаҳои гуманистии таълим ва омилҳои психологии фаъолияти педагогӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди аҳамияти ин таҳқиқотҳо, онҳо бештар хусусияти умумӣ дошта, механизми мушаххаси истифодаи матнҳои таълимиро ҳамчун воситаи рушди тафаккури педагогӣ равшан намесозанд.

Аз баррасии маҷмӯии манбаъҳо бармеояд, ки гарчанде заминаҳои назариявӣ дар самтҳои равоншиносӣ, педагогика ва герменевтика ташаккул ёфтаанд, масъалаи истифодаи мақсадноки матнҳои таълимӣ барои рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорониояндаи забони англисӣ то ҳол дар шакли як системаи ягона пешниҳод нашудааст.

Ин ҳолат ба ошкор шудани як қатор ихтилофоти назариявӣ ва амалӣ оварда мерасонад:

- талаботи афзояндаи ҷомеа ба омӯзгори дорои тафаккури чандсамта ва имкониятҳои воқеии омодасозии чунин мутахассисон;
- имкониятҳои васеи дидактикии матнҳои таълимӣ ва сатҳи маҳдуди истифодаи онҳо дар рушди фаъолияти фикрии донишҷӯён;
- зарурати татбиқи равишҳои тафсирӣ ва набудани методикаи мукаммали амалисозии онҳо дар раванди таълим.

Ҳамин ихтилофот нишон медиҳанд, ки коркарди методикаи илмӣ-асосноки истифодаи матнҳои таълимӣ ҳамчун воситаи рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорониояндаи забони англисӣ на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки аз нуқтаи назари амалии педагогӣ низ зарур мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.**

Мавзуи таҳқиқот ба самтҳои афзалиятноки рушди таҳсилоти олии касбӣ ва омодасозии омӯзгорони соҳибсалоҳият мутобиқ буда, бо ҳадафу вазифаҳои барномаҳои илмӣ ва стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг

мебошад. Самти таҳқиқот ба рушди салоҳиятҳои касбӣ, такмили фаъолияти педагогӣ ва ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорон равона гардида, ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф мутобиқат мекунад.

Аз ҷумла, мазмун ва натиҷаҳои таҳқиқот ба муқаррароти «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030», ки ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди захираҳои инсонӣ равона шудааст, мувофиқ мебошанд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба ҳадафҳои «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мутобиқат дошта, масъалаҳои такмили таълими забони англисӣ ва рушди қобилияти коммуникативии омӯзгорони ояндаро дар бар мегирад.

Илова бар ин, самти таҳқиқот бо талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии касбӣ» *[71]* ҳамоҳанг буда, ба баланд бардоштани сатҳи омодасозии мутахассисон бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат мусоидат менамояд.

Ҳамчунин, таҳқиқот ба татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор (SDGs), махсусан Ҳадафи 4 - таъмини таҳсилоти босифат ва фарогир, алоқаманд буда, ба рушди малакаҳои маърифатӣ, тафаккури мустақил ва қобилияти худтакмилдиҳии омӯзгорон равона гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯби нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 амалӣ гардидааст. Мавзуи таҳқиқот дар низоми бақайдгирии давлатӣ бо рақами №3217 аз 22.01.2019 дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Мазмуни таҳқиқот ба самтҳои мазкур мутобиқат дошта, дар он масъалаҳои рушди тафаккури мустақил ва баланд бардоштани сифати омодасозии омӯзгорон бевосита инъикос ёфтаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** ба коркарди маҷмӯи асосҳои назариявӣ ва пешниҳоди методикаи амалӣ равона гардидааст, ки тавассути он имкониятҳои матнҳои таълимӣ ҳамчун муҳити маъноофарӣ барои инкишофи тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорониояндаи забони англисӣ истифода бурда мешаванд. Дар маркази таваҷҷуҳ на танҳо азхудкунии дониш, балки ташаккули қобилияти дарки бисёрқабатаи маъно, шарҳи ҳолатҳои педагогӣ ва интихоби қарорҳои асоснок қарор дорад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- Муайян намудани моҳият, сохтор ва ҷузъҳои таркибии тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ дар асоси таҳлилҳои муосири психология ва педагогика;
- Асоснок намудани имкониятҳои дидактикии матнҳои таълимӣ ҳамчун воситаи рушди фаъолияти таҳлилӣ, тафсирӣ ва маъноофарии донишҷӯён;
- Таҳия ва асоснок намудани модели инкишофи тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони оянда бо такя ба равиши герменевтикӣ;
- Муайян ва коркарди меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳи рушди тафаккур ва салоҳияти педагогӣ;
- Санҷиши таҷрибавии самаранокии методикаи пешниҳодшуда дар муҳити таҳсилоти олии педагогӣ.

**Объекти таҳқиқот**

омодасозии касбии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ мебошад.

**Предмети таҳқиқот**

роҳҳо ва воситаҳои методии инкишофи тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони оянда дар раванди кор бо матнҳои таълимӣ мебошанд.

**Фарзияи таҳқиқот**

Инкишофи самараноки тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ таъмин мегардад, агар раванди таълим ба фаъолияти маъноофарии донишҷӯён асос ёфта, кор бо матнҳои таълимӣ ҳамчун фаъолияти таҳлилӣ ва тафсирӣ ба таври методикӣ ташкил карда шавад.

Ин ҳолат амалӣ мегардад, агар:

- кор бо матн ҳамчун раванди пайдарпайи таҳлил, муқоиса ва тафсири маъноҳо ташкил карда шавад, на танҳо хондан ва дарк кардани иттилоот;

- донишҷӯён ба ошкор ва бозсозии маъноҳои гуногуни матн, аз ҷумла маъноҳои контекстуалӣ ва пинҳонӣ, ҷалб карда шаванд;

- фаъолияти рефлексивӣ ва муқоисавӣ ҳамчун унсури ҳатмии раванди таълим ташкил карда шавад;

- ташаккули сифатҳои касбӣ (тафаккури таҳлилӣ, рефлексия, қобилияти қабули қарор) бо фаъолияти тафсирии матн ба таври мустақим пайваст карда шавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мазмун ва самти таҳқиқот ба доираи масъалаҳои марбут ба такмили методикаи таҳсилоти касбӣ дохил шуда, ба ихтисоси 5.3.5.9.- Назария ва методикаи таълимии забонҳои хориҷӣ-англисӣ мувофиқат мекунад, зеро дар он масъалаҳои такмили омодасозии омӯзгор, усулҳои таълим ва механизмҳои рушди фаъолияти фикрӣ баррасӣ мегарданд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот**

Таҳқиқот дар заминаи факултетҳои забонҳои хориҷии як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, дар давраи солҳои **2018-2020** амалӣ гардид. Раванди таҳқиқ ба таври пайдарпай аз марҳилаҳои таҳлил, санҷиш ва ҷамъбаст гузашт.

**Марҳилаи аввал (2018-2020)** ба омӯзиши амиқи сарчашмаҳои илмӣ ва таҳлили вазъи воқеии масъала бахшида шуд. Дар ин давра на танҳо назарияҳо баррасӣ гардиданд, балки камбудиҳои амалии омодасозии

омӯзгорон низ муайян карда шуданд, ки барои ташаккули фарзияи таҳқиқ асос гардиданд.

**Марҳилаи дуюм (2021-2023)** ба татбиқи методика дар шароити воқеии таълим равона шуд. Дар ҷараёни он донишҷӯён ва омӯзгорон ба фаъолияти таҷрибавӣ ҷалб гардида, маълумоти эмпирикӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шуд.

**Марҳилаи сеюм (2024-2025)** ба коркарди ниҳоии натиҷаҳо бахшида шуда, дар он хулосаҳои илмӣ дақиқ карда шуданд ва матни диссертатсия ба шакли мукаммал оварда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**

Асосҳои назариявии таҳқиқот дар такя ба як қатор равияҳои бунёдии илмҳои педагогика, психология ва фалсафа ташаккул ёфта, ба таври мақсаднок барои ошкор намудани имкониятҳои рушди тафаккур салоҳиятмандии омӯзгор дар шароити фаъолияти таълимӣ истифода шудаанд.

Дар корҳои С.Л. Рубинштейн ва А.В. Брушлинский тафаккур ҳамчун раванди фаъол ва бо фаъолияти амалии инсон пайваст тавсиф гардида, механизмҳои асосии он - таҳлил, муқоиса ва умумисозӣ - ҳамчун воситаҳои дарки воқеият муайян шудаанд. Бо вуҷуди аҳамияти назариявии ин равиш, он бештар хусусияти умумии равонӣ дошта, масъалаи ташаккули тафаккур дар муҳити мушаххаси педагогӣ, аз ҷумла тавассути кор бо матнҳои таълимӣ, ба таври мустақим таҳлил намегардад.

Фаъолияти педагогӣ ҳамчун раванди эҷодӣ ва қароргирии касбӣ дар таҳқиқоти В.И. Загвязинский, В.Г.Кузнетсов, А.П.Алексеев баррасӣ гардида, дар онҳо эҷодкорӣ ҳамчун ҷузъи сохтории фаъолияти омӯзгор муайян мешавад. Аммо дар доираи ин таҳқиқот матн ҳамчун воситаи мустақили ташаккули фаъолияти фикрии педагогӣ ба таври системавӣ асоснок нашудааст.

Дар соҳаи таълими забонҳои хориҷӣ таҳқиқоти М. Абдуллоева, Р. Кучов, З. Ҳалимова, Х. Шарипов ва Г. Махмадиева ба масъалаҳои рушди

фаъолияти нутқӣ, салоҳиятҳои коммуникативӣ ва истифодаи технологияҳои таълим бахшида шудаанд. Бо вуҷуди аҳамияти амалии онҳо, матн асосан ҳамчун воситаи азхудкунии забон баррасӣ гардида, иқтидори он ҳамчун муҳити ташаккули тафаккури педагогӣ ба таври мустақил таҳлил нашудааст.

Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ - С. Авғонов, М. Утаев, Л.В.Саидова ва С. Алиев - масъалаҳои ташкили фаъолияти маърифатӣ ва рушди салоҳиятҳои касбӣ баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин, дар корҳои Т. Ашурова, Х. Сайфуллаев, З. Сайфуллоева, М. Юлдашева, Қ. Қодиров, С. Имомова, Ф. Гулмадов ва И. Каримова ҷанбаҳои шароити педагогӣ, фаъолияти мустақилона ва рушди тафаккури эҷодӣ таҳлил гардидаанд. Бо вуҷуди ин, дар ин таҳқиқот робитаи мустақими байни кор бо матн, раванди тафсири маъно ва ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандӣ ба таври яклухт асоснок нашудааст.

Равиши герменевтикӣ, ки дар осори М.М. Бахтин, В.С. Библер ва Л.Шерба инкишоф ёфтааст, фаҳмишро ҳамчун раванди фаъолонаи тафсир ва бозсозии маъно шарҳ медиҳад. Дар доираи ин равиш матн ҳамчун фазои муколама баррасӣ гардида, маъно дар ҷараёни ҳамкории субъект бо матн ташаккул меёбад. Бо вуҷуди ин, татбиқи ин равиш дар омодасозии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ то ҳол ба шакли методикаи мукаммал ворид нагардидааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки сарфи назар аз мавҷудияти заминаҳои назариявии муҳим, масъалаи истифодаи матнҳои таълимӣ ҳамчун механизми марказии рушди тафаккур ва салоҳияти омӯзгорони оянда ҳанӯз ба таври системавӣ ва методикӣ ҳал нашудааст. Ин ҳолат зарурати таҳқиқоти мазкурро аз лиҳози назариявӣ ва амалии он асоснок менамояд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**

Методологияи таҳқиқот ба қавоиди фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ такя карда, инчунин принсипи фаъолияти маърифатии субъект ҳамчун шарти асосии рушди тафаккурро ба инобат гирифта, дар доираи он ташаккули маъно на тавассути интиқоли дониш, балки дар раванди

фаъолияти фаъол, таҳлил ва тафсир сурат мегирад. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқот ба ҳамгироии як қатор равишҳои илмӣ такя менамояд, ки дар маҷмӯъ имконият медиҳанд раванди рушди тафаккур ба таври системавӣ баррасӣ гардад.

Дар меҳвари методология равиши герменевтикӣ қарор дорад. Дар доираи он матн ҳамчун сохтори кушодаи маъно баррасӣ шуда, фаҳмиш ҳамчун раванди муколамавии тафсир ва бозсозии маъноҳо шарҳ дода мешавад. Ин равиш имкон медиҳад, ки фаъолияти донишҷӯ дар раванди таълим аз қабулкунандаи пассив ба субъекти фаъоле табдил ёбад, ки дар тавлиди маъно иштирок менамояд.

Ҳамзамон, таҳқиқот ба равиши фаъолиятӣ такя мекунад, ки мувофиқи он ташаккули тафаккур дар ҷараёни амал, ҳаллу фасли масъалаҳо ва фаъолияти маърифатӣ сурат мегирад. Дар ин замина, кор бо матн ҳамчун шакли махсуси фаъолияти маърифатӣ ташкил карда мешавад, ки дар он равандҳои хондан, таҳлил, тафсир ва арзёбӣ ба ҳам пайваст мебошанд.

Равиши шахсиятӣ-фаъолмандӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯ ҳамчун субъекти фаъол ва мустақили маъноофар баррасӣ гардад. Дар доираи ин равиш рушди тафаккур бо ташаккули мавқеи шахсӣ, худшиносии касбӣ ва қобилияти қабули қарорҳои мустақил алоқаманд дониста мешавад.

Илова бар ин, таҳқиқот ба равиши лингвокоммуникативӣ такя мекунад, ки матнро ҳамчун низоми мураккаби маъноҳо ва воситаи ташкили фаъолияти фикрӣ арзёбӣ менамояд. Дар доираи ин равиш матн ҳамчун абзори фаъолсозии равандҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ ва умумисозӣ баррасӣ гардида, имконият медиҳад, ки фаъолияти маърифатии донишҷӯён ба сатҳи амиқтар бардошта шавад.

Ҳамгироии ин равишҳо имкон медиҳад, ки раванди таълим ҳамчун муҳити ягонаи маъноофарӣ, таҳлил ва тафсир фаҳмида шуда, барои таҳияи методикаи самараноки рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ заминаи илмӣ фароҳам оварда шавад.

**Сарчашмаҳои маълумот**

Заминаи иттилоотии таҳқиқот бар асоси таҳлили осори илмии соҳаҳои педагогика, психология, лингводидактика ва назарияи матн ташаккул ёфтааст, ки дар онҳо масъалаҳои рушди тафаккури педагогӣ, фаъолияти маърифатӣ ва механизмҳои фаҳмиш ва тафсири матн мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамзамон, дар таҳқиқ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ ва маводи таълимӣ-методии марбут ба омодасозии омӯзгорони забони хориҷӣ истифода шуданд. Ин маҷмӯи сарчашмаҳо имкон дод, ки масъалаи таҳқиқ ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалияи муосири таълим ба таври ҳамгиро баррасӣ гардад.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот**

Барои ҳалли вазифаҳои таҳқиқот системае аз методҳои ба ҳам алоқаманд истифода гардид, ки интихоби онҳо аз мантиқи мақсад ва хусусияти объекти таҳқиқот бармеояд.

Ба гурӯҳи методҳои назариявӣ таҳлил ва таркиб, таҷрид, умумисозӣ, мушаххаскунӣ ва моделсозӣ дохил шуда, онҳо барои асоснок намудани консепсияи таҳқиқ ва коркарди модели инкишофи тафаккури ва салоҳияти педагогӣ хизмат карданд.

Методҳои эмпирикӣ, аз ҷумла мушоҳидаи педагогӣ, пурсиш, таҳлили таҷрибаи таълим ва озмоиши педагогӣ, барои санҷиши самаранокии методикаи пешниҳодшуда дар шароити воқеии раванди таълим истифода гардиданд.

Истифодаи ҳамгирои ин методҳо имкон дод, ки раванди таҳқиқ ба таври муназзам ташкил гардида, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада таъмин карда шавад.

**Пойгоҳи таҳқиқот**

Таҳқиқот дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Пойгоҳи таҷрибавиро факултетҳои забонҳои англисӣ ва забонҳои шарқ, инчунин факултети забонҳои романӣ-

германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода ташкил доданд.

Интихоби чунин пойгоҳ бо хусусияти мавзӯи таҳқиқот асоснок мегардад, зеро маҳз дар ин муҳит омодасозии омӯзгорони забони англисӣ амалӣ шуда, имконият фароҳам меояд, ки самаранокии методикаи пешниҳодшуда дар шароити воқеии фаъолияти таълимӣ санҷида шавад.

**Навгонии илмии таҳқиқот**

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳия ва асоснок намудани методикаи истифодаи матнҳои таълимӣ ҳамчун воситаи рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар шароити таҳсилоти олии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Дар ҷараёни таҳқиқот:

- мафҳуми «тафаккур ва салоҳиятандии педагогӣ» ҳамчун раванди ҳамгирои дарк, тафсир ва қабули қарорҳои педагогӣ дар заминаи маъноофарии матн мушаххас карда шуд;

- модели инкишофи он, ки ҷузъҳои маъноӣ, фаъолиятӣ ва рефлексивиро муттаҳид менамояд, коркард гардида, робитаи функсионалии онҳо дар раванди таълим муайян карда шуд;

- механизми дидактикии истифодаи матнҳои таълимӣ ҳамчун воситаи рушди фаъолияти фикрӣ муайян гардида, нақши равиши герменевтикӣ ҳамчун асоси методологии ин раванд асоснок карда шуд;

- технология ва алгоритми таҳлил ва тафсири матнҳои таълимӣ таҳия гардид, ки гузариши фаъолияти донишҷӯёнро аз сатҳи қабул ба сатҳи маъноофарӣ ва рефлексия таъмин менамояд;

- таъсири ҳамгироии шаклҳои инфиродӣ ва гурӯҳии кор бо матн ба рушди устувори тафаккур ва бисёрҷанбаи омӯзгорони оянда таҷрибавӣ тасдиқ гардид.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Муҳити таълимии ба фаъолияти маърифатии фаъол ва муколама асосёфта шарти муайянкунандаи рушди тафаккури бисёрҷанбаи омӯзгор мебошад.

2. Кор бо матнҳои таълимӣ ҳамчун раванди маъноофарӣ ба ташаккули рефлексия, худшиносии касбӣ ва қобилияти таҳлили вазъиятҳои педагогӣ мусоидат мекунад.

3. Модели пешниҳодшудаи инкишофи тафаккур ва салоҳиятнокӣ, ки ба ҳамгироии ҷузъҳои маъноӣ, фаъолиятӣ ва рефлексивӣ асос ёфтааст, самаранокии омодасозии касбии омӯзгоронро баланд мебардорад.

4. Технология ва алгоритми герменевтикии таҳлил ва тафсири матн ҳамчун воситаи татбиқи методика рушди устувори тафаккур ва салоҳияти омӯзгорони ояндаро таъмин менамояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар такмили заминаҳои назариявии педагогикаи олӣ ва мушаххас намудани механизмҳои инкишофи тафаккури омӯзгор дар шароити фаъолияти таълимӣ ифода меёбад. Дар раванди таҳқиқ мафҳуми «тафаккур ва салоҳияти педагогӣ» дақиқ гардонида шуда, ҳамчун категорияи мустақили илмӣ, ки фаъолияти маъноофар, таҳлилӣ ва рефлексивии омӯзгорро дар бар мегирад, асоснок карда шуд. Дар ҳамин замина, матни педагогӣ ҳамчун воситаи ташкили фаъолияти маърифатӣ ва муҳити ташаккули маъноҳои касбӣ баррасӣ гардида, нақши он на танҳо ҳамчун манбаи иттилоот, балки ҳамчун воситаи рушди фаъолияти фикрӣ муайян карда шуд.

Ҳамзамон, имкониятҳои равиши герменевтикӣ барои ташкили фаъолияти тафсирӣ ва маъноофарии донишҷӯён дар муҳити таълими педагогӣ асоснок гардида, роҳҳои мутобиқсозии он ба раванди омодасозии омӯзгорон муайян шуданд. Аппарати мафҳумӣ ва категориявии таҳқиқ такмил дода шуда, робитаи назариявии байни тафсири матн ва рушди фаъолияти фикрии омӯзгор ба таври низомнок шарҳ дода шуд. Илова бар ин,

меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳи рушди тафаккур ва салоҳияти педагогӣ коркард гардида, имконияти истифодаи онҳо дар таҳқиқоти минбаъдаи педагогӣ асоснок гардид.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар имконияти татбиқи мустақими натиҷаҳои он дар раванди омодасозии омӯзгорони оянда ифода меёбад. Дар доираи таҳқиқ барномаи машғулиятҳои таълимӣ оид ба педагогика ва методикаи таълими забони англисӣ бо истифодаи усулҳои таҳлил ва тафсири матн таҳия гардида, дар шароити озмоишӣ санҷида шуд. Ҳамчунин, маҷмӯи супоришҳои таҳлилӣ, тафсирӣ ва рефлексивӣ, ки фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро фаъол мегардонанд, коркард ва дар амал татбиқ гардид. Воситаҳои ташхисӣ, аз ҷумла меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои муайянкунии рушди тафаккури педагогӣ таҳия ва санҷида шуданд.

Методикаи пешниҳодшуда дар фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҷорӣ гардида, самаранокии он дар раванди таҷрибавӣ тасдиқ карда шуд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, инчунин ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо такя ба асосҳои методологии илмӣ, мувофиқати методҳо ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, истифодаи маҷмӯи методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, инчунин таҳлили ҳамаҷонибаи маълумоти таҷрибавӣ таъмин карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот ба осори бунёдии соҳаҳои фалсафа, психология ва педагогика такя намуда, бо мантиқи илмии таҳқиқ мувофиқат мекунанд. Тасвиби натиҷаҳо тавассути интишори мақолаҳои илмӣ ва иштирок дар конфронсҳои илмию амалӣ, аз ҷумла конфронсҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои рушди таълими забонҳои хориҷӣ, амалӣ гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаб**

Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар доираи педагогикаи тоҷик масъалаи истифодаи матнҳои таълимӣ ҳамчун воситаи рушди тафаккур ва салоҳияти омӯзгорони оянда забони англисӣ ба таври низомнок мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Муаллиф асосҳои назариявӣ, модели методӣ ва технологияҳои татбиқи онро таҳия намуда, самаранокии онҳоро дар шароити воқеии таълим санҷидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҳамаи марҳилаҳои иҷрои он (солҳои 2018-2025) тадриҷан апробатсия ва татбиқ гардиданд. Муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар ҷаласаҳои илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, инчунин дар конференсияҳои солонаи илмии дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантон ва унвонҷӯён мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи конфронсҳои илмӣ-методӣ ва ҳамоишҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ низ пешниҳод гардидаанд, аз ҷумла дар конференсияҳои «Мушкилоти мубрами филологияи муосир» (Душанбе, 2019) ва «Забони русӣ дар воқеияти муосир» (Душанбе, 2020), ки дар онҳо масъалаҳои такмили таълими забонҳои хориҷӣ баррасӣ шудаанд. Ин раванд имконият фароҳам овард, ки натиҷаҳои таҳқиқот аз нигоҳи илмӣ баҳогузорӣ ва такмил дода шаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 4 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки ҳамаи онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот дар маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин дар нашрияҳои шомили пойгоҳи электронии илмии eLIBRARY.ru (РИНЦ) интишор гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми кори таҳқиқотӣ.**

Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулосаҳо бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», инчунин аз номгӯи адабиёт иборат мебошад.

Номгӯи адабиёт ду зербахшро дар бар мегирад:

- феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда;
- феҳристи интишороти илмии довталаб.

Ҳаҷми умумии диссертатсия 193 саҳифаи матни компютерӣ буда, дар он 7 ҷадвал ва 7 расму диаграмма пешниҳод гардидааст. Рақамгузории ҷадвалҳо ва расмҳо пайдарҳам ва муттаҳид мебошад. Рӯйхати адабиёт 153 номгӯйро фаро мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ИНКИШОФИ ТАФАККУР ВА САЛОҲИЯТМАНДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

## 1.1. Моҳият, мазмун ва сохтори тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ ҳамчун падидаи психологӣ-педагогӣ

Таҳлили эмпирикӣ ва назариявии маълумот, ки ба соҳаҳои психология, педагогика ва фанҳои ба онҳо наздик, аз ҷумла психологияи педагогӣ тааллуқ доранд, барои дақиқ намудани моҳияти мафҳумҳои «тафаккур» ва «тафаккури педагогӣ» заминаи боэътимод фароҳам меорад. Тавре А.Л. Беляева қайд кардааст: *«фаҳмиши ҳамаҷонибаи тафаккур танҳо дар шароити ҳамгироии равишҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ имконпазир аст»* [21, с. 89]. Дар асоси чунин таҳлил, имконияти дарки амиқи вижагиҳои тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ ба вуҷуд меояд.

Тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ ҳамчун сифати мураккаби касбии омӯзгор тавсиф мегардад, ки қобилияти дарк, таҳлил ва арзёбии воқеияти педагогиро аз чанд ҷанба ва нуқтаи назар таъмин менамояд. Ин навъи тафаккур на танҳо равандҳои маърифатиро дар бар мегирад, балки ҷанбаҳои арзишӣ, рефлексивӣ ва эҷодиро низ муттаҳид месозад. Ба андешаи Ш.А.Амоношвили: *«... қабули қарорҳои педагогӣ дар шароити муосир талабгори тафаккури чандсамта ва чандвариантӣ мебошад»* [13, с. 57]. Маҳз ҳамин хусусият ба омӯзгор имкон медиҳад, ки дар шароити гуногуни таълимӣ қарорҳои асоснок ва самаранок қабул намояд.

Тафаккур ҳамчун падидаи мураккаби илмӣ дар доираи як қатор фанҳо - фалсафа, психология, педагогика, инчунин биология, нейрофизиология ва тиб - мавриди омӯзиш қарор дорад. Бо вуҷуди пешрафтҳои назаррас, масъалаҳои зиёди марбут ба табиат ва механизмҳои он то ҳол пурра ҳаллу фасл нашудаанд. Муҳаққиқ В.И.Андреев таъкид мекунад: *«... тафаккур яке аз мураккабтарин шаклҳои фаъолияти маърифатии инсон ба ҳисоб меравад»* [14, с. 44].

Дар сохтори психикаи инсон тафаккур воқеиятро дар низоми робитаҳо ва муносибатҳои он инъикос менамояд. Ҳангоми пайдо шудани эҳтиёҷ ба дарки амиқи падидаҳо, инсон ба фаъолияти фикрӣ рӯ меорад. Ба андешаи С. Рубинштейн, *«... тафаккур ҳамчун фаъолият равандест, ки инсонро дар тамоми ҳаёташ ҳамроҳӣ намуда, ба маърифати воқеият ва тағйир додани он равона мекунад»* [100, с. 146]. Ин нуқтаи назар нишон медиҳад, ки тафаккур бо фаъолияти амалӣ ва тағйирдиҳандаи инсон пайванди мустақим дорад.

Аз ин лиҳоз, тафаккур ҳамчун воситаи асосии маърифати воқеият баромад намуда, дар сохтори шахсият ва шуури инсон ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад. К.В.Першина чунин иброз медорад: *«... тафаккур шакли динамикии вуҷуд доштани шуур мебошад»* [91, с. 107]. Ҳамзамон, баъзе равандҳои он метавонанд дар сатҳи нохудогоҳ амалӣ гарданд, аммо таҳқиқи он берун аз доираи шуур ғайриимкон ҳисобида мешавад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими вазъияти педагогӣ мавҷудияти номувофиқатӣ байни ҳадаф ва имконияти фаврии ноил шудан ба он мебошад. Бинобар ин, ҳар як вазъияти педагогӣ ба дараҷаи муайян хусусияти мушкилӣ дорад, ки ҳалли онро тавассути фаъолияти фикрии омӯзгор таъмин кардан лозим аст.

Фаъолияти педагогӣ ҳамчун ҷанбаи равандии воқеияти педагогӣ баррасӣ мегардад. Тавре ки К.А.Абулханова таъкид мекунад: *«... он як навъи махсуси фаъолияти иҷтимоӣ мебошад, ки ба интиқоли таҷриба ва фарҳанг аз насли калонсол ба насли наврас равона шудааст»* [8, с. 63]. Ин фаъолият барои фароҳам овардани шароити рушди шахсият ва иҷрои нақшҳои иҷтимоӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Ҳадафи фаъолияти педагогӣ дар корҳои И. А. Зимняя, В. С. Кукушкин ва дигар муҳаққиқон низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз ҷумла, В. С. Кукушкин менависанд, ки *«... рушди шахсияти ҳамоҳанг ва иҷтимоан фаъол тавассути фаъолгардонии захираҳои дохилии инсон амалӣ мегардад»* [68, с. 48]. Бо вуҷуди ин, натиҷаи фаъолияти педагогӣ бинобар таъсири

омилҳои гуногуни муҳит ва мураккабии худи шахсият ба осонӣ чен карда намешавад.

Воситаҳои фаъолияти педагогӣ мафҳуми фарох дошта, татбиқи онро тавассути усулҳо, шаклҳо ва ҳамкории мутақобилаи омӯзгор ва донишҷӯ дар бар мегиранд. Дар маънои маҳдудтар, он фаъолияти касбии омӯзгорро бо истифода аз воситаҳои муайяни дидактикӣ ва техникӣ дар назар дорад.

Сохтори тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ аз маҷмӯи ҷузъҳои бо ҳам алоқаманд иборат мебошад. Ҷузъи маърифатӣ дарки донишҳои педагогӣ ва таҳлили вазъиятҳоро таъмин менамояд. Ҷузъи таҳлилӣ ва интиқодӣ ба арзёбии иттилоот ва интихоби роҳҳои самараноки ҳалли масъалаҳо мусоидат мекунад. Ҷузъи худшиносӣ қобилияти худтаҳлилкунӣ ва баҳогузории фаъолияти шахсиро дар бар мегирад. Ҷузъи эҷодӣ имконияти пешниҳоди роҳҳои нав ва ғайримаъмулӣ барои ҳалли масъалаҳои педагогиро фароҳам месозад. Дар баробари ин, ҷузъи арзишӣ ва ахлоқӣ самтгирии фаъолияти омӯзгорро муайян намуда, онро бо меъёрҳои иҷтимоӣ ва касбӣ мутобиқ мегардонад.

Бо дарназардошти сохтори зикршудаи тафаккури педагогӣ, амалӣ гардидани он дар раванди фаъолияти воқеии омӯзгор тавассути як қатор марҳилаҳои пайдарпай сурат мегирад. Дар ин замина психологи барҷастаи рус С.Л. Рубинштейн, ки раванди таълим ва мушкилиҳои онро амиқан омӯхтааст, марҳилаҳои зерини фаъолияти педагогиро ҷудо мекунад: «фаъолияти омӯзгор аз дарки вазъияти проблемавӣ оғоз шуда, тавассути таҳлил, интихоб ва амалисозии роҳи беҳтарин ба натиҷаи мушаххас мерасад» [Рубинштейн, С.Л. Асосҳои психологияи умумӣ. - М.: Педагогика, 1989. - С. 104]:

1. Дар назди омӯзгор вазифаи таълиму тарбия ва вазъияти проблемавии ба худ хос пайдо мешавад, ки бояд дарк ва баҳогузории ибтидоӣ карда шавад - дар ҳамин замина ғояи амали минбаъдаи педагогӣ шакл мегирад.

2. Дарк ва тадқиқи ҳадафи мушаххаси ғояи пайдошуда барои ҳалли вазъияти проблемавӣ амалӣ мегардад - «хомдӯзиҳо»-и норавшан дар афкори омӯзгор бо вазифаи мушаххас бархӯрда, аз рӯйи имкони татбиқ нисбат ба субъекти мазкур интихоб карда мешаванд.

3. Мушоҳидаҳо аз болои объекти таъсиррасонӣ гузаронида, маълумот ҷамъоварӣ мешавад - ин барои интихоби минбаъдаи ҳалли эҳтимолӣ заруур аст ва ғояҳои нав дар бобати ҳалли вазъияти проблемавӣ ба миён меоянд.

4. Аз миёни имкониятҳои гуногун беҳтарин гуна интихоб ва амалӣ карда мешавад.

5. Натиҷаи таъсиррасонии педагогӣ таҳлил ва арзёбии интиқодӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр мебинем, ки фаъолияти педагогӣ метавонад эҷодкориро дар ҳамаи марҳилаҳо дар бар гирад ва тафаккури педагогӣ унсури асосии он ба шумор меравад. Тартиби эҷодкории педагогиро метавон чунин тавсиф намуд:

- арзёбии вазъият;

- ҷустуҷӯи роҳҳои гуногуни қонеъсозии ҳадафҳо ва мутобиқ намудани онҳо ба шароитҳои мухталиф;

- интихоби роҳҳои муносиб барои татбиқи ҳадафҳои таълимӣ ва тарбиявӣ.

Марҳилаҳои зикршуда нишон медиҳанд, ки фаъолияти педагогӣ бевосита ба тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгор такя мекунад. Дар ҳар як зина омӯзгор маҷбур мегардад вазъияти таълимиро аз нуқтаҳои гуногун таҳлил намуда, имкониятҳои ҳалли онро муқоиса ва арзёбӣ кунад. И.А. Зимняя дар ин бора чунин таъкид менамояд: «самаранокии фаъолияти педагогӣ аз қобилияти таҳлили чандсамтаи вазъият вобаста мебошад» [Зимняя, И.А. Психологияи педагогӣ. - М.: Логос, 2004. - С. 19]. Ин ҳолат бори дигар собит месозад, ки тафаккур ва салоҳият ҳамчун механизми калидии ҳалли масъалаҳои педагогӣ амал мекунанд.

Алгоритми пешниҳодшудаи фаъолияти педагогӣ татбиқи эҷодии онро пешбинӣ менамояд, махсусан дар марҳилаҳои ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъала ва мушаххас намудани вазифаҳои таълиму тарбия. Ба андешаи В. И. Загвязинский, *«... эҷодкории педагогӣ метавонад ҳам бо стратегия ва ҳам бо тактикаи таълим алоқаманд бошад, аммо хусусияти он бештар дар сатҳи тактика зоҳир мегардад, ки дар он навоварӣ ва чандирии амалҳо афзалият доранд»* [41, с.117]. Ҳамзамон, ӯ таъкид мекунад, ки эҷодкорӣ дар педагогика бо равандҳои пешгӯӣ, пешниҳоди гипотезаҳо, таҳияи ғояҳо ва моделсозии вазъиятҳои эҳтимолии педагогӣ робитаи зич дорад.

Бо вуҷуди ин, дар ҳолате ки омӯзгор ҳадафи дақиқи фаъолияти худро муайян накардааст, имконияти пешгӯии натиҷаҳо ва банақшагирии самараноки фаъолияти педагогӣ маҳдуд мегардад. Аз ин рӯ, яке аз шартҳои асосии фаъолияти эҷодии омӯзгор қобилияти дуруст ва мақсаднок матраҳ намудани ҳадаф мебошад. Тавре М.М.Бахтин қайд кардааст: «ҳадафгузории дақиқ заминаи асосии фаъолияти эҷодӣ ва самаранокии он ба ҳисоб меравад» [19, с. 362].

Эҷодкории педагогӣ ҳамчун ҷузъи таркибии муҳими тафаккур ва салоҳиятнокии омӯзгор баромад мекунад. Маҳз тавассути фаъолияти эҷодӣ омӯзгор қобилияти таҳлили вазъиятҳоро аз нуқтаҳои гуногун ва пешниҳоди қарорҳои алтернативиро амалӣ менамояд. Дар ҳамин замина таъкид мегардад, ки *«... фаъолияти эҷодӣ шакли зоҳиршавии сатҳи баланди тафаккури касбӣ мебошад»* [19, с.366]. Аз ин лиҳоз, модели омӯзгори эҷодкорро метавон ҳамчун шакли амалӣ гардидани тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ арзёбӣ намуд.

Таҳлили мавқеъҳои илмии марбут ба эҷодкории педагогӣ нишон медиҳад, ки он ҳамчун натиҷаи ҳамгироии тафаккур, дониш, таҷриба ва салоҳиятҳои касбии омӯзгор ташаккул меёбад. Барои инъикоси аёнӣ ва низомноки ҷузъҳои асосии фаъолияти эҷодии омӯзгор, инчунин нишон додани робитаи онҳо бо тафаккур ва салоҳиятмандии касбӣ, модели

сохтории омӯзгори эҷодкор дар шакли расми зерин пешниҳод карда мешавад.




**Расми 1. - Амсилаи эҷодкор будани омӯзгор**

Амсилаи пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки эҷодкорӣ на танҳо хусусияти инфиродии омӯзгор, балки механизми муҳими амалисозии тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ ба ҳисоб меравад. В.И. Андреев таъкид менамояд, ки *«... эҷодкорӣ дар фаъолияти педагогӣ ҳамчун шарти асосии навоварӣ ва самаранокӣ баромад мекунад»* [14, с. 72].

Амсила инчунин гувоҳӣ медиҳад, ки эҷодкории омӯзгор раванди пайваста ва динамикӣ мебошад. Он бо чорчӯби муайяни вақт маҳдуд нашуда, тамоми фаъолияти касбии омӯзгорро фаро мегирад. Эҷодкорӣ на танҳо дар ҷараёни дарс, балки дар марҳилаҳои омодагӣ ва таҳлили баъдидарсӣ низ зоҳир мегардад. Тавре ки қайд мешавад, «фаъолияти эҷодӣ хусусияти давомдор дошта, ба такмили пайвастаи таҷрибаи педагогӣ равона шудааст» [17, с. 64]. Аз ин рӯ, омӯзгори эҷодкор пайваста дар ҷустуҷӯи роҳҳои нав ва самараноки таълим қарор дошта, онҳоро дар амал санҷида ва такмил медиҳад.

Аз ин лиҳоз, эҷодкории педагогӣ ҳамчун ҷузъи таркибии муҳими тафаккур ва салоҳиятмандӣ баррасӣ мегардад, зеро маҳз тавассути он омӯзгор имкони интихоби роҳҳои ғайристандартии ҳалли масъалаҳои таълимиро пайдо мекунад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки тафаккур ва

салоҳият на танҳо ба таҳлил ва арзёбӣ, балки ба тавлиди ғояҳои нав ва қарорҳои инноватсионӣ низ равона шудааст.

Ба андешаи В. И. Загвязинский, *«... шахсияти омӯзгор дар ҳалли тамоми вазифаҳои педагогӣ нақши ҳалкунанда дорад»* [41, с.53]. Ҳамзамон он ҷо таъкид мегардад, ки *«эҷодкории педагогӣ бидуни ҷаҳонбинии васеъ, фарҳанги баланд ва рушди қобилиятҳои эҷодӣ имконнопазир аст»* [40, с.55]. Дар ин замина, чунин сифатҳо, ба монанди дониши амиқ, ҳисси навоварӣ, қобилияти таҳлил ва худтаҳлилкунӣ, чандирӣ ва вусъати тафаккур, фаъолиятнокӣ, ирода ва тахайюли рушдёфта, барои ташаккули шахсияти эҷодии омӯзгор аҳамияти калидӣ доранд. Илова бар ин, ба андешаи мо, *«... мушоҳидакории педагогӣ, муносибати инфиродӣ ба донишҷӯ, қобилияти дарки мавқеи ӯ ва банақшагирии рушди шахсияти вай низ ҷузъҳои муҳими фаъолияти эҷодӣ маҳсуб меёбанд»* [116, с.96].

Фаъолияти педагогӣ ҳамчун низоми мураккаби салоҳият баромад намуда, ҷанбаҳои гуногуни идоракунии раванди таълимро муттаҳид месозад. Ин хусусият аз омӯзгор талаб мекунад, ки вазъиятҳои педагогиро аз чанд нуқтаи назар таҳлил намуда, қарорҳои гуногунвариантӣ ва асоснок қабул намояд. Дар ҳамин замина, дар адабиёти илмӣ қайд мешавад, ки «самаранокии фаъолияти педагогӣ бевосита аз сатҳи рушди тафаккури касбӣ вобаста аст» [19, с. 81].

Гуногуншаклии фаъолияти педагогӣ хусусияти салоҳиятмандии онро ба таври возеҳ инъикос менамояд. Тафаккур ва салоҳият бо воқеияти шахсии омӯзгор пайванди ногусастанӣ доранд. М.М. Бахтин, ки масъалаи дарк ва тафсири воқеиятро амиқан таҳлил кардааст, таъкид менамояд: «воқеият дар раванди муколама ва тафсири фаъоли он аз ҷониби шахс дарк карда мешавад - на ҳамчун объекти пассив, балки ҳамчун фазои зинда» [Бахтин, М.М. Эстетика словесного творчества. - М.: Искусство, 1979. - С. 363]. Воқеият худ дорои хусусияти бисёрқабата аст ва дарки он истифодаи воситаҳои мувофиқи маърифат - аз ҷумла тафаккури педагогӣ ва салоҳиятмандии касбӣ - ро зарурӣ мегардонад.

Таҳлили фаъолияти педагогӣ нишон медиҳад, ки омӯзгор дар раванди рушди касбӣ аз сатҳи бозгӯии дониш ба сатҳи ташкили системавии раванди таълим мегузарад. Ин раванд аз ӯ талаб мекунад, ки вазъиятҳои педагогиро аз нуқтаҳои гуногун таҳлил намуда, қарорҳои гуногунвариантӣ ва асоснок қабул намояд, ки ин бевосита бо рушди тафаккур ва салоҳият алоқаманд мебошад.

Мавқеи баррасишуда нишон медиҳад, ки фаъолияти педагогӣ дорои хусусияти салоҳиятнокӣ буда, татбиқи самараноки он танҳо дар шароити рушди тафаккури чандсамтаи омӯзгор имконпазир мегардад. Дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, ки «самаранокии фаъолияти педагогӣ бевосита ба сатҳи рушди шуури касбӣ ва тафаккури омӯзгор вобаста мебошад» [1, с. 88].

Дар ин замина, масъалаи робитаи тафаккури педагогӣ бо шуури педагогӣ аҳамияти махсус касб менамояд. Инъикоси воқеият ва фаъолияти педагогӣ маҳз дар доираи шуури педагогӣ сурат мегирад. Шуури педагогӣ ҳамчун категорияи муҳими педагогика самтгирии умумии фаъолияти омӯзгорро муайян менамояд. Ба андешаи Н.С.Буйков, «шуури педагогӣ маҷмӯи равандҳои зеҳнӣ, иродавӣ ва арзиширо дар бар гирифта, ҳамчун асоси дарк ва танзими фаъолияти педагогӣ баромад мекунад» [26, с.73].

Шуури педагогӣ аз тафаккури педагогӣ бо он фарқ мекунад, ки он дорои хусусияти фарогир буда, на танҳо равандҳои фикрӣ, балки низоми арзишҳо, таҷриба ва муносибатҳои омӯзгорро муттаҳид месозад. Дар ҳамин ҳол, тафаккури педагогӣ бештар ба таҳлил, қабули қарор ва ҳалли масъалаҳои мушаххаси таълимӣ равона шудааст. Тавре ки қайд мегардад, «тафаккур ҳамчун ҷузъи амалӣ намудани шуур дар равандҳои мушаххаси фаъолият зоҳир мегардад» [17, с. 61].

Ин фарқият имкон медиҳад, ки тафаккур ва салоҳият ҳамчун механизми амалии татбиқи шуури педагогӣ баррасӣ гардад, зеро маҳз тавассути он мазмуни шуур дар фаъолияти воқеии омӯзгор ифода меёбад.

Бо дарназардошти он ки шуури педагогӣ ва тафаккури педагогӣ дар алоқамандии зич қарор доранд, аммо аз рӯйи моҳият, сохтор ва вазифаҳои

худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд, зарурати таҳлили муқоисавии онҳо ба миён меояд. Муқоисаи системавии ин ду падида имкон медиҳад, ки ҷойгоҳ ва нақши ҳар кадоми онҳо дар ташаккули фаъолияти касбӣ-педагогии омӯзгор равшантар муайян карда шавад. Бо мақсади ҷамъбаст ва низомсозии хусусиятҳои асосии онҳо, маълумоти муқоисавӣ дар ҷадвали 1 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 1 – Таносуб ва хусусиятҳои шуури педагогӣ ва тафаккури педагогӣ**

| Меъёрҳои муқоиса | Шуури педагогӣ | Тафаккури педагогӣ |
|---|---|---|
| Моҳият | Низоми ягонаи донишҳо, арзишҳо, эътиқодҳо, муносибатҳо ва таҷрибаи касбии омӯзгор | Раванди маърифатӣ ва зеҳнӣ, ки таҳлил, фаҳмиш ва ҳалли масъалаҳои педагогиро таъмин менамояд |
| Ҳаҷм | Мафҳуми васеътар буда, тамоми ҷанбаҳои шуури касбиро фаро мегирад | Ҷузъи таркибии шуури педагогӣ мебошад |
| Сохтор | Унсурҳои маърифатӣ, арзишӣ, ангезавӣ, эҳсосӣ ва иродавиро дар бар мегирад | Амалиётҳои таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст, хулосабарорӣ, инъикос ва пешбиниро дар бар мегирад |
| Вазифаи асосӣ | Самтдиҳӣ ва танзими фаъолияти касбӣ дар асоси арзишҳо ва мақсадҳои педагогӣ | Ҳалли масъалаҳо, қабули қарорҳо ва таҳлили вазъиятҳои педагогӣ |
| Объекти амал | Фаъолияти педагогӣ ва раванди таълиму тарбия дар маҷмӯъ | Вазъиятҳои мушаххаси педагогӣ ва масъалаҳои касбӣ |
| Натиҷаи зоҳиршавӣ | Ташаккули мавқеи касбӣ, ҷаҳонбинӣ ва муносибати педагогӣ | Қабули қарорҳои асоснок ва ҳалли самараноки масъалаҳои педагогӣ |
| Сатҳи рушд | Аз таҷрибаи рӯзмарра то сатҳи шуури илмӣ-педагогӣ | Аз тафаккури аёнӣ-амалӣ то тафаккури назариявӣ ва рефлексивӣ |
| Нақш дар омодагии омӯзгор | Заминаи арзишӣ ва ҷаҳонбинии фаъолияти касбиро таъмин менамояд | Самаранокии фаъолияти зеҳнӣ ва касбии омӯзгорро таъмин менамояд |

Маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳанд, ки шуури педагогӣ ва тафаккури педагогӣ дар алоқамандии зич қарор доранд, аммо аз ҷиҳати мазмун ва вазифаҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Шуури педагогӣ ҳамчун низоми фарогири донишҳо, арзишҳо ва муносибатҳои касбӣ баромад намуда, тафаккури педагогӣ механизми зеҳнии таҳлил, фаҳмиш ва ҳалли масъалаҳои педагогиро таъмин менамояд. Аз ин рӯ, тафаккури педагогӣ ҳамчун ҷузъи муҳими шуури педагогӣ баррасӣ гардида, рушди он яке аз шартҳои асосии

ташаккули салоҳиятмандии касбии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили хусусиятҳои муқоисавии мазкур нишон медиҳад, ки барои дарки моҳияти фаъолияти касбии омӯзгор пеш аз ҳама нақши шуури педагогӣ бояд равшан карда шавад. Зеро маҳз шуури педагогӣ ҳамчун заминаи арзишӣ-маърифатии фаъолияти омӯзгор баромад намуда, самт ва хусусияти ташаккули тафаккури педагогиро муайян менамояд. Аз ин рӯ, баррасии моҳият ва вазифаҳои шуури педагогӣ аҳамияти махсуси назариявӣ дорад.

Шуури педагогӣ хусусияти умумӣ ва самтгирии фаъолияти омӯзгорро муайян намуда, заминаи ташаккули тафаккури педагогиро фароҳам меорад, дар ҳоле ки тафаккури педагогӣ, дар навбати худ, шуурро бо натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои мушаххаси таълимӣ ва таҷрибаи амалӣ ғанӣ мегардонад. Дар адабиёти илмӣ таъкид мешавад, ки «ҳамгироии шуур ва тафаккур шарти муҳими самаранокии фаъолияти касбӣ мебошад» [1, с. 92]. Тафаккури педагогӣ бо такя ба таҷрибаи пештараи дар хотира маҳфуз буда қобилияти табдил додани маълумоти педагогиро ба донишҳои амалиро пайдо намуда, ба раванди тавлиди дониш хусусияти мустақил мебахшад.

Ҳамин тавр, бояд таъкид кард, ки шуури педагогиро наметавон бо тафаккури педагогӣ, ки танҳо як ҷузъи муҳими зеҳнии он мебошад, баробар донист. Мафҳуми «шуури педагогӣ» фарогиртар буда, на танҳо равандҳои фикрӣ, балки таҷрибаи эмпирикӣ, низоми арзишҳо ва муносибатҳои омӯзгорро дар бар мегирад. Дар ҳамин ҳол, «тафаккури педагогӣ бештар ба таҳлил, қабули қарор ва ҳалли масъалаҳои мушаххаси таълимӣ равона шудааст» [17, с. 67]. Аз ин рӯ, шуури педагогӣ фаъолияти омӯзгорро дар сатҳи маъноӣ ва арзишӣ танзим намуда, тафаккур ҳамчун механизми амалисозии он баромад мекунад.

Таҳлили муносибати байни шуури педагогӣ ва тафаккури педагогӣ нишон медиҳад, ки онҳо ҳамчун ҷузъҳои муҳими омодагии касбии омӯзгор баромад менамоянд. Аммо фаъолияти самараноки педагогӣ на танҳо ба

сатҳи рушди шуур ва тафаккур, балки ба қобилияти истифодаи дониш, таҷриба ва имкониятҳои шахсӣ дар амал низ вобаста мебошад. Маҳз ҳамин зарурат боиси ворид гардидани муносибати босалоҳият ба назария ва амалияи таҳсилоти муосир гардидааст. Дар ин замина мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятмандӣ» ҳамчун категорияҳои муҳими педагогӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд.

Дар шароити муосири рушди низоми таҳсилот масъалаи ташаккули салоҳиятмандии касбӣ-педагогии омӯзгорон аҳамияти махсус касб намудааст. Ворид гардидани мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятмандӣ» ба мазмун ва сохтори таҳсилот ба зарурати омода намудани мутахассисоне вобаста мебошад, ки на танҳо соҳиби донишҳои назариявӣ бошанд, балки онҳоро дар шароити воқеии фаъолияти касбӣ самаранок истифода карда тавонанд. Таҷрибаи амалии таҳсилот нишон медиҳад, ки аз худ намудани донишҳо худ ба худ кафолати муваффақияти фаъолияти касбиро таъмин намекунад. Аз ин рӯ, имрӯз таваҷҷуҳ бештар ба ташаккули қобилияти татбиқи дониш, ҳалли масъалаҳои касбӣ ва қабули қарорҳои мустақилона равона гардидааст.

Муносибати босалоҳият ба таҳсилот тақозо менамояд, ки дар ҷараёни омодасозии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дониш, малака ва таҷрибаи касбӣ дар шакли низоми ягона ва ҳамгиро ташаккул дода шаванд. И.А. Зимняя дар ин бора чунин таъкид менамояд: «муносибати босалоҳият мазмун, усулҳо ва технологияҳои таълимиро ба рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгор нигаронида, дониш ва малакаҳоро ҳамчун воситаи фаъолияти касбӣ баррасӣ менамояд» [Зимняя, И.А. Ключевые компетенции - новая парадигма результата образования. - М.: Высшая школа, 2003. - С. 23]. Аз ин рӯ, барои таҳлили масъалаи ташаккули салоҳиятмандии омӯзгорониояндаи забони англисӣ пеш аз ҳама муайян намудани моҳият ва мазмуни мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятмандӣ» зарур мебошад.

Дар адабиёти психологӣ ва педагогӣ нисбат ба мафҳумҳои мазкур шарҳу тафсирҳои гуногун пешниҳод шудаанд. А.В. Хуторской фарқияти

байни ин ду мафҳумро чунин муайян мекунад: «салоҳият маҷмӯи талаботи иҷтимоии аз пеш муқарраршуда ба омодагии шахс мебошад, дар ҳоле ки салоҳиятмандӣ ин соҳибии шахс ба салоҳияти мазкур аст, ки ба он муносибати шахсии ӯ ва мавзӯи фаъолият дохил мешавад» [Хуторской, А.В. Технология проектирования ключевых и предметных компетенций. - М.: Эйдос, 2005. - С. 58]. Гарчанде ки дар бисёр ҳолатҳо истилоҳҳои «салоҳият» ва «салоҳиятмандӣ» ҳамчун мафҳумҳои ба ҳам наздик истифода мешаванд, Дж. Равен байни онҳо фарқияти муайянро ҷудо карда, салоҳиятмандиро ҳамчун «қобилияти мушаххасе, ки барои иҷрои самараноки амали мушаххас дар соҳаи мушаххас зарур аст» муайян менамояд [Равен, Дж. Компетентность в современном обществе. - М.: Когито-Центр, 2002. - С. 253]. Дар луғатҳои тафсирӣ ва манбаъҳои илмӣ мафҳуми competence бештар ҳамчун қобилият, кордонӣ, омодагӣ ва тавоноии шахс барои иҷрои фаъолияти муайян шарҳ дода мешавад.

Аз ҷумла, муаллифони луғати тафсирии таҳти таҳрири Д.И. Ушаков мафҳуми «салоҳият» ва «салоҳиятмандӣ»-ро аз ҷумлаи аввалинҳо шарҳ додаанд. Ба андешаи онҳо, «салоҳият - огоҳӣ, эътибор, обрӯй; салоҳиятмандӣ - доираи масъалаҳо ва ҳодисаҳое мебошад, ки шахс дар онҳо дорои дониш, таҷриба ва ваколати зарурӣ маҳсуб меёбад» [124, с. 14–18]. Мазмуни мазкур нишон медиҳад, ки салоҳиятмандӣ танҳо ба доштани дониш маҳдуд нашуда, инчунин омодагӣ ва қобилияти истифодаи самараноки онро дар фаъолияти амалӣ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, салоҳиятмандӣ метавонад ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои муҳими омодагии касбии омӯзгор баррасӣ гардад.

Бо вуҷуди аҳамияти таърифҳои аввалияи луғавӣ, онҳо моҳияти педагогии мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятмандӣ»-ро пурра инъикос намекунанд. Аз ин рӯ, дар педагогикаи муосир кӯшишҳои зиёде барои мушаххас намудани мазмун ва сохтори ин мафҳумҳо анҷом дода шудаанд. Дар байни чунин таҳқиқот мавқеи махсусро корҳои А.В. Хуторской ишғол менамоянд.

Дар рушди назарияи муносибати босалоҳият саҳми назарраси А.В. Хуторской мавқеи махсус дорад. Ба андешаи ӯ, «салоҳият талаботи пешакӣ муайяншудаи иҷтимоӣ нисбат ба омодагии шахс барои фаъолияти самаранок дар соҳаи муайян мебошад, дар ҳоле ки салоҳиятмандӣ соҳиб будан ва амалӣ намудани ин салоҳиятҳо дар фаъолияти воқеӣ ба ҳисоб меравад» [130, с. 106]. Аз ин нуқтаи назар, салоҳият ҳамчун меъёри иҷтимоӣ ва касбӣ баромад намуда, салоҳиятмандӣ сатҳи воқеии азхудкунӣ ва татбиқи онро ифода мекунад. Барои омӯзгори ояндаи забони англисӣ чунин фаҳмиш аҳамияти махсус дорад, зеро фаъолияти касбии ӯ на танҳо донишҳои забонӣ, балки қобилияти истифодаи онҳоро дар шароити гуногуни таълимӣ ва коммуникативӣ талаб менамояд.

Бо вуҷуди рушди назарияи муносибати босалоҳият, то ҳол дар адабиёти илмӣ нисбат ба моҳият, сохтор ва хусусиятҳои салоҳият ва салоҳиятмандӣ андешаҳои гуногун вуҷуд доранд. Ин ҳолат ба мураккабии худи падида ва гуногунии равишҳои методологӣ вобаста мебошад.

Ҷ. Равен салоҳиятро ҳамчун маҷмӯи дониш, малака, қобилият ва сифатҳои шахсӣ шарҳ медиҳад, ки барои фаъолияти самараноки инсон аҳамияти муҳим доранд. Муҳаққиқ таъкид менамояд: «ҳангоми муайян намудани сатҳи салоҳият на танҳо ҳаҷми дониш, балки арзиш ва аҳамияти фаъолияти иҷрошаванда барои худи субъект низ ба назар гирифта мешавад» [Равен, Дж. Компетентность в современном обществе: выявление, развитие и реализация. - М.: Когито-Центр, 2002. - С. 253].

Мавқеи Ҷ. Равен бештар ба ҷанбаҳои шахсӣ ва ангезавии салоҳиятмандӣ такя мекунад. В.М. Шепел салоҳиятро бо дониш, малака, таҷриба ва омодагии назариявию амалии шахс алоқаманд медонад, зеро ба андешаи ӯ: «салоҳият танҳо соҳиб будани дониш нест, балки қобилияти татбиқи самараноки он дар вазъиятҳои воқеии касбӣ мебошад» [Шепель, В.М. Человековедческая компетентность менеджера. - М.: Народное образование, 1999. - С. 68].

А.В. Хуторской дар ин бора чунин таъкид менамояд: «салоҳиятмандӣ яъне соҳибии шахс ба салоҳияти мазкур аст, ки ба он муносибати шахсии ӯ ва мавзӯи фаъолият дохил мешавад» [Хуторской, А.В. Технология проектирования ключевых и предметных компетенций. - М.: Эйдос, 2005. - С. 58].

Бо такя ба ин андешаҳо метавон мавқеи таҳқиқоти мазкурро муайян намуд. Ба назари мо, салоҳиятмандӣ пеш аз ҳама қобилияти сафарбар ва истифода намудани дониш, таҷриба ва имкониятҳои шахсӣ дар шароити мушаххаси фаъолияти касбӣ мебошад. Мафҳуми «салоҳият», ки аз калимаи лотинии «competence» сарчашма гирифтааст, тахассус, кордонӣ ва қобилияти иҷрои самараноки фаъолияти муайянро ифода менамояд. Дар заминаи таҳқиқоти мазкур салоҳиятмандии касбӣ-педагогии омӯзгори ояндаи забони англисӣ ҳамчун маҷмӯи донишҳои тахассусӣ, маҳорати методӣ, қобилиятҳои коммуникативӣ, тафаккури педагогӣ ва таҷрибаи амалие фаҳмида мешавад, ки татбиқи самараноки фаъолияти таълимиро таъмин менамоянд.

Дар таҳқиқоти худ А.В. Хуторской мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятмандӣ»-ро аз ҳам ҷудо намуда, таърифҳои мушаххас пешниҳод менамояд. Ба андешаи ӯ, «салоҳият маҷмӯи хислатҳои ба ҳам алоқаманди шахсият (дониш, қобилият, малака ва усулҳои фаъолият) мебошад, ки нисбат ба доираи муайяни объектҳо ва равандҳо муқаррар гардида, барои фаъолияти босамар зарур мебошанд». Ҳамзамон, муҳаққиқ таъкид менамояд, ки «салоҳиятмандӣ соҳиб будани шахс ба салоҳияти мувофиқ ва муносибати шахсии ӯ нисбат ба соҳаи фаъолияти худ мебошад» [131, с. 58-60].

Мавқеи мазкур нишон медиҳад, ки салоҳият ҳамчун маҷмӯи талабот ва хусусиятҳои муайяни касбӣ баромад намуда, салоҳиятмандӣ дараҷаи воқеии азхудкунӣ ва татбиқи онҳоро дар фаъолияти амалӣ ифода мекунад. Барои омӯзгори ояндаи забони англисӣ чунин фаҳмиш аҳамияти махсус дорад, зеро фаъолияти касбии ӯ на танҳо аз худ намудани донишҳои лингвистӣ ва

методӣ, балки истифодаи самараноки онҳо дар вазъиятҳои гуногуни таълимӣ ва коммуникативиро тақозо менамояд.

Гузариш аз модели анъанавии таълим, ки асосан ба азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо такя мекунад, ба модели босалоҳият имкон медиҳад, ки натиҷаи таълим на танҳо бо ҳаҷми донишҳои азхудшуда, балки бо қобилияти истифодаи онҳо дар фаъолияти воқеии касбӣ муайян карда шавад. Дар ин замина, омӯзгориояндаи забони англисӣ бояд омода бошад, ки донишҳои назариявии худро дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва коммуникативӣ татбиқ намояд.

А.В. Хуторской вобаста ба сатҳи умумият ва доираи татбиқ се гурӯҳи асосии салоҳиятҳоро ҷудо менамояд ва дар ин бора чунин таъкид мекунад: «салоҳиятҳо ба се сатҳ тақсим мешаванд - калидӣ, умумифаннӣ ва фаннӣ, ки ҳар кадоме аз онҳо доираи муайяни омодагии шахсро дар бар мегирад» [Хуторской, А.В. Технология проектирования ключевых и предметных компетенций. - М.: Эйдос, 2005. - С. 7]:

- салоҳиятҳои калидӣ, ки мазмуни умумии таҳсилот ва омодагии шахсро барои ҳаёт ва фаъолияти иҷтимоӣ фаро мегиранд;

- салоҳиятҳои умумифаннӣ, ки ба доираи муайяни фанҳо ва соҳаҳои таҳсилот дахл доранд;

- салоҳиятҳои фаннӣ, ки хусусияти мушаххас дошта, дар доираи як фан ё самти муайяни фаъолияти касбӣ ташаккул меёбанд.

Дар заминаи таҳқиқоти мазкур ҳамаи сатҳҳои зикршуда барои ташаккули салоҳиятмандии касбӣ-педагогии омӯзгорониояндаи забони англисӣ аҳамияти муҳим дошта, ҳамчун асоси рушди тафаккури касбӣ, фаъолияти эҷодӣ ва омодагии онҳо ба фаъолияти мустақили педагогӣ баромад менамоянд.

Таснифоти мазкур сохтори умумии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, аммо барои дарки амиқтари моҳияти онҳо муайян намудани муносибати байни салоҳият ва салоҳиятмандӣ низ муҳим мебошад. Е.М. Алифанова дар ин бора чунин таъкид менамояд: «салоҳият маҷмӯи дониш, маҳорат ва

малака буда, салоҳиятмандӣ қобилияти истифодаи самараноки онҳо дар фаъолияти амалӣ мебошад - маҳз дар фаъолияти воқеӣ сатҳи салоҳиятмандии шахс зоҳир мегардад» [Алифанова, Е.М. Формирование коммуникативной компетентности детей дошкольного и младшего школьного возраста. - М.: Педагогика, 2001. - С. 45]. Муҳаққиқ инчунин таъкид менамояд, ки дар шароити муосир салоҳиятҳои калидӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди шахсият ба ҳисоб мераванд.

Дар байни ҳамаи гурӯҳҳои салоҳиятҳо барои омӯзгорони оянда забони англисӣ аҳамияти махсусро салоҳиятҳои коммуникативӣ касб менамоянд. Маҳз онҳо самаранокии фаъолияти таълимӣ, иртиботӣ ва байнифарҳангии омӯзгорро муайян мекунанд. Мувофиқи андешаи муҳаққиқон, салоҳияти коммуникативӣ ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: «донистани роҳҳо ва воситаҳои муоширати самаранок; қобилияти истифодаи забон ҳамчун воситаи иртибот дар шароити гуногуни иҷтимоӣ ва касбӣ; азхудкунии нутқи диалогӣ ва монологӣ; соҳиб шудан ба фарҳанги нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ; истифодаи меъёрҳои забонӣ дар фаъолияти таълимӣ ва касбӣ; маҳорати кор ва ҳамкорӣ дар гурӯҳ; қобилияти ташкили ҳамкории таълимӣ; иҷрои нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ ва касбӣ; доштани тафаккури интиқодӣ» [Азимов, Э.Г., Щукин, А.Н. Новый словарь методических терминов и понятий. - М.: ИКАР, 2009. - С. 191].

Барои омӯзгори оянда забони англисӣ салоҳияти коммуникативӣ танҳо донистани қоидаҳои забон ё воҳидҳои лексикию грамматикӣ нест. Он ҳамчунин қобилияти истифодаи амалии забонро дар раванди таълим, ташкили муоширати байнифарҳангӣ, роҳандозии ҳамкории самаранок бо донишҷӯён ва ҳалли масъалаҳои касбӣ дар муҳити бисёрзабона дар бар мегирад. Аз ин рӯ, сатҳи рушди салоҳияти коммуникативӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими омодагии касбӣ-педагогии омӯзгори забони англисӣ маҳсуб меёбад.

Аҳамияти салоҳиятҳои мазкур на танҳо дар таҳқиқоти алоҳидаи илмӣ, балки дар санадҳои меъёрии соҳаи маориф низ инъикос ёфтааст. Самтгирии

таҳсилоти муосир ба натиҷаҳои босалоҳият зарурати рушди ҳамаҷонибаи шахсияти омӯзгорро тақвият мебахшад.

Таҳлили мавқеъҳои илмии мазкур нишон медиҳад, ки рушди салоҳиятмандии касбӣ-педагогии омӯзгорониояндаи забони англисӣ бояд дар асоси принсипҳои инсонгароӣ, ҳамкорӣ ва рушди шахсият амалӣ гардад. Дар чунин шароит низоми таҳсилот на танҳо ба интиқоли донишҳо, балки ба ташаккули қобилияти истифодаи онҳо дар фаъолияти касбӣ, рушди тафаккури мустақилона ва омодагӣ ба ҳалли масъалаҳои воқеии педагогӣ равона мегардад.

Дар Консепсияи миллии рушди таҳсилот ва санадҳои меъёрии соҳаи маориф ҳадафи асосии таҳсилот ташаккули шахсияти соҳибдониш, фаъол, эҷодкор ва рақобатпазир дар шароити ҷомеаи муосир муайян гардидааст. Дар ин замина, омодасозии омӯзгорониояндаи забони англисӣ бояд на танҳо ба азхудкунии донишҳои назариявӣ, балки ба ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳои воқеии фаъолияти педагогӣ равона карда шавад.

Муҳаққиқони тоҷик Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров ва А. Байзоев таъкид менамоянд, ки «дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таҳсилот барои ташаккули салоҳиятҳои шахсият мустақилият дар интихоби роҳҳои фаъолият, дараҷаи мушкилии супоришҳо, масъулият барои натиҷа ва рушди таҷрибаи амалӣ аҳамияти муҳим доранд» [Бобизода, Ғ., Имомназаров, Д., Байзоев, А. Муносибати босалоҳият ба таҳсилот. - Душанбе: Маориф, 2015. - С. 47]. Ин омилҳо барои рушди тафаккури мустақилона ва ташаккули салоҳиятмандии касбӣ низ замина фароҳам меоранд.

Ҳамзамон, У. Умаров, Н. Шарипов, А. Холмуродов, М. Маҳкамова ва А. Алиев қайд менамоянд, ки «салоҳият бевосита таълим дода намешавад, балки дар натиҷаи азхуд намудани донишҳо, рушди маҳорату малакаҳо ва иштироки фаъолонаи шахс дар фаъолияти амалӣ ташаккул меёбад» [Умаров, У., Шарипов, Н. ва дигарон. Асосҳои муносибати босалоҳият. - Душанбе: Ирфон, 2017. - С. 83]. Ин мавқеъ нишон медиҳад, ки ташаккули

салоҳиятмандии касбӣ-педагогии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ раванди мураккаб ва пайдарпай буда, ҳамгироии дониш, таҷриба ва фаъолияти амалиро тақозо менамояд.

Дар дастури методии «Муносибати босалоҳият ба таълим» гурӯҳҳои асосии салоҳиятҳои калидӣ ҷудо карда шудаанд: «салоҳиятҳои арзишӣ-маънавӣ, умумифарҳангӣ, омӯзишӣ-маърифатӣ, иттилоотӣ, иртиботӣ, иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва худтакмилдиҳии шахсӣ» [Дастури методии муносибати босалоҳият ба таълим. - Душанбе: Маориф, 2014. - С. 12]. Ба назари мо, ҳамаи ин гурӯҳҳои салоҳиятҳо метавонанд ҳамчун заминаи ташаккули салоҳиятмандии касбӣ-педагогии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ хизмат намоянд.

Педагоги тоҷик М. Лутфуллозода таъкид менамояд, ки «муносибати босалоҳият ба таълим пеш аз ҳама ба фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ ва рушди шахсияти омӯзанда равона гардидааст» [Лутфуллозода, М. Педагогикаи муосир. - Душанбе: Маориф, 2018. - С. 65]. Муҳаққиқ самтҳои муҳими салоҳиятро - салоҳияти ҳалли масъала, салоҳияти иттилоотӣ ва салоҳияти коммуникативӣ - ҷудо менамояд. Маҳз ҳамин салоҳиятҳо барои фаъолияти касбии омӯзгори муосири забони англисӣ аҳамияти калидӣ доранд.

И.И. Столбова салоҳиятро ҳамчун «қобилияти истифодаи дониш, маҳорат ва малакаҳо барои ҳалли самараноки масъалаҳои касбӣ» тавсиф намуда, дониш, маҳорат ва малакаро ҷузъҳои асосии сохтори он мешуморад [Столбова, И.И. Компетентностный подход в образовании. - М.: Педагогика, 2010. - С. 34]. Дар асоси ин мавқеъ метавон хулоса намуд, ки салоҳиятмандии касбӣ-педагогӣ падидаи бисёрҷанба буда, омодагӣ ва қобилияти омӯзгорро барои истифодаи самараноки дониш, таҷриба ва сифатҳои шахсӣ дар шароити тағйирёбандаи фаъолияти касбӣ ифода менамояд.

Дар асоси мавқеъҳои илмии баррасишуда метавон хулоса намуд, ки салоҳиятмандӣ дорои хусусияти низомӣ ва бисёрҷанба мебошад. Салоҳият

ҳамчун нишондиҳандаи маҷмуӣ на танҳо дар натиҷаи иҷрои фаъолияти муайян, балки дар раванди рушди шахсият ва татбиқи имкониятҳои касбии ӯ зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, мафҳуми «салоҳият» яке аз мафҳумҳои калидии педагогикаи муосир ба ҳисоб рафта, сатҳи омодагии шахсро барои фаъолияти самаранок дар шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ ва касбӣ инъикос менамояд.

Салоҳиятмандӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки дониш, маҳорат, таҷриба ва захираҳои шахсии худро барои ҳалли масъалаҳои касбӣ самаранок истифода намояд. Барои омӯзгориояндаи забони англисӣ аҳамияти махсус қобилияти истифодаи донишҳои лингвистӣ, методӣ ва психологӣ дар шароити воқеии фаъолияти таълимӣ дорад.

Салоҳиятмандии касбӣ-педагогӣ дар асоси ҳамгироии ҷузъҳои зерин ташаккул меёбад: донишҳои касбӣ, маҳорат ва малакаҳои амалӣ, тафаккури интиқодӣ, қобилияти таҳлил ва ҳалли масъалаҳои педагогӣ, инчунин таҷрибаи фаъолияти мустақилона. Ҳамаи ин ҷузъҳо дар як низоми ягона амал намуда, заминаи рушди касбии омӯзгорро ташкил медиҳанд.

Дар сохтори салоҳиятмандии омӯзгор нақши муҳимро салоҳиятҳои маърифатӣ ва эҷодӣ мебозанд. Маҳз онҳо ба омӯзгор имконият медиҳанд, ки вазъиятҳои таълимиро таҳлил намуда, робитаҳои байни падидаҳои гуногунро муайян созад ва роҳҳои нави ҳалли масъалаҳои педагогиро пешниҳод намояд. Тавре ки дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, салоҳият на танҳо маҷмӯи дониш, маҳорат ва малакаҳо, балки қобилияти истифодаи эҷодкоронаи онҳо дар фаъолияти касбӣ мебошад.

Салоҳиятмандии эҷодӣ дар фаъолияти омӯзгориояндаи забони англисӣ дар қобилияти истифодаи таҷрибаи қаблӣ барои ҳалли масъалаҳои нав, дарки робитаҳои байни падидаҳои гуногуни таълимӣ ва пайдо намудани роҳҳои ғайрианъанавии ташкили раванди омӯзиш зоҳир мегардад. Дар чунин шароит омӯзгор на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки ташаббускор ва созандаи муҳити таълимии мусоид низ мебошад.

Ҳамин тариқ, салоҳиятмандии касбӣ-педагогӣ падидаи бисёрҷанба буда, маҷмӯи дониш, маҳорат, таҷриба, қобилиятҳои эҷодӣ ва хусусиятҳои шахсиро муттаҳид менамояд. Ташаккули он яке аз шартҳои асосии рушди тафаккури касбӣ ва омодагии омӯзгорониояндаи забони англисӣ ба фаъолияти самараноки педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар сохтори умумии салоҳиятмандӣ баъзе навъҳои салоҳият вобаста ба хусусият ва мақсади фаъолияти касбӣ аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Ин ҳолат масъалаи таснифот ва муайян намудани сохтори дохилии салоҳиятҳоро ба миён меорад.

Дар алоқамандӣ бо барномарезии мазмуни таҳсилот муҳаққиқон се сатҳи асосии салоҳиятҳоро ҷудо менамоянд:

а) салоҳиятҳои калидӣ, ки хусусияти болоифаннӣ дошта, барои тамоми самтҳои фаъолияти таълимӣ ва касбӣ аҳамияти умумӣ доранд;

б) салоҳиятҳои умумифаннӣ, ки ба доираи муайяни фанҳо ва соҳаҳои таҳсилот дахл доранд;

в) салоҳиятҳои фаннӣ, ки дар доираи фан ё ихтисоси муайян ташаккул ёфта, тавсифи мушаххаси фаъолияти касбиро инъикос менамоянд.

Таснифоти мазкур барои муайян намудани сохтор ва мазмуни салоҳиятмандии касбӣ-педагогии омӯзгорониояндаи забони англисӣ аҳамияти муҳим дорад. Дар ин раванд салоҳиятҳои калидӣ ҳамчун заминаи умумии рушди шахсият, салоҳиятҳои умумифаннӣ ҳамчун асоси омодагии педагогӣ ва салоҳиятҳои фаннӣ ҳамчун нишондиҳандаи омодагии махсуси касбӣ баромад мекунанд.

Салоҳиятмандии касбӣ-педагогии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар натиҷаи ҳамгироии ҳамаи ин сатҳҳо ташаккул меёбад. Дар сохтори он салоҳиятҳои коммуникативӣ, маърифатӣ, иттилоотӣ, иҷтимоӣ ва методӣ бо ҳам алоқаманд буда, ҳамчун низоми ягона амал менамоянд. Аз ин рӯ, дар раванди омодасозии омӯзгорони оянда ташаккули салоҳиятҳо бояд на ҳамчун азхудкунии маҷмӯи донишҳо, балки ҳамчун рушди қобилияти татбиқи онҳо дар фаъолияти воқеии педагогӣ баррасӣ гардад.

Ҳамин тариқ, таҳлили назариявии мафҳуми салоҳиятмандӣ имкон медиҳад, ки сохтор, ҷузъҳо ва сатҳҳои асосии он муайян карда шаванд. Аммо фаъолияти касбии омӯзгор танҳо бо доштани салоҳиятҳо маҳдуд намегардад. Самаранокии татбиқи онҳо ба хусусиятҳои тафаккури педагогӣ низ вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ, минбаъд зарур аст масъалаи моҳият ва хусусиятҳои тафаккури педагогӣ баррасӣ карда шавад.

Дар таҳқиқоти Е.И. Пассов таъкид мегардад, ки «тафаккури педагогӣ дар раванди қабули қарорҳо тавассути ғояҳои роҳнамо зоҳир мешавад, ки самти умумии фаъолияти омӯзгорро муайян месозанд - ин ғояҳо ҳамчун асоси таҳлил, арзёбӣ ва интихоби роҳҳои ҳалли масъалаҳои таълимӣ хизмат мекунанд» [Пассов, Е.И. Мастерство и личность учителя. - М.: Флинта, 2001. - С. 60]. Ин ғояҳо ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки вазъиятро аз нуқтаҳои гуногун баррасӣ намояд ва роҳи самаранoктарини ҳалли он интихоб кунад.

Ғояҳо ҳамчун эътиқодоти шахсии омӯзгор шакл гирифта, самтгирии фаъолияти ӯро муайян мекунанд ва ба тақсим намудани масъалаҳои педагогӣ ба ҷузъҳои мушаххас мусоидат менамоянд. Дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки «ғояҳои педагогӣ сатҳи ҳассосиятро нисбат ба проблемаҳои таълимӣ баланд намуда, дарки вазъиятҳои мураккабро амиқ мегардонанд» [19, с. 74]. Аз ин лиҳоз, ғояҳо ҳамчун ҷузъи муҳими мазмунӣ ва функсионалии тафаккур ва салоҳияти педагогӣ баромад мекунанд.

Ғояҳо як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро менамоянд, ки барои фаъолияти амалии омӯзгор аҳамияти калидӣ доранд:

– ҳамчун асоси ташкилдиҳандаи амал хизмат мекунанд;

– меъёрҳои таҳлил ва арзёбии вазъиятҳои педагогиро муайян менамоянд.

Ин вазифаҳои таҳлилӣ ва созанда ҷузъҳои асосии тафаккури педагогиро ташкил медиҳанд. Ба ибораи дигар, фаъолияти фикрии омӯзгор тавассути низоми ғояҳое идора мешавад, ки ба мазмуни педагогӣ табдил ёфтаанд. Аммо ғояҳои умумӣ худ аз худ ба қарорҳои амалӣ табдил намеёбанд; онҳо танҳо самти умумии фаъолияти омӯзгор ва дарки

вазъиятҳои педагогиро муайян намуда, заминаи интихоби роҳҳои мушаххаси амалро фароҳам меоранд.

Барои интихоби роҳи оптималии ҳалли масъала, омӯзгор бояд ғояи умумиро ба шаклҳои мушаххаси ташкилии эҷодӣ, аз ҷумла нақша, амсила, лоиҳа ё ният табдил диҳад. Тавре ки таъкид мегардад, «табдили ғоя ба шакли амалӣ шарти асосии самаранокии фаъолияти педагогӣ мебошад» [97, с. 69]. Ин раванд бояд хусусиятҳои вазъияти мушаххаси педагогиро ба назар гирифта, ба рушди шахсият ва такмили раванди таълим равона гардад.

Нақшаи созанда ҳамчун низоми амалиёти мушаххаси омӯзгор баромад намуда, ба ташкили шароити мусоид ва тағйири онҳо барои фаъолияти муштарак бо донишҷӯён равона мешавад. Он ба ҳалли вазифаҳои таълимӣ мусоидат намуда, муносибатҳои субъект-субъект ва субъект-объектро дар раванди таълим ва тарбия инъикос мекунад. Дар адабиёти илмӣ таъкид мешавад, ки «нақшаи созанда ҳамчун модели амалии ҳалли масъалаҳои педагогӣ хизмат мекунад» [3, с. 82].

Тимсоли фаврии вазъият имконият медиҳад, ки раванди ҳамкории воқеии омӯзгор ва донишҷӯён ба таври динамикӣ танзим карда шавад. Он дар баробари нақшаи созанда, хусусиятҳои мушаххаси вазъияти таълимиро дар лаҳзаи муайян инъикос намуда, бароиислоҳи саривақтии қарорҳо ва амалҳо мусоидат мекунад. Ин раванд имкон медиҳад, ки маълумоти ҷорӣ дар бораи ҷараёни ҳалли масъала таҳлил ва мутобиқ карда шавад, ки дар навбати худ ба баланд бардоштани самаранокии раванди таълим ва тарбия мусоидат менамояд. Дар асоси таҳлили равандҳои зикршуда метавон ба хулоса омад, ки фаъолияти педагогӣ хусусияти мураккаб ва салоҳиятмандӣ дорад.

Мавқеи баррасишуда нишон медиҳад, ки фаъолияти педагогӣ дорои хусусияти салоҳиятмандӣ буда, татбиқи самараноки он танҳо дар шароити рушди тафаккури чандсамтаи омӯзгор имконпазир мегардад. Дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, ки «самаранокии фаъолияти омӯзгор ба сатҳи ҳамгироии равандҳои фикрӣ ва амалии ӯ вобастагии зич дорад» [1, с. 93].

Ҳалли вазифаи педагогӣ метавонад дар шакли ангораи муайян ифода гардад, ки дар он ҳам тафаккури амалӣ ва ҳам тафаккури лафзӣ-мантиқӣ иштирок мекунанд. Б.М. Теплов дар ин бора чунин таъкид менамояд: «тафаккури амалӣ раванде аст, ки бевосита дар ҷараёни фаъолияти воқеӣ амалӣ мегардад, дар ҳоле ки тафаккури лафзӣ-мантиқӣ ба истифодаи мафҳумҳо ва сохторҳои мантиқӣ такя мекунад» [Теплов, Б.М. Ум полководца. Проблемы индивидуальных различий. - М.: АПН РСФСР, 1961. - С. 6]. Ҳамгироии ин ду шакли тафаккур имконият медиҳад, ки вазъиятҳои педагогӣ ҳам дар сатҳи таҷрибавӣ ва ҳам дар сатҳи таҳлили назариявӣ амиқтар дарк карда шаванд ва омӯзгор барои ҳалли масъалаҳои касбӣ омодагии воқеӣ пайдо намояд.

Дар таҳқиқоти Э. Ф. Зеер категорияи асосии тафаккури педагогӣ ҳамчун раванди фаҳмиш тавсиф гардидааст. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки «фаҳмиш бо додани маънои шахсӣ ба дигарон ва танзими рафтори онҳо тавассути дарки ангезаҳо алоқаманд аст» [46, с. 86;]. Ин раванд нишон медиҳад, ки тафаккури педагогӣ бо сатҳи рушди зеҳнӣ ва таҷрибаи касбии омӯзгор робитаи мустақим дорад.

Таҳлили назариявии пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки тафаккур ва салоҳияти педагогӣ ҳамчун низоми ҳамгирои ҷузъҳои когнитивӣ, рефлексивӣ, эҷодӣ ва арзишӣ баррасӣ карда шавад. И.А. Зимняя дар ин бора чунин таъкид менамояд: «ҳамгироии ҷузъҳои когнитивӣ, рефлексивӣ ва арзишии тафаккур шарти асосии қабули қарорҳои самараноки педагогӣ мебошад» [Зимняя, И.А. Педагогическая психология. - М.: Логос, 2004. - С. 78]. Маҳз дар ҳамин замина омӯзгор имконият пайдо мекунад, ки вазъиятҳои таълимиро аз нуқтаҳои гуногун таҳлил намуда, роҳҳои гуногунвариантии ҳалли онҳоро пешниҳод намояд ва қарорҳои самараноки касбӣ қабул кунад.

Бо такя ба сохтори баррасишуда метавон хулоса кард, ки ҷузъҳои таркибии тафаккур ва салоҳиятмандӣ дар фаъолияти воқеии омӯзгор ба таври ҳамоҳанг амал намуда, самаранокии қабули қарорҳои педагогиро

таъмин мекунанд. Тавре ки қайд мегардад, «ҳамоҳангии ҷузъҳои тафаккур омили муҳими фаъолияти касбӣ мебошад» [101, с. 69].

Фарҳанги тафаккури касбӣ сатҳи рушди қобилиятҳои таҳлилӣ, мантиқӣ, рефлексивӣ ва эҷодии омӯзгорро инъикос намуда, барои ташаккули тафаккур ва салоҳияти педагогӣ заминаи муҳим фароҳам меорад. С.Л. Рубинштейн дар ин бора чунин таъкид менамояд: «фарҳанги тафаккур бо қобилиятҳои низомнокӣ, мантиқият ва равонагӣ ба ҳалли масъалаҳои касбӣ алоқаманд буда, ба истифодаи донишҳои назариявӣ ва татбиқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ мусоидат мекунад» [Рубинштейн, С.Л. Асосҳои психологияи умумӣ. - М.: Педагогика, 1989. - С. 7–19].

Ю.Н. Кулюткин таъкид менамояд, ки «тафаккури педагогӣ дар шароити вазъиятҳои проблемавӣ зоҳир шуда, ба муайян намудани вазифаҳо ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онҳо равона мегардад - тафаккур воситаи асосии маърифати воқеияти педагогӣ буда, бо таҳлил ва бартараф намудани номувофиқатии байни ҳадаф ва имконият алоқаманд мебошад» [Кулюткин, Ю.Н. Творческое мышление в профессиональной деятельности учителя. - М.: Педагогика, 1986. - С. 43].

Дар фаъолияти педагогӣ тафаккур ҳамчун механизми асосии таҳлил ва ҳалли масъалаҳои таълимӣ баромад мекунад. А.В. Брушлинский дар ин бора чунин менависад: «амали асосии тафаккур таҳлил тавассути таркиб мебошад, ки имконият медиҳад вазъиятҳо дар заминаи робитаҳои дохилии онҳо дарк карда шаванд» [Брушлинский, А.В. Субъект: мышление, учение, воображение. - М.: МПСИ, 1996. - С. 95].

В.Г. Онушкин ва Ю.Н. Кулюткин нишон медиҳанд, ки «раванди ҳалли вазифаи педагогӣ дорои сохтори таҳлилӣ ва созанда буда, ҳамчун шакли зоҳиршавии тафаккури педагогӣ баррасӣ мегардад - ин муносибат нақши марказии тафаккурро дар фаъолияти касбии омӯзгор таъкид менамояд» [Онушкин, В.Г., Кулюткин, Ю.Н. Образование взрослых как предмет исследования. - Л.: НИИ ООВ, 1985. - С. 56].

Бо мақсади нишон додани ҷанбаҳои таҳлилӣ ва созандаи тафаккури педагогӣ дар раванди ҳалли вазифаҳои таълимӣ, марҳилаҳои асосии он дар шакли ҷадвали зерин пешниҳод мегарданд.

**Ҷадвали 2 – Марҳилаҳо ва ҷузъҳои тафаккури педагогӣ дар раванди ҳалли вазифаҳои касбӣ-педагогӣ**

| Марҳилаи фаъолияти педагогӣ | Ҷузъҳои таҳлилии тафаккури педагогӣ | Ҷузъҳои созанда ва амалии фаъолияти омӯзгор |
|---|---|---|
| **Лоиҳакашӣ ва банақшагирӣ** | Таҳлили вазъияти таълимӣ, муайян намудани эҳтиёҷот ва имкониятҳои донишҷӯён | Муайян намудани мақсад, вазифаҳо, усулҳо ва воситаҳои таълим |
| **Ташкили фаъолияти таълимӣ** | Назорат ва таҳлили ҷараёни иҷрои супоришҳо, муайян намудани мушкилот | Роҳандозӣ ва идоракунии фаъолияти таълимӣ, интихоби роҳҳои таъсиррасонӣ |
| **Танзим ва ислоҳкунӣ** | Арзёбии маълумоти фаврӣ оид ба пешрафти донишҷӯён | Ворид намудани тағйирот ба усулҳо ва шаклҳои кор вобаста ба вазъият |
| **Арзёбӣ ва рефлексия** | Таҳлили натиҷаҳои бадастомада ва муайян намудани сабабҳои муваффақият ё нокомӣ | Банақшагирии фаъолияти минбаъда ва такмили маҳорати касбӣ |

Дар таҳқиқоти муосири тафаккури педагогӣ аксаран таърифҳои нопурра ба назар мерасанд, ки ба талаботи фаъолияти омӯзгори имрӯза пурра ҷавобгӯ нестанд. Тафаккури педагогӣ бояд омӯзгорро на танҳо барои иҷрои вазифаҳои ҳаррӯза, балки барои татбиқи равиши инсонгароёна дар раванди таълим тавонманд созад. Бо вуҷуди он ки ин мафҳум дар сатҳҳои гуногун - аз муайянсозии ҳадаф то самтҳои асосӣ ва роҳу усулҳои амал - баррасӣ шудааст, он то ҳол дорои низоми муназзами ташхисӣ ва таҳлилӣ нест.

Дар ҳамин замина, зарур аст, ки муносибатҳои гуногун нисбат ба тафаккури педагогӣ ҳамоҳанг гардонида шуда, салоҳиятмандӣ ҳамчун хусусияти калидии он пазируфта шавад. Ин имкон медиҳад, ки фаъолияти

омӯзгор на танҳо дар сатҳи амал, балки дар иртибот бо маъноҳо, арзишҳо ва фаҳмиши амиқи вазъиятҳои педагогӣ таҳлил гардад.

Тибқи андешаи В.И. Загвязинский, А.Ф. Закирова ва Т.А. Строкова, дар фаъолияти омӯзгор ҷузъи фаросатӣ аҳамияти махсус дорад, зеро «фаросат ҳамчун механизми махсуси тафаккури педагогӣ зоҳир гардида, имконият медиҳад, ки омӯзгор аз доираи қарорҳои қолабӣ берун бароядˮ [40, с. 38]. Аз ин нуқтаи назар, фаросат бояд ҳамчун унсури муҳими ҷанбаҳои эҷодӣ ва худшиносии тафаккур ва салохияти касбӣ-педагогӣ баррасӣ гардад.

Фаҳмиш ҳамчун натиҷаи фаъолияти фикрӣ дорои асосҳои умумии фарҳангӣ, таърихӣ ва равонӣ буда, на танҳо тавассути мантиқ, балки бо иштироки фаросат ташаккул меёбад. Тавре ки дар адабиёти илмӣ таъкид мешавад, «фаҳмиш танҳо ба амалҳои мантиқӣ маҳдуд намегардад, балки дарки фаросатии маъноро низ дар бар мегирад» [40, с. 42]. Бо вуҷуди рушди назарраси мантиқи таҳлилӣ дар илм ва педагогика, ҷанбаи фаросатии маърифат дар амал ҳанӯз пурра истифода намешавад, ки ин зарурати таҳқиқи амиқтар ва татбиқи васеътари онро дар фаъолияти педагогӣ асоснок менамояд.

Ба таъбири Ф. Гулмадов, тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ раванди дарки воқеияти педагогӣ ва ҳамзамон банақшагирӣ, ташкил ва танзими фаъолияти омӯзгор мебошад, ки ба ҳалли вазъиятҳои мураккаби педагогӣ равона мегардад [33, с. 59–62]. Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки «тафаккури педагогӣ пеш аз ҳама дар қобилияти дидани масъала дар вазъияти мушаххас ва пайдо намудани роҳҳои тағйир додани он зоҳир мегардад» [33, с. 64]. Ин навъи тафаккур ба омӯзгор имконият медиҳад, ки вазъиятро дар иртиботи омилҳои гуногун таҳлил намуда, дар асоси маъноҳои педагогӣ ва арзишҳои иштирокчиёни раванди таълим қарорҳои асоснок қабул намояд.

Дар ин замина, тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ ҳамчун раванд дар шароити вазъиятҳои мураккаб зоҳир гардида, бо ҷанбаҳои эҷодӣ ва

худшиносӣ алоқаманд мебошад. Тавре ки зикр мегардад, «ҳалли масъалаҳои педагогӣ аз доираи қолабҳои маъмулии амал берун рафтанро талаб менамояд» [33, с. 66], ки ин хусусияти чандвариантии фаъолияти фикриро таъкид менамояд.

Тавсифномаҳои мавқеии он, пеш аз ҳама, дар маҳорати дарки нуқтаи назари донишҷӯ ва гурӯҳи таълимӣ, ташаккули мавқеи шахсии омӯзгор, дарки робитаи байни маъноҳои инфиродии донишҷӯ ва муҳтавои таълим, инчунин дар ҷанбаи замонии вазъият, ки ба таҷрибаи шахсии омӯзгор такя мекунад, ифода меёбанд. Илова бар ин, ҷанбаи рамзӣ тарзи зоҳиршавии маъноҳои педагогиро дар фаъолияти омӯзгор инъикос менамояд.

Азбаски вазъияти педагогӣ ҳамеша дорои хусусияти мураккаб ва тағйирёбанда мебошад, онро метавон ҳамчун номувофиқатии байни шароити воқеии таълим ва ҳадафҳои гузошташуда шарҳ дод. Тавре ки қайд мегардад, «вазъияти мураккаб дар ҳолате ба миён меояд, ки байни ҳадафҳо ва шароити воқеии фаъолият мувофиқат вуҷуд надошта бошад» [52, с. 109]. Дар чунин шароит, ҳалли ин номувофиқатӣ моҳияти асосии фаъолияти педагогиро ташкил медиҳад. Маҳз тафаккури педагогӣ ба омӯзгор имконият медиҳад, ки вазъиятро таҳлил намуда, роҳҳои мувофиқи ҳалли онро интихоб намояд.

В.П. Зинченко таъкид менамояд, ки «фаъолияти педагогӣ дорои сохтори муайян буда, асосан дар шароити вазъиятҳои мураккаб амалӣ мегардад - дар ин раванд тафаккури педагогӣ ҳамчун унсури ҷудонашавандаи фаъолияти омӯзгор пайвандии байни таҳлил, банақшагирӣ ва татбиқи қарорҳоро таъмин менамояд» [Зинченко, В.П. Психологические основы педагогики. - М.: Гардарики, 2002. - С. 86]. Аз ин рӯ, тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ на танҳо хусусияти дохилии фаъолияти фикрии омӯзгор, балки воситаи амалии танзими раванди таълим низ ба ҳисоб меравад - ва маҳз ин дугонагии моҳият онро чунин аҳамиятнок ва зарурӣ мегардонад.

Барои равшан намудани ин робита, дар ҷадвали 3 сохтори амалии зоҳиршавии тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ дар доираи вазифаҳои асосии фаъолияти омӯзгор нишон дода мешавад. Ҳангоми таҳияи ин намуна ба омилҳои фарҳангӣ ва сохтори воқеии фаъолияти педагогӣ аҳамияти махсус дода шудааст. Омӯзгор дар ин раванд на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки иштирокчии фаъоли ташаккули маъноҳои педагогӣ ва муоширати фарҳангӣ мебошад. Тавре ки дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, «омӯзгор ҳамчун интиқолдиҳандаи маъноҳои фарҳангӣ ва миёнарави интиқоли онҳо дар муҳити таълимӣ амал мекунад» [16, с. 7]. Таҷрибаи фарҳангӣ ва шахсии омӯзгор ба тарзи фаъолияти ӯ ва рушди тафаккураш таъсири мустақим мерасонад.

Намунаи пешниҳодшуда ба чор меҳвари асосӣ такя мекунад: муҳтавои таълим, муносибатҳои «омӯзгор–донишҷӯ», мавқеи «ман-омӯзгор» ва таъсири муҳити беруна. Ин меҳварҳо дар якҷоягӣ низоми ягонаи фаъолияти педагогиро ташкил медиҳанд.

Дар меҳвари «муҳтавои таълим» фаъолияти омӯзгор тавассути амалҳои тарҳрезӣ, иртиботӣ, маърифатӣ, ташкилӣ ва ислоҳӣ зоҳир мегардад. Дар ин раванд интихоби маводи таълимӣ, мутобиқсозии он ба сатҳи донишҷӯён, истифодаи роҳу усулҳои мувофиқи таълим, инчунин таҳлил ва такмили раванди омӯзиш аҳамияти ҳалкунанда доранд. Ҳадафи асосӣ ташаккули фаҳмиши амиқи мантиқӣ ва фаросатии мавод, инчунин ташкили раванди омӯзиши фаъол ва тағйирёбанда мебошад.

Меҳвари «омӯзгор–донишҷӯ» муносибатҳои мутақобилаи иштирокчиёни раванди таълимро дар бар гирифта, ба рушди қобилияти дарки андеша ва маъноҳои дигарон, инчунин ташаккули муколамаи педагогӣ равона шудааст. Дар ин замина муайян намудани минтақаи рушди наздиктарин, истифодаи роҳу усулҳои иртиботӣ ва ташкили фаъолияти фаъоли донишҷӯ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Тавре ки таъкид мегардад, «мавқеи фаъоли иштирокчиёни раванди таълим шарти асосии ташаккули ҳамкории самараноки педагогӣ мебошад» [16, с. 14].

Меҳвари «ман-омӯзгор» ҷанбаҳои худшиносӣ, худтакмилдиҳӣ ва худтаҳлили фаъолияти педагогиро фаро мегирад. Дар доираи он омӯзгор майл ба камол, қобилияти таҳлили доимии фаъолияти худ, ташаккули симои ормонии касбӣ ва идоракунии рушди шахсиро инкишоф медиҳад. Ин раванд хусусияти пайдарпай ва ҷамъшаванда дошта, ҳар як марҳила барои такмили марҳилаи минбаъда замина фароҳам меорад. Ба таъбири муҳаққиқон, «рушди тафаккури касбӣ хусусияти марҳилавӣ ва ҷамъшаванда дорад» [16, с. 16].

Меҳвари «муҳити беруна» таъсири омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва шароити воқеии фаъолияти омӯзгорро инъикос менамояд. Дар ин самт ба назар гирифтани вазъият, истифодаи тафаккури чандсамта, мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда ва омодагӣ ба амал дар ҳолатҳои пешбининашаванда аҳамияти махсус дорад. Тавре ки қайд мегардад, «самаранокии фаъолияти педагогӣ аз ба инобат гирифтани шароит ва муҳити беруна вобастагӣ дорад» [16, с. 12].

Ҳамин тавр, тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ ҳамчун низоми ҳамгироии чор меҳвари зикршуда зоҳир гардида, дар доираи вазифаҳои фаъолияти омӯзгор амалӣ мегардад. Ин низом имконият медиҳад, ки фаъолияти педагогӣ ҳамчун раванди мураккаб, тағйирёбанда ва маъноофар баррасӣ шавад, ки ба ҳамоҳангии муҳтавои таълим, муносибатҳои мутақобила, худтакмилдиҳии омӯзгор ва таъсири муҳити беруна асос меёбад.

Бо мақсади нишон додани ин робита, дар ҷадвали 3 сохтори амалии зоҳиршавии тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ дар доираи вазифаҳои мушаххаси фаъолияти омӯзгор пешниҳод мегардад.

Ҳамин тавр, таҳлили назариявӣ нишон медиҳад, ки тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ ҳамчун низоми мураккаби ҳамгироии ҷанбаҳои маъноӣ, эҷодӣ ва худшиносии фаъолияти омӯзгор зоҳир гардида, дар асоси ҳамоҳангии муҳтавои таълим, муносибатҳои мутақобила, худшиносӣ ва таъсири муҳити беруна ташаккул меёбад. Чунин фаҳмиш барои таҳияи

намуна ва асоснок намудани роҳҳои рушди он дар раванди таълим заминаи методологӣ фароҳам меорад.

## 1.2. Равиши герменевтикӣ ҳамчун асоси методологии таҳқиқи рушди тафаккури касбӣ-педагогӣ

Имконияти муттаҳид намудани тавсифномаҳои маъноии воқеияти педагогӣ бо хусусиятҳои матни педагогӣ ҳамчун яке аз равишҳои самараноки таҳқиқ баррасӣ мегардад. Дар ин замина, вазъияти мураккаби педагогӣ ҳамчун шакли зуҳури воқеияти педагогӣ ва матни дорои имконияти педагогӣ бо ҳам наздик мегарданд, зеро ҳар дуи онҳо ҳамчун шаклҳои махсуси инъикоси воқеият, маҷмӯи аломатҳо ва маъноҳои тафсиршаванда баромад менамоянд.

Равиши герменевтикӣ ҳамчун асоси методологии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки матни педагогӣ ҳамчун низоми маъноӣ баррасӣ гардида, равандҳои дарк, фаҳмиш ва қабули қарорҳои педагогӣ дар доираи фаъолияти фикрии омӯзгор таҳлил карда мешаванд. Тавре муҳаққиқи олмонӣ Е.Корет (*E.Koreth)* таъкид кардааст: *«... герменевтика ба ошкор намудани маъноҳои дар матн ҷойдошта ва тафсири онҳо дар заминаи фаъолияти инсон равона шудааст»* [150, с. 44].

Дар доираи таҳқиқоти мазкур равиши герменевтикӣ на танҳо ҳамчун воситаи фаҳмиши матни педагогӣ, балки ҳамчун усули таҳлили фаъолияти маъноофарӣ истифода мегардад. Ин равиш имконият медиҳад, ки маъноҳои пинҳонӣ ва вобаста ба муҳтавои матн ошкор гардида, равандҳои дарк ва тафсири донишҷӯён ҳамчун нишондиҳандаи рушди тафаккур ва салоҳиятмандии касбӣ-педагогӣ арзёбӣ шаванд. Ба таъбири муҳаққиқи олмонӣ Ҳ.Г.Гадамер (*H.-G.Gadamer), «... тафсир ҳамчун раванди фаъоли офаридани маъно зоҳир мегардад, на танҳо ҳамчун бозгӯи муҳтавои омода»* [149, с. 62].

Дар ин раванд фаъолияти омӯзгор ва донишҷӯ ҳамчун раванди муштараки маъноофарӣ баррасӣ мегардад, ки дар он на танҳо мантиқи

пайдарпай, балки ҷанбаҳои фаросатӣ ва таҷрибавии дарк низ иштирок менамоянд. Ҳамин тавр, матни педагогӣ ҳамчун муҳити тағйирёбандаи ташаккули маъно ва рушди тафаккур ва салоҳиятмандӣ баромад мекунад.

Аз нигоҳи мо, барои рушди тафаккур ва салоҳиятнокии касбӣ-педагогӣ истифодаи шаклҳои гуногуни тафсири герменевтикӣ мувофиқи мақсад мебошад. Пеш аз ҳама, тафсири матн бо муроҷиат ба маънои замонии педагогӣ аҳамияти махсус дорад, зеро он дорои хусусияти ҳамафарогир буда, метавонад ба тамоми соҳаи маъноии фаъолияти омӯзгор таъсир расонад. Ҳамзамон, тафсири намоишии матн, ки тавассути моделсозии вазъиятҳои проблемавии педагогӣ амалӣ мегардад, имкон медиҳад, ки воқеияти педагогӣ дар тамоми гуногуншаклии худ таҷассум ёбад.

Бо назардошти ҳадафи таҳқиқ, равиши герменевтикӣ имкон медиҳад, ки раванди кор бо матни педагогӣ ҳамчун муҳити ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгор баррасӣ гардад. Дар ин замина, объекти таҳқиқ ҳамчун раванди таълим бо истифода аз матни педагогӣ фаҳмида шуда, предмети таҳқиқ рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгор дар ҷараёни тафсири маъноҳои матн мебошад.

Дар доираи таҳқиқи мазкур се навъи замон ҷудо карда мешаванд: замони объективӣ, замони объективию субъективӣ ва замони сунъӣ, ки ҳар яке ба тарзи дарк ва ташкили фаъолияти педагогӣ таъсири хос мерасонанд. Ҳар яке аз ин навъҳо дар раванди фаъолияти омӯзгор на танҳо ҳамчун омилҳои беруна, балки ҳамчун ҷузъҳои дарки субъективии воқеияти педагогӣ зоҳир мегарданд.

Бо мақсади ҷамъбаст ва визуализатсияи мавқеъҳои назариявии баррасишуда, таносуб ва ҳамгироии навъҳои асосии замон дар фаъолияти педагогӣ дар шакли амсилаи таснифотӣ пешниҳод карда шудааст (расми 2). Амсилаи мазкур имкон медиҳад, ки хусусиятҳои таъсири ҳар як навъи замон ба раванди дарк, тафсир ва қабули қарорҳои педагогӣ равшантар муайян карда шаванд.




**Расми 2. Таносуби навъҳои замон дар ташаккули тафаккури педагогӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ**

Тавре аз расми 2 бармеояд, навъҳои гуногуни замон дар фаъолияти педагогӣ дар алоқамандии зич қарор дошта, низоми ягонаи дарк ва ташкили воқеияти таълимиро ташкил медиҳанд. Замони объективӣ пайдарҳамӣ ва давомнокии равандҳои педагогиро муайян намуда, замони объективию субъективӣ хусусиятҳои дарки шахсии омӯзгорро инъикос мекунад. Дар навбати худ, замони сунъӣ ҳамчун натиҷаи тафсир, моделсозӣ ва бозсозии таҷрибаи педагогӣ зоҳир мегардад. Ҳамгироии ин навъҳои замон ба омӯзгор имкон медиҳад, ки воқеияти педагогиро амиқтар дарк намуда, фаъолияти касбии худро самаранок ба роҳ монад.

Замони воқеӣ ҳамчун шакли умумии мавҷудияти равандҳо дар фалсафа ва илм баррасӣ гардида, дар осори Арасту, Исаак Нютон, Иммануил Кант, Готфрид Лейбнитс, Анри Бергсон, Мартин Хайдеггер ва Ханс-Георг Гадамер таҳлил шудааст. Тавре Л.С.Виготский таъкид намудааст: *«... замон ҳамчун шакли умумии ба низом даровардани тағйирот ва равандҳо баромад мекунад»* [28, с. 74]. Дар ин замина, замони воқеӣ ҳамчун низоми берунии танзимкунандаи равандҳо зоҳир гардида, хусусиятҳои асосии он давомнокӣ, пайдарҳамӣ, яксамтӣ ва бефосилагӣ ба ҳисоб мераванд.

Л.С.Виготский боз чунин қайд кардааст: *«... замон танҳо ба давомнокии ҷисмонӣ маҳдуд намегардад, балки тарзи дарк ва фаҳмиши онро аз ҷониби шахс низ дар бар мегирад»* [28, с. 82]. Ин нуқта имкон медиҳад, ки масъалаи замони воқеӣ ва шахсиро баррасӣ намоем, ки дар он омилҳои беруна бо таҷрибаи шахсии омӯзгор ба ҳам мепайванданд.

Дар фаъолияти педагогӣ омӯзгор замонро на танҳо ҳамчун нишондиҳандаи беруна, балки ҳамчун воситаи дохилии танзими фаъолият истифода мебарад. Ӯ дар доираи вазъияти таълимӣ пайдарҳамии амалҳоро муайян намуда, қарор мекунад, ки кадом фаъолият дар кадом марҳила ва бо кадом суръат амалӣ гардад. Дар чунин ҳолат замон ҳамчун воситаи дохилии идоракунии раванди педагогӣ зоҳир мешавад.

Ин раванд бо ҷанбаҳои равонии дарк алоқаманд буда, метавонад бо назарияи Л. Виготский тавзеҳ дода шавад, ки мувофиқи он *«... дарки вазъият бо сохтори замонии он ва маънои дохилии он барои шахс вобастагӣ дорад»* [28, с. 86]. Аз ин нуқтаи назар, дарки замон ба ҳолати эҳсосӣ ва қобилияти ҳалли вазъиятҳои мураккаб таъсири бевосита мерасонад.

Илова бар ин, замон дар фаъолияти омӯзгор хусусияти худтаҳлилӣ низ пайдо мекунад. Дар ҷараёни таҳлил омӯзгор таҷрибаи гузашта, ҳолати ҷорӣ ва имкониятҳои ояндаро муқоиса намуда, фаъолияти худро аз нав арзёбӣ менамояд. Тавре ки таъкид мешавад, *«... худтаҳлилӣ муқоисаи таҷрибаи гузашта, ҳолати ҳозира ва амалҳои ояндаро дар назар дорад»* [28, с. 91].

Ҳамин тариқ, замони педагогӣ ҳамчун низоми мураккаби ҳамгироии се сатҳ - объективӣ, объективию субъективӣ ва субъективӣ (сунъӣ) - баромад намуда, ба ташаккули тафаккур ва салоҳияти педагогӣ таъсири бевосита мерасонад. Ин ҷанба имкон медиҳад, ки омӯзгор на танҳо раванди таълимро ба таври самаранок банақшагирӣ намояд, балки қарорҳои чандвариантиро бо дарназардошти шароити тағйирёбанда қабул кунад.

Дар натиҷа, кор бо матни педагогӣ маънои замонии фаъолияти педагогиро ҳамчун унсури муҳими тафаккур ва салоҳияти педагогӣ аҳамияти махсус мебахшад. Тавре ки таъкид мегардад, *«... ворид намудани*

*ҷанбаи замонӣ ба таҳлили фаъолияти педагогӣ имкониятҳои тафсири онро васеъ мегардонад»* [28, с. 97]. Ин ҳолат ба омӯзгор имконият медиҳад, ки ҳамаи вазифаҳои фаъолияти педагогиро дар иртиботи мутақобилаи онҳо дарк намуда, самаранокии онҳоро баланд бардорад.

Ҳамин тавр, ҷузъи замонӣ дар доираи равиши герменевтикӣ на танҳо ҳамчун хусусияти фаъолияти педагогӣ, балки ҳамчун механизми ташаккули тафаккур ва салоҳияти омӯзгор баррасӣ мегардад.

**Тафсири намоишии матни педагогӣ**

Ғояи герменевтикаи педагогӣ табиатан бо равиши шахсиятӣ ва фаъолмандӣ, инчунин бо назарияи таълими қаринавӣ ҳамоҳанг мебошад. Ин назария имконият медиҳад, ки зиддияти байни зарурати аз худ намудани фаъолияти касбӣ ва маҳдудиятҳои фаъолияти таълимӣ бартараф карда шавад. Тавре *Н. И. Жинкин* иброз намудааст: *«... таълим бояд сохтори фаъолияти касбиро таҷассум намояд»* [39, с. 126]. Ин раванд дар шакли гузариши тадриҷии донишҷӯ аз фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти шартан касбӣ ва баъдан ба фаъолияти воқеии касбӣ амалӣ мегардад.

Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки равиши герменевтикӣ дар педагогика танҳо бо тафсири матн маҳдуд намешавад, балки ба таҳлили тамоми воқеияти педагогӣ ҳамчун низоми маъноҳо равона мегардад. Муњаќќиќи олмонї Ф.Шлайермахер (*Fr.Schleiermacher)* чунин зикр кардааст: *«... равиши герменевтикӣ ҳар як вазъияти педагогиро ҳамчун матне баррасӣ менамояд, ки ба тафсир ниёз дорад»* [153, с. 84]. Ин маънои онро дорад, ки на танҳо матн, балки рафтори донишҷӯ, муоширати гурӯҳи таълимӣ ва қарорҳои омӯзгор низ ҳамчун воҳидҳои маъноӣ арзёбӣ мешаванд.

Аз ин нуқтаи назар, фаъолияти педагогӣ ҳамчун раванди доимии тафсир баромад мекунад, ки дар он омӯзгор маҷбур аст маъноҳои вазъиятро дар шароити номуайянӣ дарк намояд. Тавре Л.В.Шерба қайд намудааст: *«... фаҳмиш дар педагогика ҳамеша хусусияти эҳтимолӣ дошта, ба шароити*

*вазъият вобаста мебошад»* [137, с.118]. Ин хусусият зарурати рушди тафаккури чандсамта ва бисёрвариантиро асоснок менамояд.

Дар ин замина, матни педагогӣ на танҳо ҳамчун объекти хондан, балки ҳамчун муҳити таҷрибавии бозсозии вазъиятҳои касбӣ баррасӣ мешавад. Ба таъбири Н.И. Жинкин, *«... мафҳуми матн на танҳо шаклҳои хаттӣ, балки рафтор, ҷумлаҳо, сохторҳои ангезишӣ ва вазъиятҳои ҳамкориро низ дар бар мегирад»* [39, с. 46]. Ин маънои онро дорад, ки вазъияти мураккаби педагогӣ низ метавонад ҳамчун навъи матни педагогӣ тафсир гардад.

Дар доираи равиши герменевтикӣ чунин фаҳмиш имконият медиҳад, ки раванди тафсир аз шакли таҳлилӣ ба шакли таҷрибавӣ гузарад. Яке аз воситаҳои самараноки чунин тафсир истифодаи бозии таълимии нақшдор бо унсурҳои равоннамо мебошад. Ин усул имконият медиҳад, ки матн ва вазъияти педагогӣ тавассути таҷрибаи шахсӣ ва эҳсосотӣ дарк карда шаванд, ки ба амиқ гардидани маъноҳо мусоидат менамояд.

Ба андешаи С. Сангинов, *«... истифодаи равоннамо хусусияти муколамавии таълимро тақвият бахшида, ба рушди қобилияти дидани вазъият аз нуқтаҳои назари гуногун мусоидат менамояд»* [107, с. 80]. Дар чунин шароит омӯзгор ва донишҷӯён на танҳо маъноҳои матнро дарк мекунанд, балки онҳоро дар амал таҷассум намуда, таҷрибаи бисёрпаҳлуи фаҳмишро ба даст меоранд.

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки истифодаи равоннамо дар муҳити таълимӣ на танҳо воситаи фаъолсозии донишҷӯён, балки механизми ташаккули таҷрибаи маънофарӣ низ мебошад. Тавре В.Г.*Кузнетсов ва А.П.Алексеев* таъкид кардаанд: *«... равоннамо имконият медиҳад, ки вазъият на танҳо таҳлил, балки аз сар гузаронида шавад»* [67, с. 82]. Ин ҳолат боиси он мегардад, ки донишҷӯён на танҳо дониш аз худ мекунанд, балки таҷрибаи шахсии дарк ва тафсири воқеиятро низ инкишоф медиҳанд.

Дар чунин муҳит донишҷӯ ҳамчун иштирокчии фаъол ба раванди таълим ворид гардида, қобилияти дарки мавқеъҳои гуногун ва муносибати

бисёрпаҳлуиро ташаккул медиҳад. Ин раванд бевосита ба рушди тафаккур ва салоњиятмандии омӯзгор мусоидат менамояд.

Аз нуқтаи назари назарияи муколамавии таълим, ки дар осори М. Бахтин таҳия шудааст, раванди таълим ҳамчун ҳамкории иштирокчиён баррасӣ мегардад. Ба таъбири ӯ, *«... фаҳмиш дар ҷараёни муколама ба вуҷуд омада, пешакӣ ба шакли омода вуҷуд дошта наметавонад»* [19, с. 116]. Ин маънои онро дорад, ки ҳалли масъалаҳои педагогӣ танҳо дар ҷараёни ҳамкории зинда ва муколамавӣ имконпазир мебошад.

Дар ин замина, истифодаи психодрама ва бозии нақшдор омӯзгорро ба чунин шакли фаъолияти касбӣ омода месозад, ки дар он қарорҳо пешакӣ муайян карда намешаванд, балки дар раванди муошират ва тафсир ташаккул меёбанд. Ин раванд ба рушди қобилияти қабули қарорҳои чандвариантӣ ва дарки мавқеъҳои гуногун мусоидат менамояд.

Ин нишон медиҳад, ки таҷрибаи фаъолонаи тафсир нисбат ба таҳлили танҳо мантиқӣ самараноктар буда, ба рушди тафаккур ва салоҳияти педагогӣ мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, дар доираи равиши герменевтикӣ ҷанбаҳои шахсии фаъолияти педагогӣ, аз ҷумла ҳунари педагогӣ, аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Ҳунари педагогӣ ҳамчун шакли ифодаи маъноҳои педагогӣ ва воситаи ташкили муҳити фаъоли таълим баромад менамояд. Тавре М.А.*Абдуллоева* таъкид менамояд: *«... ҳунар дар қобилияти зуд ворид шудан ба вазъияти нав ва офаридани симои дорои маъно зоҳир мегардад»* [5, с. 119].

Дар заминаи таҳқиқи мазкур, артистизм на танҳо ҳамчун хусусияти инфиродии омӯзгор, балки ҳамчун воситаи методии ташкил намудани муҳити таълимӣ баррасӣ мегардад. С.С.Авғонов қайд кардааст: *«... пешкаш кардани мавод тавассути тасвирҳои эҳсосӣ фаҳмиш ва дар хотир нигоҳ доштани онро осон мегардонад»* [9, с. 28]. Ин маънои онро дорад, ки истифодаи унсурҳои артистӣ ба самаранокии раванди таълим таъсири мустақим мерасонад.

Илова бар ин, артистизм ба ташаккули муҳити муколамавӣ мусоидат намуда, шароити ҳамкории баробарҳуқуқи омӯзгор ва донишҷӯро фароҳам меорад. Дар чунин муҳит, раванди таълим аз шакли интиқоли дониш ба шакли эҷоди муштараки маъноҳо табдил меёбад.

Ба андешаи муҳаққиқон, истифодаи воситаҳои тимсолӣ ва эҳсосӣ дар раванди таълим имкон медиҳад, ки дониш на танҳо дар сатҳи мантиқӣ, балки дар сатҳи таҷрибавӣ ва маъноӣ азхуд карда шавад. Ин ҷанба ба ташаккули муҳити таълимии зинда ва эҷодӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, тафаккури педагогӣ дар ҷараёни фаъолияти омӯзгор ҳамчун низоми мураккаби дарк, муносибат ва интихоби қарорҳо зоҳир мегардад. Тавре М.Ю.*Бобоҷонова* қайд кардааст: *«... тафаккури педагогӣ дарки донишҷӯ, муносибати эҳсосӣ ва интихоби роҳҳои пешниҳоди муҳтавои таълимро дар бар мегирад»* [24, с. 112]. Ин нишон медиҳад, ки фаъолияти омӯзгор на танҳо интиқоли дониш, балки раванди мураккаби маънофарӣ низ мебошад.

Бо вуҷуди шабоҳати истифодаи унсурҳои бозӣ, артистизми педагогиро наметавон танҳо ба тақлиди театрӣ маҳдуд намуд. Бозии механикӣ ва азёдкардашуда наметавонад муколамавият ва амиқии маъноиро таъмин намояд. Танҳо дар шароите, ки иштирокчиён ба раванди тафсир фаъолона ҷалб мегарданд, таъсири воқеии педагогӣ ба даст меояд.

Дар ин раванд, муҳити креативӣ, набудани танқид, имконияти тафсири озод ва интихоби чандвариантии анҷоми вазъият ҳамчун шартҳои асосии рушди тафаккур ва салоҳиятмандии педагогӣ баромад менамоянд. Ин шароит имкон медиҳад, ки донишҷӯён на танҳо матнро дарк намоянд, балки маъноҳои онро мустақилона бозсозӣ кунанд.

Ҳамин тариқ, истифодаи равиши герменевтикӣ дар якҷоягӣ бо усулҳои намоишӣ ва таҷрибавӣ имкон медиҳад, ки матни педагогӣ ҳамчун муҳити фаъолонаи ташаккули тафаккур ва салоҳияти омӯзгор баррасӣ гардад. Ин раванд ба рушди қобилияти таҳлил, рефлексия ва қабули қарорҳои

чандвариантӣ мусоидат намуда, фаъолияти педагогиро ба сатҳи сифатан нави рушди касбӣ мебарорад.

Дар ин замина, осори бадеӣ ва матнҳои педагогӣ ҳамчун воситаи муҳими таҷассум ва дарки муносибатҳои байнишахсӣ баромад мекунанд. Ҳангоми кор бо чунин матнҳо, иштирокчиёни раванди таълим метавонанд худро бо қаҳрамонҳо ҳаммонанд созанд, мавқеи бетараф ё интиқодӣ ишғол намоянд ва ҳатто ҳолатҳои зиддиятнокро таҷриба кунанд. Тавре Г.Г.Қаршиева иброз намудааст: *«... ҳаммонандсозии шахс бо қаҳрамон ба амиқтар дарк намудани маъноҳои матн мусоидат менамояд»* [61, с. 132]. Ин раванд ба ташаккули муносибати инфиродӣ ва амиқ нисбат ба мазмуни матн мусоидат мекунад.

Раванди омодагӣ ва татбиқи чунин фаъолият одатан дар се марҳила амалӣ мегардад: таҳияи сенарияи вазъияти педагогӣ, таҷассум ва иҷрои он дар шакли бозии нақшдор ва марҳилаи рефлексивии таҳлил. Дар марҳилаи охир, иштирокчиён маъноҳои таҷрибаи бадастомадаро арзёбӣ намуда, муносибати худро нисбат ба вазъиятҳои моделшуда муайян мекунанд. Ин раванд ба ташаккули тафаккури рефлексивӣ ва маъноофарӣ мусоидат менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур сухан дар бораи бозии амалии нақшдор бо унсурҳои психодрама меравад, ки онро метавон ҳамчун шакли махсуси бозии дидактикӣ баррасӣ намуд. Вазифаи асосии он на танҳо фаъолсозии донишҷӯён, балки моделсозии фаъолияти касбӣ мебошад. Аз ин нуқтаи назар, психодрама ва бозии нақшдор метавонанд ҳамчун усули амсиласозии назариявию амалӣ арзёбӣ гарданд.

Дар солҳои охир, усули амсиласозӣ дар илм, аз ҷумла дар педагогика, мавқеи муҳим касб намудааст. Ин ба он вобаста аст, ки амсиласозӣ имкон медиҳад равандҳо ва объектҳои мураккаби педагогӣ дар шакли содашуда, вале аз ҷиҳати маъноӣ пурмазмун таҷассум ёбанд. Г.Г.Қаршиева инчунин афзудааст: *«... амсиласозӣ имконият фароҳам меорад, ки равандҳои*

*мураккаби педагогӣ дар шакли сохторёфта ва барои дарк дастрас пешниҳод шаванд»* [61, с. 132].

Усули амсиласозӣ дар низоми таҳқиқоти педагогӣ як қатор вазифаҳои калидиро иҷро менамояд: аввалан, он ба ошкор намудани сохтор ва хусусиятҳои объектҳои педагогӣ мусоидат мекунад; дуюм, шароит фароҳам меорад, ки донишҳои назариявӣ ба сатҳи татбиқи амалӣ ва методӣ гузаронида шаванд; сеюм, ҳамчун воситаи таҳлил ва пешгӯии равандҳои таълимӣ хизмат мекунад. В.И.Загвязинский чунин таъкид кардааст: *«... амсила ҳамчун воситаи гузариш аз донишҳои назариявӣ ба фаъолияти амалии педагогӣ баромад мекунад»* [41, с. 61].

Дар ҳамин замина, кор бо воситаҳои аломатию рамзӣ ҳамчун навъи махсуси фаъолияти маърифатӣ баррасӣ гардида, на танҳо қабули иттилоот, балки раванди рамзгузорӣ, тафсир ва аз навсозии маъноҳоро дар бар мегирад. Тавре ки муҳаққиқон қайд мекунанд, фаъолияти маърифатӣ дар чунин шароит хусусияти табдилдиҳанда дошта, дониш ҳамчун натиҷаи коркарди маъноӣ ташаккул меёбад.

Ин ҳолат нишон медиҳад, ки фаъолияти маърифатӣ танҳо раванди қабул ва нигоҳдории иттилоот набуда, балки раванди фаъолонаи табдил ва бозсозии маъноҳо мебошад. Дар чунин шароит, дониш ҳамчун натиҷаи фаъолияти дохилии тафаккур ташаккул ёфта, хусусияти инфиродӣ ва маъноофар пайдо мекунад. Аз ин лиҳоз, масъалаи методии муҳим ба миён меояд, ки ба таҳияи усулҳои самараноки ташкили фаъолияти маърифатии рамзӣ ва таъмини гузариши иттилоот ба дониш тавассути тафсир ва дарки маъноҳо вобаста аст.

Ҳамин тариқ, амсиласозӣ ҳамчун унсури ҷудонашавандаи фаъолияти таълимӣ ба низоми умумии фаъолияти педагогӣ ворид гардида, ба ҳадафҳои он мутобиқ мешавад. Дар чунин ҳолат, амсила на танҳо сохтори абстрактӣ, балки воситаи фаъолонаи ташкили фаъолияти таълимӣ ва рушди тафаккури омӯзгор ба ҳисоб меравад. Ба андешаи В.И. Загвязинский, *«... амсила объекти ёридиҳандаест, ки инсон бо ҳадафҳои маърифатӣ интихоб ё*

*дигаргун мекунад ва дар бораи объекти асосӣ маълумоти нав медиҳад»* [41, с. 65]. Ҳамзамон, ӯ таъкид менамояд, ки *«... ҳар гуна амсила нисбат ба прототип маҳдуд буда, танҳо ҷанбаҳои алоҳидаи онро инъикос мекунад»* [41, с. 73].

Ҳамзамон, масъалаи методӣ дар муайян намудани ҳудуди истифодаи амсилаҳо ба миён меояд, зеро ки дар раванди соддасозӣ баъзе робитаҳои муҳим ва ҷанбаҳои аслии воқеияти педагогӣ метавонанд нодида гирифта шаванд. Аз ин лиҳоз, зарурати муайян намудани меъёрҳои дақиқи интихоб, тарҳрезӣ ва татбиқи амсилаҳо ба вуҷуд меояд, ки имкон диҳанд онҳо на танҳо сохтори беруна, балки мазмуни дохилӣ ва робитаҳои асосии равандҳои таълимиро низ инъикос намоянд.

Ин маҳдудият нишон медиҳад, ки амсиласозӣ дорои хусусияти назариявӣ-амалӣ буда, дар раванди омӯзиш танҳо дар шароити татбиқи фаъол самаранок мегардад. Махсусан, дар сохтани сенария ва моделсозии вазъиятҳои педагогӣ интиқоли маъно аз як шакли тафаккур ба шакли дигар амалӣ шуда, маҳорати истифодаи воситаҳои аломатию рамзӣ ташаккул меёбад.

Дар доираи равиши герменевтикӣ, истифодаи усулҳои намоишӣ, психодрама ва амсиласозӣ имкон медиҳад, ки раванди таълим хусусияти интерактивӣ ва маъноофар пайдо намояд. Дар чунин муҳит, омӯзгор ва донишҷӯён ҳамчун субъектҳои фаъол дар ташаккули дониш иштирок мекунанд, ки ин ба рушди тафаккур ва салоҳияти педагогӣ мусоидат менамояд.

Дар ин замина, масъалаи методии муҳим ба ҳамгироии бозии дидактикӣ бо равиши герменевтикӣ марбут мебошад, ки дар он бозӣ на танҳо ҳамчун шакли фаъолият, балки ҳамчун механизми тафсир ва маъноофарӣ баррасӣ мегардад.

Бозӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими маърифатӣ дар адабиёти илмӣ мавқеи махсус дорад. Тавре ки муҳаққиқон таъкид мекунанд, бозӣ имконият медиҳад, ки ҷаҳони маънавии инсон дар ҳамбастагӣ бо таҷрибаи фарҳангӣ ва

иҷтимоӣ ошкор гардад. Аз ин нуқтаи назар, бозӣ на танҳо шакли фаъолияти фароғатӣ, балки механизми ташаккули маъно ва худшиносӣ мебошад.

Дар ин замина, Д.Б. Эльконин таъкид менамояд, ки *«... бозӣ фаъолияти пешбарандаест, ки дар ҷараёни он ташаккули сохторҳои асосии нави равонии шахсият сурат мегирад»* [140, с. 45].

Равоншиноси маъруф И.А. Зимняя менависад: *«... фарҳанги инсонӣ бидуни бозӣ маъно надорад… бозӣ фазои озод ва худнамоишдиҳии ҳастии инсон мебошад»* [49, с.114]. Ин нуқтаи назар нишон медиҳад, ки бозӣ ҳамчун падидаи фарҳангӣ дорои табиати транссенденталӣ буда, фаъолияти инсонро аз доираи амалҳои мақсаднок берун мебарорад.

Аз ҷиҳати методологӣ, бозӣ ҳамчун механизми герменевтикӣ баррасӣ шуда, имконият медиҳад, ки маъноҳои матн ва воқеият тавассути таҷрибаи шахсӣ дарк карда шаванд. Дар ин раванд, иштирокчӣ на танҳо мушоҳидагар, балки иштирокчии фаъоли маъноофар мегардад.

Тавре ки Х.-Г. Гадамер (*H.-G. Gadamer)* қайд менамояд: «... *фаҳмидан ҳамеша раванди тафсир мебошад, ки дар заминаи шароити таърихӣ ва фарҳангӣ амалӣ мегардад»* [149, с. 129].

Таҳлили илмӣ нишон медиҳад, ки бозӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- шакли махсуси муносибат ба воқеият;
- навъи фаъолияти рушддиҳанда;
- воситаи азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ;
- механизми рушди равонӣ ва маърифатӣ.

Дар ҳамин замина, бозии дидактикӣ ҳамчун шакли махсуси фаъолияти таълимӣ баррасӣ гардида, ба ташаккули дониш, малака ва тарзҳои фаъолияти маърифатӣ мусоидат мекунад. Муҳаққиқ Р.М. Кучов қайд менамояд, ки *«... муколамавият бояд на танҳо воситаи фаъолсозии омӯзиш, балки шакли ташкили худи муҳтавои илм бошад»* [70, с. 16]. Ин мавқеъ зарурати таҷдиди сохтори барномаҳои таълимиро нишон медиҳад.

Муколамавият дар навбати худ ба рушди тафаккур ва салоҳияти педагогӣ мусоидат намуда, имконият медиҳад, ки дониш аз нуқтаҳои гуногуни маъноӣ таҳлил ва тафсир карда шавад.

Ба андешаи М.М. Бахтин, *«... ҳақиқат дар муколама, дар ҷараёни ҳамкории нуқтаҳои назари гуногун ба вуҷуд меояд»* [19, с. 362].

Академик М. Лутфуллоев сохтори бозии дидактикиро дар се ҷузъи асосӣ муайян менамояд: проблемасозӣ, вокуниш ва муколама. Ба андешаи ӯ, *«... ин ҷузъҳо имкон медиҳанд, ки рушди фаъолияти эҷодии донишҷӯён дар ягонагии ҷанбаҳои ангезавӣ, муҳтавоӣ ва иртиботӣ таъмин гардад»* [75, с. 166]. Ин модел ба рушди ҷанбаҳои когнитивӣ, иртиботӣ ва рефлексивии тафаккури педагогӣ мусоидат менамояд.

Дар идомаи ин назария, татбиқи амалии ҷузъҳои зикршуда дар доираи бозии дидактикӣ тавассути ташкили вазъиятҳои проблемавӣ ва бархӯрди мавқеъҳои гуногуни маъноӣ амалӣ мегардад. А.А. Вербицкий дар ин бора чунин таъкид менамояд: «бозии дидактикӣ тавассути ташкили вазъиятҳои проблемавӣ ва бархӯрди мавқеъҳои гуногун шароити мусоидро барои рушди фаъоли фаъолияти маърифатӣ ва эҷодии омӯзандагон фароҳам меорад» [Вербицкий, А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход. - М.: Высшая школа, 1991. - С. 127]. Маҳз чунин шароит рушди фаъоли тафаккури педагогӣ, эҷодкорӣ ва салоҳиятмандии касбии омӯзгорони ояндаро таъмин менамояд.

Проблемасозии муҳтавои таълим дар доираи бозии дидактикӣ тавассути ташкил намудани вазъиятҳои зиддиятнок амалӣ мегардад. Низое, ки пешакӣ аз ҷониби омӯзгор тарҳрезӣ шудааст ва дар ҷараёни бозӣ мазмуни воқеӣ пайдо мекунад, бархӯрди мавқеъҳои гуногуни маъноиро таъмин менамояд. *«Бархӯрди мавқеъҳои гуногун дар шароити бозӣ асоси рушди фаъолияти маърифатиро ташкил медиҳад»* [75, с. 113]. Ин бархӯрд унсури асосии рушди бозии дидактикиро ташкил медиҳад.

Чунин тарзи таҷассум ва бозсозии вазъиятҳои воқеӣ ба иштирокчиён имкон медиҳад, ки ба сатҳи муносибати фаъолона нисбат ба масъалаҳои

проблемавӣ бароянд. Дар натиҷа, онҳо маҳдудиятҳо ва норасоии воситаҳо ва усулҳои фаъолияти худро дарк намуда, ин омил ҳамчун неруи ҳаракатдиҳандаи рушди шахсият баромад мекунад. Тавре М.И.*Махмутов иброз намудааст: «Вазъиятҳои проблемавӣ дар фаъолияти бозигарӣ ба ташаккули фаъолият ва рушди шахсият мусоидат менамоянд»* [82, с. 69].

Дар чунин шароит, омӯзгор ва донишҷӯ қобилияти таҳлил, муқоиса ва интихоби роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳоро инкишоф медиҳанд, ки ин яке аз нишонаҳои муҳими тафаккур ва салоҳиятнокии педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Дараҷаи муколамавии бозии дидактикӣ хеле баланд мебошад. Мавқеи демократии омӯзгор ва таҷрибаи фаъолияти дастаҷамъии фикрии донишҷӯён ба рушди муколама мусоидат мекунанд. Тавре Х.Г.Сайфуллоев зикр намудааст: *«Муколама ҳамчун шакли ҳамкории маъноӣ имконияти дарки амиқи мазмунро фароҳам меорад»* [104, с. 12]. Дар ҷараёни муҳокима ҳамкории мавқеъҳои гуногуни маъноӣ ба амал меояд, ки ба дарки амиқи мазмун оварда мерасонад.

Дар чунин раванд, иштирокчиён на танҳо мавқеъҳоро баррасӣ мекунанд, балки онҳоро ҳамчун мавқеи шахсии худ таҷассум менамоянд. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки маъноҳо дар сатҳи шахсӣ азхуд карда шаванд.

З.Х.Сайфуллоева қайд менамояд, ки истифодаи усулҳои фаъоли таълим, аз ҷумла бозии намоишӣ, ба рушди фаъолияти касбӣ мусоидат мекунад. Ба андешаи ӯ, бозии дидактикӣ шакли бозсозишудаи фаъолияти касбӣ буда, муҳтавои иҷтимоӣ ва касбиро таҷассум менамояд.

Ҳамчунин таъкид мегардад, ки шароити бозии дидактикӣ барои рушди ҳавасмандӣ ва фаъолияти муоширатӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. *«Бозии дидактикӣ шакли бозсозишудаи фаъолияти касбӣ буда, шароити ташаккули тафаккури эҷодиро фароҳам меорад»* [105, с. 78].

Ҳамин тариқ, истифодаи равиши герменевтикӣ дар якҷоягӣ бо усулҳои намоишӣ ва таҷрибавӣ имкон медиҳад, ки раванди таълим аз сатҳи интиқоли иттилоот ба сатҳи маъноофарӣ ва тафсири фаъол гузарад. Дар чунин шароит,

матни педагогӣ на танҳо ҳамчун манбаи дониш, балки ҳамчун муҳити фаъолонаи ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгор баррасӣ мегардад. Ин раванд ба рушди қобилияти таҳлил, рефлексия ва қабули қарорҳои чандвариантӣ мусоидат намуда, фаъолияти педагогиро ба сатҳи сифатан нави рушди касбӣ мебарорад.

Аз ҷиҳати методологӣ, татбиқи равиши герменевтикӣ тавассути маҷмӯи усулҳои ба ҳам алоқаманд амалӣ мегардад, ки дар онҳо бозии дидактикӣ, психодрама ва амсиласозӣ мавқеи марказӣ доранд. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки вазъиятҳои педагогӣ дар шакли моделшуда таҷассум ёфта, иштирокчиён на танҳо онҳоро дарк намоянд, балки фаъолона дар раванди тафсир ва бозсозии маънохо иштирок кунанд.

Дар чунин муҳит, фаъолияти маърифатӣ хусусияти табдилдиҳанда пайдо мекунад. Дониш ҳамчун натиҷаи коркарди маъноӣ ташаккул ёфта, хусусияти инфиродӣ ва динамикӣ касб менамояд. Аз ин лиҳоз, равиши герменевтикӣ ба ташкили муҳити таълимӣ мусоидат мекунад, ки дар он омӯзгор ва донишҷӯ ҳамчун субъектҳои фаъол баромад намуда, дар раванди муштараки маъноофар иштирок мекунанд.

Механизми амалисозии ин раванд пеш аз ҳама ба ташкил намудани вазъиятҳои проблемавӣ вобаста мебошад. Вазъиятҳои мазкур шароите фароҳам меоранд, ки дар он донишҷӯён маҷбур мешаванд мавқеъҳои гуногунро таҳлил намуда, роҳҳои алтернативии ҳалли масъалаҳоро ҷустуҷӯ кунанд. Дар чунин ҳолат, раванди омӯзиш хусусияти хаттӣ надошта, ба раванди динамикӣ ва бисёрсамта табдил меёбад.

Дар доираи ин равиш, бозии дидактикӣ ҳамчун воситаи герменевтикӣ баромад намуда, имконият медиҳад, ки таҷрибаи касбӣ дар шакли амсила таҷассум ёбад. Тавре Ш.А.Сатторова таъкид менамояд: *«... бозӣ фаъолияти пешбарандаест, ки дар ҷараёни он ташаккули сохторҳои асосии нави равонии шахсият сурат мегирад»* [108, с. 131]. Ин нишон медиҳад, ки бозӣ на танҳо шакли фаъолияти таълимӣ, балки механизми рушди тафаккур ва худшиносӣ мебошад.

Муколамавият ҳамчун унсури калидии равиши герменевтикӣ баромад намуда, имконият медиҳад, ки дониш дар раванди ҳамкории маъноӣ ташаккул ёбад. Ба андешаи М.М. Бахтин, *«... ҳақиқат дар муколама, дар ҷараёни ҳамкории нуқтаҳои назари гуногун ба вуҷуд меояд»* [19, с.366]. Аз ин рӯ, ташкили фаъолияти таълимӣ бояд ба муҳити муколамавӣ такя кунад.

Дар чунин муҳит, амсиласозӣ ҳамчун воситаи пайвасткунандаи назария ва амал баромад мекунад. Он имкон медиҳад, ки равандҳои мураккаби педагогӣ дар шакли сохторёфта таҷассум ёфта, барои таҳлил ва фаҳмиш дастрас гарданд. Тавре таъкид мегардад, «амсила ҳамчун воситаи гузариш аз донишҳои назариявӣ ба фаъолияти амалии педагогӣ баромад мекунад» [68, с. 105].

Дар айни замон, истифодаи амсиласозӣ бо масъалаҳои методӣ алоқаманд мебошад. Пеш аз ҳама, муайян намудани ҳудуди татбиқи амсилаҳо муҳим аст, зеро ки дар раванди соддасозӣ баъзе робитаҳои муҳими воқеият метавонанд нодида гирифта шаванд. Аз ин рӯ, зарурати таҳияи меъёрҳои дақиқи интихоби ва татбиқи амсилаҳо ба миён меояд.

Дар доираи бозии дидактикӣ, як қатор усулҳои психологию педагогӣ амалӣ мегарданд. Аввалан, амсиласозии тақлидии вазъиятҳои касбӣ, ки имконият медиҳад шароити воқеӣ дар шакли омӯзишӣ таҷассум ёбад. Дуюм, амсиласозии намоишии фаъолияти касбӣ, ки ба он фаъолияти муштарак ва муоширати муколамавӣ асос меёбад. Сеюм, проблеманокии муҳтаво, ки иштирокчиёнро ба таҳлил ва ҷустуҷӯи роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо водор месозад.

Иштирокчиёни чунин фаъолият маҷмӯи маҳоратҳои мураккаби касбиро татбиқ менамоянд, аз ҷумла таҳлил, муқоиса, моделсозӣ ва арзёбӣ. Ба андешаи И.Г.Морозова, *«чунин маҳоратҳо бо тафаккури бисёрҷанбаи педагогӣ дар амал наздик мебошанд»* [87, с. 27].

Асли проблеманокӣ ҳамчун омили асосии рушди тафаккури эҷодӣ баромад мекунад. Вақте ки донишҷӯ дар муҳити вазъиятҳои мураккаб фаъолона иштирок мекунад, ӯ қобилияти таҳлил ва қабули қарорҳои

чандвариантиро инкишоф медиҳад. Тавре С.Л.Рубинштейн таъкид мекунад: *«... вазъияти проблемавӣ шароити пайдоиши фаъолияти эҷодӣ ва рушди тафаккур мебошад»* [100, с. 119].

Муошírати муколамавӣ дар ин раванд нақши муҳим мебозад. Он имконият медиҳад, ки дониш дар натиҷаи ҳамкории маъноӣ ташаккул ёбад ва иштирокчиён мавқеъҳои гуногунро муқоиса намоянд. Ин раванд ба рушди қобилияти фаҳмиш ва тафсири амиқ мусоидат мекунад.

Бо ин роҳ, бозии дидактикӣ ҳамчун воситаи герменевтикӣ ба рушди қобилияти тафсир, таҳлил ва қабули қарорҳои чандвариантӣ мусоидат менамояд. Он инчунин имконият медиҳад, ки иштирокчиён сабаб ва натиҷаи амалҳоро дарк намуда, қобилияти пешгӯии вазъиятҳоро инкишоф диҳанд.

Дар маҷмӯъ, татбиқи усулҳои герменевтикӣ дар таълим ба ташаккули муҳити интерактивӣ ва маъноофар мусоидат мекунад. Дар чунин муҳит, донишҷӯён на танҳо донишро қабул мекунанд, балки онро фаъолона коркард намуда, маъноҳои нав месозанд.

Ҳамин тариқ, равиши герменевтикӣ ҳамчун асоси методологӣ имкон медиҳад, ки рушди тафаккури педагогӣ ҳамчун раванди маъноофарӣ, тафсир ва интихоби қарорҳои чандвариантӣ баррасӣ гардад. Ин равиш на танҳо мазмуни фаъолияти таълимиро, балки механизмҳои дохилии ташаккули тафаккури омӯзгорро низ ошкор менамояд.

### 1.3. Матни таълимӣ ҳамчун воситаи дидактикии рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони оянда забони англисӣ

Матни педагогӣ ва аз лиҳози герменевтика тавзеҳ додани он дар рисолаҳои муҳаққиқони соҳавӣ М.А. Абдуллоева, Ҷ.Ҷ. Хоҷаева ва дигарон то андозае мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Дар робита ба ин масъала: *«мафҳуми матн шарҳ дода шуда, аҳли таҳқиқ бо таърифоте, ки муҳаққиқон нисбат ба матни педагогӣ роиҷ донистаанд, ошно гардида, таърифи нисбатан мукаммали он ва тавсифи категорияи мазкур пешниҳод мешавад»* [4, с. 147].

Дар ин бахш, инчунин ҷараён ва натиҷаҳои таҳқиқот, ки барои ҳалли вазифаҳои зерин равона шудаанд, ба таври муфассал тавсиф мегарданд:

1. Мафҳуми *«матни педагогӣ»* ва сохтори он муайян карда мешавад, инчунин асосҳои назариявии мафҳуми мазкур омӯзиш мешаванд;
2. *«Меҳвар»*-и матн ва фаъолияти педагогӣ, ки маънои педагогиро муттаҳид мекунад, ҷудо ва асоснок карда мешавад;
3. Муайян намудани тарзи тавзеҳи маънои педагогӣ ва фаҳмиши матн бо ёрии тафсири герменевтикии матни педагогӣ; асосноккунии назариявӣ ва муайян намудани сохтори мафҳум ҳамчун раванд ва натиҷа;
4. *«Механизм»*-и фаҳмиши тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ дар омӯзгор, ҷудо карда мешавад;
5. Заминаҳои назариявии рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ, сифатҳои шахсиятӣ ва касбии вобаста ба он пайдо карда мешаванд.

**Таърифи матни дорои самтгирии педагогӣ. Мафҳумҳои педагогӣ.** Ба категорияи «матн» илмҳои гуногун таваҷҷуҳ намудаанд. Чунончи, адабиётшиносон таърифи аз хама маъмултарини матнро ки бештар аҳли илм аз он истифода мебарад, «қайду сабти хаттӣ ё чопии гуфтори нутқӣ ё ахбор дар муқобили амалисозии шифоҳӣ ба шумор меравад маънидод кардаанд. Дар фарҳангномаҳои лингвистӣ хусусияти матн ин гуна нишон дода шудааст

**Матн** - ё текст *(лот. Texts)* - маънои пайвастан ва алоқаи қисматҳо мебошад. Он як низоми пайваст ва яклухт аст, ки тавассути алоқаҳои сохторӣ ва маъноии воҳидҳои аломатӣ ташкил мешавад ва ҳамчун воҳиди асосии мухобирот шиносоии асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар семиотика, мафҳуми матн ҳама гуна аломатҳо ва шаклҳои алоқа ва робита, ба мисли рақс, расму оинҳо ва маросимҳо,ро дарбар мегирад. Дар забоншиносӣ, матн ба таври пайдарпаии аломатҳои забонӣ фаҳмида мешавад. Таҳқиқоти матн дар кишварҳои гуногун бо номҳои мухталиф, ба монанди лингвистикаи матн, сохтори матн ва грамматикаи матн, маъруф аст.

Барои ҳадафҳои таҳқиқоти мазкур, мафҳуми матн на танҳо ҳамчун воҳиди забонӣ, балки ҳамчун воситаи дидактикии таъсиррасонӣ ба рушди

тафаккури омӯзгорони оянда баррасӣ мегардад.

Аз лиҳози лингвистӣ матн ва паҳлуҳои гуногуни он дар осори муҳаққиқон М.А. Абдуллоева, Ҷ.Ҷ.. Хоҷаева, В.И.Загвязинский ва дигарон таҳқиқ шудааст. Аз љумла. В.И.Загвязинский ќайд мекунад: *«матн ҳамчун воҳиди иерархияҳои нисбатан мураккаб (воҳидҳои иртиботот), ба мисли «даврҳо», пораҳои интихобии мавзуи ва ғайра баррасӣ мешавад. Ҳамзамон, дар асоси мавҷудияти як сохтори дохилӣ дар он, мукаммалӣ, бисёрфунксиягӣ ва бисёрқиширӣ метавон он порчаро матн ҳисобид»* [41, с. 79].

Дар адабиётшиносӣ матн навиштаи аслии муаллиф, сухани аслии нависанда, ки дар шакли дастнавис ё чоп арзи вуҷуд дорад [4-М].

Муҳаққиқони тоҷик М.А. Абдуллоева ва Н.И. Ҷураева матнро «ҳамчун воҳиди синтаксис ва воҳиди мураккаби синтаксисӣ арзёбӣ намудаанд» [Абдуллоева, М.А., Ҷураева, Н.И. Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. - Душанбе: Дониш, 2015. - С. 104–108]. Минбаъд дар мақолаву гузоришҳои забоншиносон М.А. Абдуллоева, С.С. Авгонов, И.Т. Мавлонова, И.Х. Каримова, Г.Г. Каршиева, Қ.С. Абдураҳимов ва дигарон матн ба сифати як категорияи алоҳидаи забоншиносӣ то андозае баррасӣ шудааст.

С. Аминов муҳимтарин аломатҳои матнро чунин пешниҳод кардааст: «ҷумлаҳои матн аз ҷиҳати мантиқ ва мавзуъ ба ҳамдигар алоқаманд буда, мақсади асосӣ ва мавзуи нисбӣ доранд; мустақилияти нисбӣ доранд; алоқаи ҷумлаҳо тавассути воситаҳои грамматикӣ сурат мегирад; ҷумлаҳо ба таври пайдарпай ва занҷирӣ пайваст мешаванд; фикр бо тартиб баён мегардад; матн оғоз ва анҷом дорад» [Аминов, С. Назарияи матн дар забони тоҷикӣ. - Душанбе: Маориф, 2010. - С. 47]. Муҳаққиқ матнро чунин таъриф додааст: «гурӯҳи ҷумлаҳое, ки маънан ва тавассути воситаҳои лексикию грамматикӣ ба ҳам алоқаманд шудаанд, матн номида мешавад» [ҳамон ҷо. - С. 49].

Матн як мавзуъро фаро гирифта, дорои идеяи ягона буда, дар бораи чизе маълумоти мураттабу батафсил медиҳад. И.Г. Морозова қабатҳо ё дараҷаҳои зерини фарҳангии матнро ҷудо намудааст: «қишри фаврию

технологӣ - сатҳе, ки дар фаъолияти ҳаётӣ зоҳир мешавад; қишри илмӣ - вобаста ба ҳақиқат, ки тавассути қонуниятҳои ҳастӣ ва робитаҳои дар забон ҳисшаванда ошкор карда мешавад; қишри санъат - вобаста ба ошкорсозии зебоӣ ва ҳамоҳангӣ; қишри фалсафа - андозагирандаи мувофиқати фаъолияти ҳаётии инсон ба ормон ва камолот; қишри дин - муайянкунандаи мутлақ ва камолот» [Морозова, И.Г. Культурные пласты текста. - М.: Наука, 2005. - С. 25–35].

Матнҳо ба ин ё он андоза иерархияи фарҳангро инъикос менамоянд. Матн воҳиди мавҷудияти фарҳанг ба шумор рафта ба андешаи фарҳангшиноси рус В.С. Библер: *«Ҳар як хонандаи китоб аз калима ва тимсолҳои дар саҳифаҳои он овардашуда ҷаҳонеро бозсозӣ мекунад. Чунин тавсифнома ба андозаи бештар ба асари бадеӣ таалluқ дорад, вале мо чунин меҳисобем, ки матни мақолаи илмӣ, китоби дарсӣ ва матне, ки аз нигоҳи амалӣ «машбуъ» аст, ҳамчунин бо мавҷудияти иерархия тавсиф карда мешавад ва тавассути тарзҳо ва усулҳои махсус арзишҳои фарҳангро интиқол медиҳад»* [22, С. 31-42].

Ин хусусият имкон медиҳад, ки матн ҳамчун воситаи рушди тафаккур ва салоҳияти омӯзгор истифода шавад, зеро он дарки маъноҳоро аз нуқтаҳои гуногун таъмин менамояд.

Маҳз дар ҳамин замина, матни таълимӣ ҳамчун воситаи ташаккули баррасӣ шуда, нақши он дар инкишофи қобилияти таҳлил тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ, рефлексия ва қабули қарорҳои педагогӣ асоснок карда мешавад.

Дар шуури инсон ин гуна арзишҳои мувофиқат дар шакли маънои шахсиятӣ вуҷуд дорад. Аз нав бунёд намудани ҷаҳони худ ҳангоми хондан кори фаъоли тарафи қабулкунандаро дар назар дорад. Интишор ва интиқоли арзишҳои фарҳангӣ бидуни таъсиррасонӣ ба соҳаи маъноии ҳар як инсон дар алоҳидагӣ имконнопазир аст. Дар интишор ва интиқоли фарҳанг асарҳои бадеии дорои арзишҳои баланди эстетикӣ ва дорои мурочиат ба соҳаи тимсолию отифавӣ, ки барангезандаи навъҳо ва дараҷаҳои гуногуни

ҳиссиёти эстетикӣ мебошанд, бештарин муваффақиятро дороанд.

Инак, мо дар байни маъноҳои дигари матн маъноҳои педагогиро махсус зикр намудем. Ҳангоми баршумурдани онҳо бояд қайд кард, ки маъно субъективӣ буда, табиати хеле хос дорад ва дар аксари мавридҳо метавон онро дар шакли комилан аломатӣ *(лафзӣ, луғавӣ)* интиқол дод. Инҳо маъноҳое мебошанд, ки ба дарки умумиинсонии рисолати омӯзгор будани худ тааллуқ доранд *(дар мутобиқат бо мантиқӣ иерархӣ будани фарҳанг аз қишри амиқтарин, қишри сатҳӣ сохта шудаанд)*.

1) саъю кӯшиш ба камолот ва амалисозии нисбатан пурраи нерӯҳои соҳавии худ;
2) кӯшиши ҳамли арзишҳои инсонгароёна;
3) Омода будан ба эҷодкорӣ, муколама, рағбати самимӣ ба шахсияти одами дигар, ба дараҷаи зиёд мутаассиршавӣ дар раванди идроки одами дигар ва амалисозии такмилдиҳии шахсияти одами дигар, отифият, мутаассиршавии пурҳаяҷон аз фаъолияти худ, ҳолати фаросатию пурҳаяҷон, ки вобаста ба ҳамкории муштараки муваффақ сурат мегирад;

Аз рӯйи ақидаи В.П. Зинченко: *«саъю кӯшиш ҷиҳати фарогирии стратегияҳои педагогӣ, ғояҳои дар вазъиятҳои ҳаётӣ ба тарафи беҳтар тағйир додани рафтори инсон ҳамчун шахсият, арзишҳои онҳо, пазируфтани таҷрибаи бисёрарсаи педагогии инсоният, маънои «дониш» эътирофи муҳим будани донишҳои инсонӣ дар соҳаи педагогика ва омодагӣ ба «зинда кардани» мебошад»* [52, с.54].

Ба ақидаи мо, ин маъноҳо асоси шахсиятро ташкил медиҳанд ва фаъолияти омӯзгорро танзим менамояд. Албатта, чунин маъноҳоро дар ҳама гуна фаъолияти касбию шахсиятӣ ҷудо кардан мумкин аст. Вале, мо кӯшиш кардем таваҷҷуҳро ба ҳамон маъноҳое равона намоем, ки ба ғояи **омӯзгор** дар фаҳмиши умумибашарӣ ва умумифарҳангӣ мутобиқат менамоянд.

Худи ҳамин маъноҳо махсусияти матни дорои тавоноии педагогиро инъикос менамоянд. Ба тасаввури мо, муроҷиат ба матн ҳамчун яке аз

воситаҳои ташаккули фарҳанги педагогӣ ва шуури омӯзгор мувофиқи мақсад аст. Матн махзани таҷрибаи педагогии инсон, ба қавле *«дастгоҳи тамрин»* ва ҳамзамон манбаи беохир барои такмили раванд ва ҳолати идроки ҷаҳони шахсии дигар ҳангоми бархӯрд бо маъноҳои он мебошад.

Ба ақидаи мо, маънои замонӣ ҳамчун фаҳмиши интиҳои ҳастии инсон аз дигар маъноҳо *«боло»* меистад ва тавоноии вижаи педагогӣ дорад. Муҳаққиқи рус М.А. Мазниченко ҳам дар таҳқиқоти худ ба маврид менависад: *«Ин дар ҳамаи сатҳҳои фаъолияти муаллим, ҳам дар амалҳои калонмиқёс (дарки масъулият дар назди инсоният ва наслҳои оянда; тарзҳои ба донишҷӯгон интиқол додани муносибати фаъолу арзишманд ба вақт; муносибати лоиҳавию вокуниш ба тамоми фаъолияти худ; ҳадафгузорӣ), ҳам дар амалҳои хусусӣ* - *иҷрои амалиёт дар ин ё он фаъолият дар муҳлатҳои бештар муносиб, ҳисобу китоби дурусти фаъолият дар дарс, вақте ки ба ин ё он мавзуъ сарф карда мешавад ва ғайра зоҳир мешавад»* [146, с. 324].

Матн, махсусан матни асари бадеӣ, бо мақсади таъсиррасонӣ, эҷод кардани вазъияти бархӯрд бо амсилаи маъноии бегона навишта мешавад. Вале на ҳамаи матнҳо саъю кӯшиш ба ормон ва маънову хоҳиши *«беҳтар будан»*-ро доранд. Ғайр аз ин, на дар аксари онҳо маънои чи тавр ба он ноил гардидан мувофиқ дода мешавад, роҳи такомул нишон дода нашудааст; на дар ҳамаи матнҳо тарафи расмие, ки барои пайдоиши вокуниши эстетикӣ ва бозсозии маъноии шахсият кофӣ бошад, ҳузур дорад. Ҳамин тавр, на ҳама гуна матн тавоноии лозимии педагогии ба қадри кофӣ таъсиррасон ба бахши касбию маъноии муаллими ояндаро дорад.

Адабиёти бадеии классикӣ манбаи бештар зинда ва нотакрор барои ташаккули сифатҳои омӯзгор, ҳам сифатҳои шахсиятӣ ва ҳам сифатҳои касбӣ, ба шумор меравад. Он ба андозае тафаккури инсонро дар кӯдакӣ ва ҳам дар заминаи афсонаҳо, китобҳои бачагона ва дарсҳои адабиёт ва ҳам дар синни балоғат ташаккул медиҳад. Ивазнашавандагии чунин матн барои ташаккули омӯзгори оянда далели мавҷудияти хусусиятҳои нотакрор ва

инфиродӣ дар матн, ҳамон *«хусусиятҳои»* кучак дар шакли тимсолҳо мебошад, ки ҳеҷ гуна таснифи вазъиятҳои педагогӣ ё вазъият ҷаринаҳо аз назарияи адабиётшиносӣ дар бар гирифта наметавонад. Масалан, Г.Н. Кулагина чунин қайд мекунад: *«маъносозие, ки дар шахс дар зери таъсири тамос бо санъат (ва матн) ба амал меояд, на ҳама вақт дар робита ба рушди он ҷараён мегирад; сирри санъат дар шакли бадеии он мебошад, ки қодир ба расонидани таъсири эстетикӣ аст. Вале на танҳо матни амиқ ва баланд чунин шакл мегирад. Фақат ҳамон матнеро, ки дорои маъноҳои инсонгароёна бошад, метавон матни дорои тавоноии педагогӣ номид»* [146, с. 14].

Дар ҳар гуна матн тамоми воқеият бо ҳолатҳои хусусӣ, умумӣ ва ормонӣ, ҷанбаҳои ин воқеият инъикос ёфтааст ва бинобар ин, матнҳо падидаи салоҳиятмандӣ буда, танҳо тавассути афзори он тафаккур қобили дарк ва фаҳмиш мешаванд.

Инак, тавоноии педагогии асари бадеӣ дар инҳо ифода меёбад:

1) дар пайдо кардани матн дар яке аз дараҷаҳои фарҳангӣ;
2) дар доштани муҳтавои педагогӣ: талош ба ормон *(баъзан - ишора ба роҳи тағйир додани рафтори ҳаётӣ ва маъноҳои шахсият ба тарафи беҳтар, ишора ба тарзҳои амалӣ намудани ин тағйирот)*, ишора ба тарзҳои муносиби танзими замони ҳаёти худ *(маънои замонӣ)*;
3) дар тарзҳои муассири интиқоли ин маъноҳо ба омӯзгор *(аз ҷумла ба омӯзгори оянда)*, ки бо мантиқҳои оқилона ва зеҳнӣ ва бо усулҳои иерархияи фарҳангӣ асоснок карда мешаванд.

Ин гуногунқабатии матн ба омӯзгор имкон медиҳад, ки воқеиятро дар сатҳҳои мухталиф таҳлил намояд, ки асоси тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогиро ташкил медиҳад.

Муҳақиқ С.Г. Тер-Минасова фарзияеро пешниҳод менамояд, ки: *«зимни он унсури эстетикӣ ва баъзан унсури бадеӣ дар матраҳ намудани проблемаҳои педагогика пайомадҳои педагогӣ пай дар пай дорад, яъне равандҳои муайяни педагогиро назар ба таҳлили назариявӣ, метавон*

*воситаҳои бадеӣ мувофиқтар ифода намуд. «Вазифаи башоратдиҳанда», ки санъат, аксаран, нисбат ба педагогика иҷро мекунад, қайд карда мешавад (масалан, тасвири равандҳое аз тарафи ҳунарманд, ки «дар ҳаво парвоз доранд», аммо ҳанӯз дар назария мулоҳизаю баррасӣ нашудаанд)»* [115, с. 146].

Олими тоҷик М.Р. Юлдашева дар пажуҳиши худ ба хулосае меояд, ки: *«Агар хондани асари бадеӣ, агар он ба раванди муколама табдил дода шавад, ҳамчун ба шуури хонанда якбора фурӯравии мавқеи муаллиф, маъноҳои ба хонандагон интиқолдиҳандаи муаллиф ва ҳамзамон аз тарафи хонанда ба тартиб даровардани фаҳмиши он масъалаҳое мебошад, ки муаллиф онҳоро мебардорад, ҷилвагар мешавад»* [141, с. 246].

Ҳамин тавр, матни таълимӣ ҳамчун воситаи дидактикӣ на танҳо манбаи дониш, балки механизми фаъолонаи рушди тафаккури бисёрҷанбаи омӯзгорони оянда баромад мекунад. Дар доираи равиши герменевтикӣ, он ба ташаккули қобилияти маъноофарӣ, тафсир, таҳлил ва қабули қарорҳои чандвариантӣ мусоидат намуда, ҳамчун унсури калидии омодасозии касбии омӯзгор баррасӣ мегардад.

**Тарзҳои ифодаи мафҳумҳои педагогӣ дар матн**. Дар илми муосир чандин равишҳо нисбат ба таснифи вазифаҳои санъат *(адабиёт ҳам ба он тааллуқ дорад)*, масалан, равиши санъатмеҳварӣ, вуҷуд дорад. Дар он ҷудо кардани чунин вазифаҳои санъат ба мисли вазифаҳои маърифатӣ, тарбиявӣ, дилхушкунанда, ҳамоҳангкунанда ва ғайра на аз мавқеи истифодабарандаи санъат, балки аз мавқеи шахси тасмимгиранда амалӣ карда мешавад; ҳамсуҳбатон қабулкунандагони иттилоъ *(ретсипиентҳо)* бошанд, ҳамчун объекти таъсиррасони санъат, чун замима ба вазифаҳои он хидмат мекунанд. Чунин муносибат наметавонад вазъияти ҳамкории мутақобилаи воқеии асари санъат ва шахсиятро тавсиф кунад. Бинобар ин, ивазшавии таваҷҷуҳ ба равиши шахсиятмеҳварӣ *(дар мутобиқат бо усули инсонгаросозӣ дар илми муосир)* ба вуқуъ меояд. Дар маркази баррасӣ шахсият бо маъноҳо, талабот, дархостҳо, арзишҳо ва қолабҳои воқеии он қарор гирифтааст, ки тавассути

онҳо таъсири ҳама гуна асар, аз ҷумла асари эталонӣ ва классикӣ, ногузир мункасир мешавад [1-М].

Дар ин замина, матн на танҳо объекти таҳлил, балки воситаи дидактикӣ баромад намуда, имконият медиҳад, ки донишҷӯён маъноҳоро аз нуқтаҳои гуногун дарк намоянд. Ин раванд ба рушди қобилияти таҳлил, рефлексия ва тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони оянда мусоидат мекунад.

Дар доираи пажуҳиши мазкур матн бо фаҳмиши маъмули адабиётшиносии он ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Тибқи фарзия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот матни адабии фарогири тавоноии пурғановати педагогӣ, махсусан, жанрҳои алоҳидаи он, бештар ҷалби таваҷҷуҳ менамояд.

Мо дар ин маврид матнро на ҳамчун ҳарфу сухан, балки ҳамчун модели маъноии муаллиф, хонанда ва қаҳрамони он баррасӣ мекунем. Вале, азбаски матн шакли дигаргуншуда мебошад, дар он нишондиҳандаҳои шаклие вуҷуд доранд, ки тавассути онҳо ҳама гуна муошират, иртиботот, бархӯрди маъноҳо ва муколама ба амал меояд. Дар матни дорои тавоноии педагогӣ тарзҳои махсуси муроҷиат ба шахсият, ифодаи маъноҳои педагогӣ вуҷуд доранд.

Хонанда худро ботинан дар асари санъат ворид менамояд, дар он ин ё он эҳсосотеро, ки аз худи умқи мавҷудот берун меояд ва албатта, на дар сатҳи болоии худи гирандагон қарор надошта, ба фаъолияти мураккабтарини организми мо вобаста мебошад, эҳсос мекунад. Муҳаққиқ Л.С. Виготский шарҳи вожаи *«катарсис»-ро ҳамчун шифоёбӣ, покшавӣ ва таскини бехудӣ мепазирад. «Санъат ба пурқувваттарин восита барои пасткунии мақсаднок ва муҳими неруи зеҳнӣ табдил меёбад»* [28, с. 60-97].

Л.С. Виготский чунин ақида дорад, ки: *«Ҳунарманд ҳамеша тавассути шакл бар муҳтавои худ пирӯз мегардад. Масалан, зарби оҳанги мусиқӣ ҳамчун шакл худ ба худ нисбат ба тасвиршаванда вокуниш бармеангезад. Дар ин дигаргуншавии бехудиҳо, дар худсӯзии онҳо, дар вокуниши*

*таркишосо, ки ба пастшавии шиддати эҳсосот оварда мерасонад, моҳияти вокуниши эстетикии хонандаи асари бадеӣ ифода меёбад»* [28, с. 60-97].

Дар бораи вижагиҳои асари бадеӣ ба таври мухтасар таваққуф мекунем. Дар ин маврид мулоҳизаҳои Б.М. Теплов барои мо ҷолиб аст:

1. Асари санъат тасвири порае аз тимсоли ҷаҳони муаллиф бо ёрии воситаҳои бадеӣ мебошад, ки тавассути системаи маъноҳои шахсиятии ӯ инъикос ёфтааст.
2. Муаллиф дар асари санъат масъалаи кашфи маънои ин ё он падидаи воқеияти дар назди худи ӯ қарордошта ва ҳамзамон барои одамони дигар ба андозаи умумияти шароити ҳаёти онҳо аҳамиятдоштаро ҳал менамояд.
3. Аз тарафи муаллиф ҳал кардани масъалаи маъно ҳамон вақт ба далели санъат табдил меёбад, ки агар таҷассуми ягона ва мувофиқи шакли бадеии *(сохтори эстетикии)* асар ёфта шавад Д.А. Леонтев. Он дар сохтори асари санъат воситаҳои мухталифи психологии таҷассуми маъноҳоро, махсусан, зикр мекунад, ки дар бораи онҳо дар поён гуфта мегузарем.

Ин хусусият имкон медиҳад, ки матн ҳамчун воситаи дидактикӣ барои рушди қобилияти дидани вазъият аз нуқтаҳои гуногун истифода шавад, ки яке аз аломатҳои асосии тафаккур ва салоҳиятмандии касбӣ-педагогӣ мебошад.

Санъат худ як шакли дигаргуншудаи воқеият аст, ки инъикоси инъикос ё манзараи ашёикардашудаи ҷаҳон ва падидаҳои он дар тафаккур ва шуури эҷодкор ба вуҷуд меорад. Он барои шарҳ, дарёфти маъноҳои хусусии худ, манзараҳои воқеият ва фаъолият имконияти фаровон пешниҳод менамояд. Эҷодкор ҳар қадар барои ашёикунонӣ бештар амал карда бошад, дар прогрессияи ҳандасӣ имконияти мушоҳид, *«ҳам - эҷодкор»* ҳамон қадар зиёд мешавад. Аз ин бармеояд, ки ин имкониятҳо дар матн чун дар сохтори забонӣ *(гузашта аз ин, дар матни бадеӣ бо қаринаҳо ва маҷозҳо)* то беохир афзоиш меёбанд.

Ғановат, гуногунтарафӣ, серпаҳлӯӣ, ҷаҳондарккунӣ, имконияти ба мулоҳиза гирифтани ин ё он падида аз дидгоҳҳои гуногун - чунинанд чизҳое, ки ба гуфтаи А.А. Леонтев, асари бадеӣ ба шахсият медиҳад: *«Агар дар ман омодагии ботинии дарки ин ё он нуқтаи назари дигар ба ашё, ба воқеияти дигар, ки дар асари бадеӣ сохта шудааст, бошад, агар дар ман нишондоди ибтидоии пазируфтани алтернативнокӣ бошад, пас ҷаҳондарккунии ман тағйир меёбад. Бархӯрд бо санъат, бо ҷаҳони дигар, гӯё ки қолабҳои маъноиро ба ҷунбиш меорад, дар ниҳояти кор барои дидани якбораи ҳамон як ашё аз нуқтаи назарҳои гуногун имконият фароҳам меоварад, яъне гӯё тавассути стереоскоп дар як чиз ашёи гуногунро мебинӣ. Гузашта аз ин, маълумоте вуҷуд дорад, ки агар дар асари бадеӣ нуқтаи назарҳои зиёди мухталиф инъикос ёбад, самараи таъсири он меафзояд ва имконияти дар таърихи фарҳанг маҳфуз мондани он зиёд мешавад»* [72, с. 3-6].

Осори санъат барои интиқоли таҷрибаи ҳаёту фаъолият, таҷрибаи ҳаётофаре, ки ҳаммаъно бо маърифати оддӣ набуда, дарк ё вокуниш аз нуқтаи назарҳои мухталиф мебошад, хидмат мекунад ва имкон медиҳад, ки ба чизи маълум аз дидгоҳи нав нигариста шавад, яъне аз нигоҳи эҷодӣ ба мулоҳиза гирифта шавад. *«Канорагирӣ»* на барои донистан, балки барои дидан *(вайрон кардани қолабҳо ва сохтаҳо, азнавсозии сохтори онҳо)* имконият фароҳам меоварад. *«Санъат ба ман имкон медиҳад ба ҷойи як ҳаёт чандин ҳаётро аз сар гузаронам ва бо ҳамин роҳ таҷрибаи ҳақиқатан ҳаётии худ ғанӣ гардонам, он имкон медиҳад аз дарун ба ҳаёти дигар ба хотири худи ҳамон ҳаёт, ба хотири аҳамияти ҳаётии он муоширам намоям»* [3-М].

Ба категорияи қарина муносибати якхела кардан мумкин нест. Онро метавон ҳамчун атрибути матн пазируфт, аммо таркиби он яксон нест. Қаринаро муаллиф, худи матн ва ҳам хонанда пешниҳод карда метавонад. Азбаски мо қаринаро ҳамчун тарзи иҷрои маъно баррасӣ мекунем, пас ба қарина, аксаран чун ба категорияи матнӣ муроҷиат менамоем, вале махсусияти шахсиятии онро ба назар мегирем.

Қарина дар матни дорои тавоноии педагогӣ жанр, сабк ва воситаҳои дигари ифодаи маъноҳо, тавсифи вазъияти фаъолияти педагогӣ дар воқеияти педагогиро месозад; дар пайвастагӣ бо қаринаи зиндагии хонанда *(ки дар навбати худ тавассути таҷрибаи ҳаётӣ ва ҳаётофарӣ, тавассути вазъияте ки дар он матн хонда мешавад, навъи супоришҳо аз рӯйи матн, соҳаи маъноии хонанда сохта шудааст)* қаринаи педагогии нодир тавлид мегардад. Нисбат ба қарина, муҳаққиқ Н.С. Буйко ҳам дуруст менвисад, ки *«қарина ҳамчун мақула аз рӯйи муҳтаво нисбат ба воситаи ифодаи маъноҳо васеътар мебошад; худи қарина метавонад ҷузъи маъноҳои педагогӣ бошад, ё баракс, онҳоро дар бар бигирад»* [31, с. 42]

Барои хонанда инҳо ҳамчун қаринаи педагогӣ хидмат карда метавонанд: ҷалб шудан ба фаъолияти лоиҳавӣ ё амалӣ дар соҳаи касби ояндаи он, кӯшишҳои ба нақша гирифтани фаъолиятҳои омӯзгорӣ ё банақшагирӣ, умуман таълим дар соҳаи мазкур, кор дар болои супоришҳо оид ба матн, донишҳои педагогии азхудкардашуда, омодагӣ ба он дар сатҳи ин ё он андоза ва ғайра.

Акнун воқеанома ва хронотипикаи матнро дида мебароем. Воқеанома инъикоси воқеяти нисбатан беғараз мебошад. Яъне ҳамон чизе мебошад, ки дар назарияи адабиёт онро одатан фабула меноманд. Дар он, албатта, ҳангоми инъикоси тимсолҳо ва амалҳои замонии онҳо таҳрифи субъективии ҳақиқат ба амал меояд. Вале, хронотипика ҳамчун тарзи пешниҳоди эстетикие ки тобеъи *«мантиқи дигар»* мебошад, аҳамияти зиёд дорад. Муаллиф ин мафҳумро мепазирад.

Хронотипика сохтори асар аст, ки *«локус»*-и амал, ҷойгиршавӣ ва ҷараёни муваққатии онро на дар шакли холис ва беғараз, балки дар таҳрифоти маъноӣ пешниҳод менамояд. Мувофиқи хоҳиш ҷойи воқеаро метавон иваз намуд, лаҳзаро дароз ва солҳоро кӯтоҳ кард, фазои на он қадар калонро батафсил тавсиф кард ё дар бораи манзараи васеъ ҳамагӣ чанд сухан гуфт. Ҳамин тавр, бо роҳи вокуниши эстетикӣ ба маъно таъсир расонида мешавад. Хронотоп бошад, таркиби ҳамин сохтор, якҷояшавии бефосилаи

маъноҳои замонӣ ва фазоии асар ва пешниҳоди онҳо мебошад.

Тамоми муҳаққиқон дар мавриди он, ки *«хронотоп» «замони ба фазо табдил додашуда»* ё *«фазои маҳмули замон»* ё ягонагии макон замон ва амал мебошад, ҳамфикранд. Мо нуқтаи назареро тарафдорӣ менамоем, ки дар он имкони алоҳида баррасӣ намудани замон вуҷуд дошта бошад, арзиши алоҳида ҳамчун *«таркиб»*-и асосии хронотоп пешниҳод карда шавад, то ки омӯзиши махсусиятҳои он дар зери таъсири тавсифҳои фазоӣ душвор нагардад ва тавсифномаҳои *«тоза»*-и он шарҳ дода шавад. Тавре ки қаблан зикр намудем, маънои замонӣ дар матни педагогӣ ба назари мо аҳамияти муҳим доанд.

Бо ақидаи философи рус М.М. Бахтин: *«Ташкили маъноии ҳаётро ба ташкили он дар замон муқобил мегузорад ва нишон медиҳад, ки маъно такягоҳи берунзамонии аз вақти маъноӣ мебошад, ҳамзамон, ояндаро ба категорияи маъноӣ табдил медиҳад ва дарки фаъоли худро ба пайдоиши маънои нав баробар мекунад. Ҳамин тавр, ба ақидаи мо, маънои замонӣ маъноҳои дигари шахсиятиро ташкил медиҳад, зеро ҳаёти инсон фанопазир буда, дар ҳар амали вай (зоҳирӣ, ботинӣ, ҳиссиётӣ, маърифатӣ) мақулаи замонии маъноӣ ҳузур дорад. Замон ҳамчун маъно ҳаргиз амалӣ карда намешавад, аммо ҳамчун «талаботи соф барои замонӣ будан, маҳдудият, таърихият» боқӣ мемонад»* [19, С. 361-412].

Баррасии замон ва фазо дар матн имкон медиҳад, ки вазъиятҳои педагогӣ дар динамикаи худ таҳлил шаванд, ки ин барои рушди тафаккур ва салоҳияти омӯзгор аҳамияти муҳим дорад.

Тарзҳои дигари ифодаи маъноҳои педагогӣ дар матн маҷозият, семантика, рамзҳо ва архетипика мебошанд. Мо тасмим гирифтем, ки ин зерфаслҳо муттаҳид карда шаванд, зеро Н.В. Кулагина таъкид менамояд: «маҷозият, рамзҳо ва архетипика ҳамчун воситаҳои аломатию рамзии иртиботот баромад мекунанд, ки дар раванди дарки матн маъноҳои пинҳонӣ ва амиқро ошкор менамоянд» [Кулагина, Н.В. Символ и смысл в педагогическом тексте. - М.: Педагогика, 2003. - С. 18]. В.И. Андреев низ ин

нуқтаи назарро тасдиқ намуда менависад: «воситаҳои аломатию рамзӣ дар матн имкон медиҳанд, ки мазмуни педагогӣ дар сатҳҳои гуногун - аз маъноии зоҳирӣ то маъноии амиқи арзишӣ - дарк карда шавад» [Андреев, В.И. Педагогика творческого саморазвития. - Казань: КГУ, 1996. - С. 288].

Ниҳоят, матни дорои тавоноии педагогӣ ба ташаккули шахсияти омӯзгор ҳамчун интиқолдиҳандаи арзишҳои инсонгароёна мусоидат менамояд.

Мо усулҳои методологии гуногунро барои тафсири педагогии матн истифода кардем, ки аз як тараф, ба усули хондани мантиқӣ ва назарияҳои герменевтикии маъно дар замони асар ва шахсият нигаронида шудаанд, ва аз тарафи дигар, усулҳои бозии дидактикӣ барои ташаккул ва рушд додани фаҳмишҳои педагогӣ ба онҳо илова шудаанд.

Дар воқеъ, дар шеваи нав ва озод, психикаи инсон ҳамчун шакли табдилёфтаи воқеият ва амал як марҳалаи муҳим барои фаҳмидани ҳар як падидаи педагогӣ мебошад. Асари бадеӣ ва дарк кардани он низ чун *«шакли табдилёфтаи шакли табдилёфта»* дар раванди фаҳмиш ва таҳлил амал мекунад, ки ин тасаввуроти мавҷудиятро фароҳам меорад. Вобаста ба ҳамин, Х.А. Шарипов дар таҳқиқоташ менависад, ки: *«мо хулоса баровардем, ки тарзҳои рӯ овардан ба шахсият аз рӯйи такомулёбии он дар муносибатҳои педагогӣ метавонанд ва бояд бошуурона ва ҳадафмандона дар матн ҷудо карда шаванд. Хосияти матн, маъноҳои педагогии таркиби он ва ҳамчунин моҳияти тафаккури бисёрҷанба педагогиии идорашаванда аз тарафи маъноҳои педагогиро таҳлил карда, мо амсилаи назариявии рушди ТСП-ро тавассути тафсири педагогии матн сохтем»* [134, с. 272-279]. Ин маънӣ бо шеваи нави фаҳмидан аз маънои аслӣ ва тарзи ташаккулёбии онро дар раванди омӯзиш ва тафсир метавонад таваҷҷуҳ ва таҳлили амиқро барои омӯзгорон ва донишҷӯён муҳайё кунад. Ва ҳар як фаҳмидани *«шаклҳои табдилёфта»* метавонад манбаъе бошад барои таҳлили амалҳои педагогӣ, ки бо истифода аз методҳои герменевтикии иловагӣ ва усулҳои бозии дидактикӣ, нақши муҳими фаҳмиш ва шенасоии фалсафии таълимиро ба

вуҷуд меорад.

Методҳои педагогии ҳозиразамон кӯмак мекунанд, ки асар ва мақсади ҳар як амал ба дараҷае мансуб ба равандҳои иҷтимоии муосир бошад, ки мантиқан бо маъно ва қиммати воқеии ҳаёти инсон ва омӯзиш алоқаманд аст.

Истифодаи усулҳои герменевтикӣ ва бозии дидактикӣ имконият медиҳад, ки матн ба воситаи фаъолонаи рушди тафаккури бисёрҷанбаи омӯзгор табдил ёбад.

Ба андешаи муҳаққиқ Н.С. Буйко ҳам метавон ҳамфикр шуд, ки ба маврид ишора мекунад: "Вектори ангура метавонад ҳамчун манбаъ ба вазъияти проблемавии педагогӣ ё матни педагогӣ оғоз ёбад. Амсила инъикоси маъноҳои педагогӣ аст, ки кӯшиш ба камолот, ба даст овардани стратегияҳо ва тактикаҳои педагогӣ, таҳаммул ба майлҳо ва рағбатҳо, ва тағйир додани рафтори шахсро дар бар мегирад. Маъноҳои педагогӣ метавонанд дар ҳолатҳои воқеии ҳаётӣ ё ҳатто дар раванди тафсири матн пайдо шаванд, ки ин ба тағйирот дар шахсияти дигар ё воситаҳои педагогӣ кумак мекунад. Дар ҳар ду ҳолат, омӯзгори оянда ба вазъияти маъноии қавӣ ва мураккаб ворид мешавад, ки ба ташаккул ва шаклгирии тимсолҳои иштирокчиён ва унсурҳои фаъолияти педагогии ӯ таъсир мерасонад.

Маъноҳои педагогӣ, ки бо таҷрибаи умумифарҳангӣ муайян ва ба воситаи таҷрибаи шахсӣ сохта мешаванд, хусусиятҳои муайяни худро доранд. Ҳар матн, вазъият ё падида, агарчи то ҳол ба таври назариявӣ дарк нашуда бошад, маънои педагогии худро дар худ эҳсос мекунад. Ин маъноҳо тавассути фарҳанг ба вуҷуд омада ва тавассути инсон, ки онҳоро муҳокима мекунад, бештар равшан ва маънӣ пайдо мекунанд.

Раванди рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ дар доираи равиши герменевтикӣ ҳамчун низоми мутақобилаи пайвастаи «фаҳмондан – фаҳмидан – татбиқ» шарҳ дода мешавад, ки дар он гузариш аз таҷрибаи воқеии ҳаётӣ ба матни таълимӣ ва бозгашт ба амалияи педагогӣ нақши калидӣ мебозад. Ин фаҳмиш ба анъанаи герменевтикии классикӣ такя

намуда, дар он фаҳмидан ҳамчун раванди тафсири маъноҳо дар доираи «даври герменевтикӣ» баррасӣ мегардад, ки тавассути робитаи байни қисм ва кулл амалӣ мешавад [Hans-Georg Gadamer, 1975]. Дар чунин шароит, маъноҳои педагогӣ на ба таври фаврӣ, балки дар натиҷаи таҳлили пайдарпай ва тафсири бисёрсатҳа дар тамоми унсурҳои фаъолияти педагогӣ ташаккул мeёбанд. Тавре ки дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, «шарҳи герменевтикии матн ва интиқоли он ба забони фаъолияти педагогӣ тавассути муколама бо муаллиф ва иштироки субъектҳои гуногуни таълим амалӣ мегардад» [31, с. 42].

Дар ҳамин замина, муҳаққиқон қайд менамоянд, ки самаранокии чунин раванд ба дараҷаи огоҳона будани муносибати омӯзгор ба матни педагогӣ вобаста аст. Л.С. Выготский дар назарияи иҷтимоӣ-фарҳангии рушд таъкид менамояд: «тафаккур ҳамчун натиҷаи фаъолияти маънофарӣ ва муоширати иҷтимоӣ баррасӣ мегардад - он на дар фарди ҷудо, балки дар раванди ҳамкорӣ ва мубодилаи маъно ташаккул меёбад» [Выготский, Л.С. Мышление и речь. - М.: Лабиринт, 1999. - С. 89]. Аз ҷумла, ишора мешавад, ки «мурочиати бошуурона ба матн шароити равона гардидани тафаккурро ба ҷустуҷӯ ва бозсозии маъноҳои педагогӣ фароҳам меорад» [Гальперин, И.Р. Текст как объект лингвистического исследования. - М.: Наука, 1981. - С. 42]. Дар натиҷа сатҳи фаҳмиш аз дарки оддӣ ба сатҳи фарҳангӣ ва эҷодӣ мегузарад. Ин нукта нишон медиҳад, ки фаъолияти маънофарӣ на хусусияти тасодуфӣ, балки табиати мақсаднок ва идорашаванда дорад.

Аз нуқтаи назари герменевтикӣ, вазъияти проблемавии педагогӣ низ метавонад ҳамчун матн баррасӣ гардад, ки дорои сохтори маъноӣ ва имкониятҳои гуногуни тафсир мебошад. М.М. Бахтин дар консепсияи диалогизми маъно таъкид менамояд: «ҳар як маъно дар раванди муколама ташаккул меёбад ва аз мавқеи субъектҳои гуногун ғанӣ мегардад - маъно ба монанди оташ танҳо дар тамос бо маънои дигар мешӯъладор мешавад» [Бахтин, М.М. Эстетика словесного творчества. - М.: Искусство, 1979. - С. 363]. Хусусияти фарқкунандаи чунин «матн» дар он аст, ки ҳар як

иштирокчии раванд онро аз мавқеи таҷриба, арзиш ва донишҳои шахсии худ дарк мекунад.

Дар ин замина, матни педагогӣ ҳамчун воситаи дидактикӣ на танҳо интиқолдиҳандаи иттилоот, балки механизми рушди қобилиятҳои эмпатикӣ, тафаккури эҷодӣ ва қобилияти таҳлили салоҳиятмандӣ баромад менамояд. Е.И. Пассов дар ин бора чунин менависад: «матни педагогӣ барои рушди қобилиятҳои касбии омӯзгор - аз ҷумла тафаккури эҷодӣ, эмпатия ва таҳлили вазъиятҳои таълимӣ - манбаи бебаҳо мебошад» [Пассов, Е.И. Мастерство и личность учителя. - М.: Флинта, 2001. - С. 66].

Таҳлили мутақобилаи маъноҳои матн ва фаъолияти педагогӣ нишон медиҳад, ки дар раванди тафсир як навъ «бархӯрди маъноҳо» ба амал меояд, ки боиси бозсозии маъноҳои ибтидоӣ мегардад. Л.С. Выготский ин раванди табдилёбиро чунин тавсиф медиҳад: «дар натиҷаи тафсири фаъол матни таълимӣ ба механизми рушди қобилияти рефлексӣ, таҳлилӣ ва қабули қарорҳои педагогӣ табдил меёбад» [Выготский, Л.С. Педагогическая психология. - М.: Педагогика, 1991. - С. 234]. Чунин фаҳмиш имкон медиҳад, ки матн ҳамчун унсури марказии ташаккули тафаккури касбии омӯзгорони оянда арзёбӣ гардад.

Чунин фаҳмиш имкон медиҳад, ки матн ҳамчун унсури марказии ташаккули тафаккури касбии омӯзгорони оянда арзёбӣ гардад. Таҳлили назариявии пешниҳодшуда дар боби мазкур заминаи илмии зарурӣ барои таҳияи методикаи рушди тафаккур ва салоҳиятмандии касбии омӯзгорониояндаи забони англисӣ тавассути кор бо матнҳои таълимиро фароҳам меорад, ки дар боби дуюм муфассал баррасӣ хоҳад шуд.

## Хулосаи боби якум

Мафҳуми «тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ» дар баробари маънои педагогӣ ва амалияҳои мутахассисони оянда, ба таври амиқ ва ҷудонашаванда ба фаъолияти омӯзгор вобаста аст. Он се ҷузъи асосӣ дорад, ки бо ҳам пайванд ва бо як шудани маъноҳои педагогӣ, фаъолият ва нақшҳои педагогӣ дар шеваҳои гуногун робита мегиранд.

Ҳар як ҷузъи маънои педагогӣ дар таҳлил бо маънои замонии ҷудошуда, ки ҳамчун беруназвақтӣ ва универсалӣ фаҳмида мешавад, пайваст мешавад. Ин маъноҳо дар шароити фишор ва маҳдудиятҳои ҳаёт ба тарзи динамикӣ ба омӯзгор таъсир мерасонад, ки манбаъҳои фаҳмидани амиқ ва нав барои педагогика мебошад.

Матни педагогӣ бо муносибат ба аломатҳои семиотикӣ ва тарзи интиқоли маъноҳо мавҷудият пайдо мекунад. Дар ин раванд, таълим ва фаҳмидани маъноҳои педагогӣ тавассути матн, ки ба шаклҳои муосир, аз ҷумла матнҳои бадеӣ, таълимӣ, ва илмию публисистӣ мансуб аст, барои омӯзиш ва тафаккури педагоги истифода мегардад. Бо истифода аз методҳои герменевтикӣ, барои таҷзияи маъноҳо ва фаҳмидани мукаммали матнҳои педагогӣ, тарзи интиқол ва тавсифи онҳо дар муҳити креативӣ мураккаб мегардад.

Вобаста ба таҳқиқоти назариявӣ, мо метавонем ба сифатҳои шахсиятии мукаабил ва рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ ҳамчун як системаи мукаммал ва динамикӣ назар кунем. Рушди он ба сатҳи баланди фарҳанги умумӣ ва усулҳои муосири педагогӣ оварда мерасонад. Шаклҳои эмпатия, фаросат, ва эҳсоси тафаккури иҷтимоии педагогикӣ метавонанд ба сатҳи баланди фаҳмиш ва ба амал баромадани маъноҳои педагогӣ дар раванди таълим кумак кунанд.

Бинобар ин, тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ ҳамчун як сифати шахсиятии рушдёбанда баромад намуда, ба самаранокии фаъолияти касбии омӯзгор таъсири мустақим мерасонад.

# БОБИ 2. МЕТОДИКА ВА МОДЕЛИ ИНКИШОФИ ТАФАККУР ВА САЛОҲИЯТ ТАВАССУТИ КОР БО МАТНҲОИ ТАЪЛИМӢ

## 2.1. Технологияҳои фаъолияти таҳқиқотӣ: усулҳо ва шаклҳои таҳлил, тафсир ва эҷоди матнҳои таълимӣ дар ташаккули салоҳиятмандии омӯзгорони забони англисӣ

Дар муҳити омӯзишӣ, таҳлил, тафсир ва эҷоди матнҳо ҳамчун самтҳои муҳими фаъолияти маърифатӣ баромад намуда, на танҳо ба дарки маънии асарҳо, балки ба рушди тафаккури интиқодӣ ва эҷодии донишҷӯ мусоидат менамоянд. И.А. Зимняя дар ин бора таъкид менамояд: «кор бо матн ба ташаккули қобилияти дарк ва тавлиди маъно дар сатҳҳои гуногун мусоидат мекунад» [Зимняя, И.А. Психология обучения иностранным языкам в школе. - М.: Просвещение, 2004. - С. 112]. Дар ҳамин замина, нақши матн ҳамчун воситаи рушди тафаккури эҷодӣ махсус таъкид мешавад, зеро он имконият медиҳад, ки донишҷӯ ба фаъолияти мустақили маъноофарӣ ҷалб гардад. Л.С. Выготский ин раванди иҷтимоӣ-фарҳангиро чунин тавсиф медиҳад: «маъно дар доираи фаъолияти иҷтимоӣ ташаккул меёбад - тафаккур ва нутқ ду раванди ба ҳам алоқаманд буда, маъно дар байни онҳо зоҳир мешавад» [Выготский, Л.С. Мышление и речь. - М.: Лабиринт, 1999. - С. 167].

Дар доираи таҳқиқи мазкур, усулҳои таҳлил, тафсир ва эҷоди матнҳои таълимӣ ҳамчун механизми мустақими рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони оянда баррасӣ мегарданд. Татбиқи пайдарпайи ин усулҳо шароит фароҳам меорад, ки донишҷӯён қобилияти дарки бисёрсатҳии маъно, муқоисаи мавқеъҳои гуногун ва қабули қарорҳои чандвариантиро инкишоф диҳанд. Раванди фаҳми матн ҳамчун фаъолияти эвристикӣ низ баррасӣ гардида, ба инкишофи худидоракунии фикр ва эҷодкорӣ мусоидат мекунад. М.М. Бахтин дар ин бора чунин таъкид менамояд: «дарки матн хусусияти муколамавӣ дошта, субъект бо маъноҳои гуногун вориди ҳамкории фаъол мегардад - ҳар як фаҳмиш ин ҷавоб ба гуфтори дигарон аст» [Бахтин, М.М. Эстетика словесного творчества. - М.: Искусство, 1979. - С. 306].

Бо мақсади низомнок намудани раванд, усулҳои кор бо матн ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- усулҳои таҳлилӣ, ки таҳлили луғавӣ, сохторӣ ва маъноии матнро дар бар мегиранд. В.П. Беспалько таъкид менамояд: «таҳлили сохторию маъноии матн ба амиқсозии фаҳмиш ва ташаккули тафаккури низомӣ мусоидат мекунад» [Беспалько, В.П. Слагаемые педагогической технологии. - М.: Педагогика, 1989. - С. 47];

- усулҳои тафсирӣ, аз ҷумла равиши герменевтикӣ, муқоисавӣ ва арзишӣ, ки ба ошкор намудани маъноҳои пинҳонӣ равона шудаанд. Г.-Г. Гадамер қайд мекунад: «фаҳмиш дар доираи "даври герменевтикӣ" амалӣ мегардад - аз кул ба ҷузъ ва аз ҷузъ ба кул, ки ҳар маротиба фаҳмиши амиқтар ба вуҷуд меорад» [Гадамер, Г.-Г. Истина и метод. - М.: Прогресс, 1988. - С. 318];

- усулҳои эҷодӣ, ки бознависӣ, идомадиҳии матн ва навиштани матни мустақилро дар бар мегиранд ва ба рушди фаъолияти маъноофарӣ ва тафаккури эҷодӣ мусоидат менамоянд.

Шаклҳои ташкили чунин фаъолият метавонанд инфиродӣ, ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ бошанд. Л.С. Выготский нишон медиҳад: «фаъолияти гурӯҳӣ барои рушди тафаккури муколамавӣ ва қобилияти баррасии мавқеъҳои алтернативӣ самаранок мебошад - тафаккур аввал дар сатҳи иҷтимоӣ, сипас дар сатҳи фардӣ ташаккул меёбад» [Выготский, Л.С. Педагогическая психология. - М.: Педагогика, 1991. - С. 89]. Маҳз ин хусусият барои қабули қарорҳои педагогӣ аҳамияти муҳим дорад.

Муҳаққиқ С. Раҳимов таъкид менамояд, ки «ҳар як хонанда бояд на танҳо хондани матнро омӯзад, балки тавони шарҳ додани он ва ташреҳи идеяи асосии онро дошта бошад» [111, с. 48]. Ин мавқеъ нишон медиҳад, ки раванди кор бо матн бояд аз сатҳи қабул ба сатҳи фаъолонаи тафсир ва маъноофарӣ гузарад. Ба ҳамин монанд, И.А. Зимняя қайд менамояд, ки фаъолияти таҳлилӣ ва эҷодӣ дар шароити муҳити мусоиди омӯзишӣ

ташаккул ёфта, бевосита аз тарзи ташкили раванди таълим ва сатҳи ҳамкории педагогӣ вобаста мебошад [49, с. 480].

Аз нуқтаи назари методӣ, интихоби дурусти усулҳои кор бо матн ба сатҳи дарк, хусусияти фаъолиятҳои маърифатӣ ва динамикаи рушди зеҳнии донишҷӯ таъсири мустақим мерасонад. Дар ин замина, таҳлил ва эҷоди матн на танҳо ҳамчун воситаи азхудкунии донишҳои забонӣ, балки ҳамчун механизми ташаккули фаъолияти фикрӣ баррасӣ мегарданд. Чунончи, Л.В. Шерба таъкид менамояд, ки «таҳлил ва эҷоди матн на танҳо воситаи омӯзиши забон, балки омили муҳими рушди тафаккур мебошад» [153, с. 336], ки ин ба аҳамияти функсионалии матн дар рушди қобилиятҳои маърифатӣ ишора мекунад.

Дар ҳамин замина, таҳлили шарҳ ҳамчун воситаи фаъолгардонии шуури таҳлилӣ ва дарки сохтори дохилии матн баромад мекунад. Он ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки на танҳо мазмуни зоҳирии матнро қабул намояд, балки робитаҳои маъноӣ, хусусиятҳои забонӣ ва унсурҳои услубиро дар сатҳи амиқ ошкор созад. Дар навбати худ, эҷоди матн ҳамчун шакли фаъолияти эҷодӣ баромад намуда, ба рушди қобилияти тавлиди маъноҳои нав, баён намудани андешаҳои шахсӣ ва ташаккули мавқеи мустақил мусоидат менамояд, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои муҳими фаъолияти маънофарӣ ба ҳисоб меравад.

Чунин фаъолияти мураккаби маърифатӣ ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки бо истифода аз донишҳои қаблӣ ва таҷрибаи шахсӣ ба сатҳи амиқтари дарки матн гузарад. Дар ин раванд, донишҷӯ тадриҷан аз мавқеи қабулкунандаи иттилоот ба мавқеи тафсиркунанда ва тавлидкунандаи маъно мегузарад, ки ин яке аз шартҳои асосии рушди тафаккур ва салоҳиятмандӣ маҳсуб меёбад.

Илова бар ин, фаъолияти таҳлилӣ ва эҷодӣ дар раванди кор бо матн ба рушди тафаккури интиқодӣ ва қобилияти муқоисаи мавқеъҳои гуногун мусоидат мекунад. М.И. Черемисин дар ин бора чунин таъкид менамояд: «фаъолияти матнӣ бояд бо андешаронӣ, муқоиса ва арзёбӣ ҳамроҳ бошад, то

ки қобилияти таҳлилӣ ва тафаккури танқидӣ ташаккул ёбад - кор бо матн бояд на танҳо ба фаҳми мазмун, балки ба ташаккули малакаҳои маърифатии сатҳи баланд равона карда шавад» [Черемисин, М.И. Развитие критического мышления в процессе работы с текстом. - М.: Педагогика, 2005. - С. 272].

Дар маҷмӯъ, кор бо матн дар раванди омӯзиш ҳамчун низоми ягонаи фаъолияти таҳлилӣ, тафсирӣ ва эҷодӣ баромад намуда, ба ташаккули қобилияти таҳлил, тафсир ва эҷоди мустақили донишҷӯ мусоидат мекунад. Ин раванд заминаи рушди тафаккур ва салоҳияти омӯзгорони ояндаро фароҳам сохта, онҳоро барои фаъолияти касбӣ дар шароити тағйирёбандаи муҳити таълим омода менамояд. Таҳлили назариявии пешниҳодшуда дар боби мазкур заминаи илмии зарурӣ барои таҳияи методикаи рушди тафаккур ва салоҳиятмандии касбии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути кор бо матнҳои таълимиро фароҳам меорад, ки дар боби дуюм муфассал баррасӣ хоҳад шуд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки масъалаи рушди эҷодиёт дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан забони англисӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон дар солҳои охир тадриҷан мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Пажуҳишҳо дар ин самт бештар ба истифодаи усулҳои интерактивӣ, технологияҳои инноватсионӣ ва равишҳои инфиродӣ равона шудаанд, ки ба баланд бардоштани самаранокии раванди таълим мусоидат менамоянд.

Барои нишон додани татбиқи амалии равиши герменевтикӣ ва усулҳои таҳлилӣ дар раванди таълим, истифодаи матни таълимӣ ҳамчун объекти таҳлил ва тафсир аҳамияти махсус дорад. Дар ин замина, мисоли зер ҳамчун намунаи амалии кор бо матн пешниҳод мегардад, ки имконият медиҳад пайдарпайии марҳилаҳои фаъолияти маърифатии донишҷӯён нишон дода шавад.

Ҳамин тавр, матни англисии зерин ҳамчун намунаи татбиқи усулҳои таҳлил ва тафсир дар аудиторияи донишҷӯёни курси якум пешниҳод мегардад.

**Матни англисӣ:**

“They went sightseeing around the city. The size and beauty of the capital made a great impression on the family. They saw an endless stream of buses, trolleybuses and cars in the streets, and crowds of people moving along the pavements.

They crossed the city in different directions, but were surprised to notice that everywhere they saw the same picture: well-planned streets lined with trees, multistoried buildings, large shops, hotels and beautiful squares.

They noticed no difference between the central part of the city and its outskirts, which is usually typical of large old cities.”

**Тарҷумаи матн:**

«Онҳо барои сайр ба шаҳр рафтанд. Андоза ва зебоии пойтахт ба аҳли оила таассуроти бузург гузошт. Онҳо дар кӯчаҳо ҷараёни беохири автобусҳо, троллейбусҳо ва мошинҳоро, инчунин издиҳоми одамонеро, ки дар роҳравҳо ҳаракат мекарданд, мушоҳида намуданд.

Онҳо шаҳрро дар самтҳои гуногун убур карданд, аммо бо ҳайрат пай бурданд, ки дар ҳама ҷо як манзараи ҳамсон вуҷуд дорад: кӯчаҳои хуб тарҳрезишуда, ки бо дарахтон иҳота шудаанд, биноҳои бисёрошёна, мағозаҳои калон, меҳмонхонаҳо ва майдонҳои зебо.

Онҳо байни қисми марказии шаҳр ва атрофи он, ки барои шаҳрҳои калони кӯҳна хос аст, ягон фарқиятро мушоҳида накарданд.»

**Шарҳи педагогӣ:**

Шарҳи матн аз нигоҳи педагогӣ чунин аст, ки муаллиф сафари як хонаводаро ба пойтахт тасвир менамояд. Тавассути ҷузъиёти муҳити шаҳр - нақлиёт, кӯчаҳо, биноҳо ва ҳаракати одамон - нишон дода мешавад, ки пойтахт ба меҳмонон таъсири мусбат ва ҳайратовар мерасонад. Ин тавсиф на танҳо хусусияти иттилоотӣ дорад, балки ҳамчун воситаи ташаккули

муносибати эҳсосӣ ва арзишии донишҷӯён нисбат ба муҳити шаҳрӣ низ хизмат мекунад.

Аз нуқтаи назари педагогӣ, чунин матн имконият медиҳад, ки донишҷӯён малакаҳои хондан, таҳлил, муқоиса ва тафсири матнро инкишоф диҳанд. Ҳамзамон, онҳо меомӯзанд, ки байни унсурҳои гуногуни матн робита барқарор намуда, маънoҳои пинҳонии онро муайян созанд.

**Таҳлили сатҳӣ ва маъноӣ:**

Таҳлили мазкур нишон медиҳад, ки кор бо матн дар сатҳҳои гуногун - луғавӣ, маъноӣ ва арзишӣ - имконият медиҳад, ки донишҷӯён на танҳо мазмуни зоҳирии матнро дарк намоянд, балки ба тафсири он гузаранд. Дар сатҳи луғавӣ донишҷӯён бо калимаҳо ва ибораҳои нав шинос мешаванд; дар сатҳи маъноӣ онҳо робитаҳои байни унсурҳои матнро муайян менамоянд; дар сатҳи арзишӣ бошад, муносибати шахсии худро нисбат ба мазмун ташаккул медиҳанд.

Ин раванд ҳамчун механизми ташаккули тафаккур ва салоҳият зоҳир гардида, қобилияти муқоиса, худтаҳлилкунӣ ва интихоби маънoҳои гуногунро тақвият медиҳад.

Дар асоси таҳлили пешниҳодшуда метавон намунаи методии ташкили кор бо матнро дар шакли марҳилаҳои пайдарпайи таълимӣ пешниҳод намуд, ки ҳар яке ба рушди ҷанбаҳои муайяни тафаккури донишҷӯ равона гардидааст. Марҳилаи аввал - дарки ибтидоӣ, ки дар он донишҷӯён бо мазмуни умумии матн шинос мешаванд; марҳилаи дуюм - таҳлили сохторӣ ва луғавӣ, ки ба фаҳмиши ҷузъиёти матн мусоидат мекунад; марҳилаи сеюм - тафсир, ки дар он маънoҳои пинҳонӣ ва паёмҳои арзишӣ ошкор мегарданд; ва марҳилаи ниҳоӣ - татбиқ, ки дар он донишҷӯён дониш ва хулосаҳои худро дар фаъолияти эҷодӣ истифода мебаранд.

Ҷумлаи аввал оғозгари тасвири вазъият мебошад. Гурӯҳи шахсон - «they» - барои сайру тамошои шаҳр мераванд, ки ин амал ҳамчун оғози таҷрибаи нав ва шиносоӣ бо муҳити ношинос арзёбӣ мегардад. Дар ҷумлаи дуюм андоза ва зебоии пойтахт ҳамчун ду унсури асосии таъсиргузор зикр

мешаванд. Муаллиф тавассути ин мафҳумҳо на танҳо хусусиятҳои зоҳирии шаҳрро нишон медиҳад, балки таъсири эҳсосии онро низ инъикос менамояд. Ин ҷумла диққати хонандаро ба муҳити нав ҷалб намуда, ҳисси ҳайрат ва шавқи маърифатиро ба вуҷуд меорад.

Маънои пинҳонии матн дар он ифода меёбад, ки сафари зоҳирӣ ҳамзамон рамзи шиносоӣ бо арзишҳои ҷомеаи муосир ва фарҳанги шаҳрнишинӣ мебошад. Набудани фарқият байни марказ ва атрофи шаҳр ҳамчун рамзи баробарии иҷтимоӣ ва сатҳи баланди рушди муҳити шаҳрӣ баромад мекунад. Аз ин нуқтаи назар, матн метавонад ҳамчун намунаи муҳити муназзам ва созмонёфтаи шаҳрӣ баррасӣ гардад, ки дар он тартибот, зебоӣ ва дастрасии имкониятҳо барои ҳама таъмин шудааст.

Аз ҷиҳати луғавӣ ва таркибӣ, истифодаи ибораҳое чун «great impression», «endless streams», «well-planned streets» ва «no difference» ҳисси ҳайрат ва писандиро тақвият медиҳад. Ин воҳидҳои забонӣ на танҳо вазифаи иттилоотӣ, балки таъсири эҳсосӣ низ доранд. Сохтори пайдарпай ва нисбатан содаи ҷумлаҳо ба равонии хондан ва дарки пайдарпайи мазмун мусоидат намуда, ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки мазмуни матнро осон пайгирӣ намоянд.

Аз нуқтаи назари тарбиявӣ, матн арзишҳои зебоӣ, тартибот, фарҳанги шаҳрнишинӣ ва баробарии иҷтимоиро инъикос менамояд. Набудани тафовут байни марказ ва атроф нишон медиҳад, ки муҳити шаҳрӣ метавонад дар асоси адолат ва баробарӣ ташкил карда шавад. Донишҷӯён тавассути таҳлили матн метавонанд аҳамияти эҳтиром ба муҳити зиндагӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва зарурати ташкили дурусти фазои ҷамъиятиро дарк намоянд. Ҳамзамон, матн барои ташаккули ҷаҳонбинии мусбат ва муносибати эҳтиромона нисбат ба ҷомеа замина фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, чунин матнҳо метавонанд на танҳо ҳамчун воситаи омӯзиши забон, балки ҳамчун заминаи рушди тафаккур, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тарбияи муносибати иҷтимоии донишҷӯён истифода шаванд. Дар ин замина,

интихоби дурусти усулҳои таълимӣ ва тарзи истифодаи матн дар ҷараёни дарс аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Таълим ва истифода дар дарс. Методҳои истифода:

- Герменевтикӣ: чаро меҳмонон «тааҷҷуб» карданд? Ин тасвири пойтахт бо кадом таҷрибаи шахсии донишҷӯ мувофиқат ё мухолифат дорад? Кадом маъноҳои пинҳонӣ дар матн нуҳуфтаанд?

- Кластери мазмунӣ: ташкили нақша бо калимаҳои калидӣ - impression, capital, beauty, unity, modernity - ва муайян намудани робитаҳои байни онҳо.

- Муқоисавӣ: муқоисаи тасвири шаҳр дар ин матн бо шаҳрҳои таърихӣ (масалан, Лондон ё Самарқанд), муайян намудани умумият ва фарқиятҳо, баррасии омилҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ.

- Эҷоди матн: навиштани матни кӯтоҳ дар мавзуи «Шаҳре, ки ба ман таъсир расонд» бо истифода аз унсурҳои таҳлилшуда.

- Муҳокимаи гурӯҳӣ: ташкил намудани баҳс оид ба саволи «Шаҳри идеалӣ чӣ гуна бояд бошад?» бо такя ба матн.

Бо ин тартиб, матни пешниҳодшуда на танҳо ҳамчун маводи омӯзишӣ, балки ҳамчун воситаи самараноки рушди тафаккури таҳлилӣ, арзишӣ ва эҷодии донишҷӯён хизмат мекунад.

**Қисмати хулоса (тафсири умумӣ):**

Матн на танҳо тасвири муҳити шаҳрӣ, балки ифодаи модели идеалии шаҳри муосир мебошад - шаҳре бидуни тафовутҳои иҷтимоӣ, бо тарҳи муназзам, муҳити зисти созгор ва шароити баробар барои ҳамаи сокинон. Дар ин замина, матн ҳамчун воситаи интиқоли арзишҳо ва ташаккули ҷаҳонбинии иҷтимоӣ ва арзишии донишҷӯён баромад намуда, аҳамияти муҳими педагогӣ дорад.

Таҳлили марҳилавии раванди таълим нишон медиҳад, ки ҳар як зина - аз дарки ибтидоӣ то эҷоди мустақил - ба ташаккули ҷузъҳои гуногуни тафаккур ва салоҳият мусоидат менамояд. Аз ҷумла, марҳилаи таҳлил қобилияти тафсир ва дарки сохтори дохилии матнро инкишоф медиҳад, марҳилаи муқоиса андешаронии интиқодӣ ва қобилияти арзёбии мавқеъҳои

гуногунро тақвият мебахшад, ва марҳилаи эҷод имконияти тавлиди маъноҳои нав ва ифодаи мустақили фикрро фароҳам месозад.

Дар зер на нақшаи муфассали дарс, балки намунаи татбиқи амалии модели методии кор бо матн дар шароити омодасозии омӯзгорони оянда пешниҳод мегардад . Мувофиқи мавқеи олимони соҳаи педагогика, фаъолияти таълимӣ бояд на танҳо ба интиқоли дониш, балки ба ташаккули қобилиятҳои таҳлилӣ, тафсирӣ ва эҷодии шахс равона гардад. Ба таъкиди В.И. Андреев, «фаъолияти маърифатии донишҷӯ дар шароити муколамавӣ ва маъноофарӣ бештар самаранок мегардад» [Андреев, 2015, с. 214].

Барои амалӣ гардонидани ин раванд, фаъолияти таълимӣ ба шакли марҳилавӣ ташкил карда мешавад. Модели пешниҳодшуда ба татбиқи пайдарпайи усулҳои таҳлил, тафсир ва эҷоди матн такя намуда, ба рушди тафаккур ва салоҳият равона шудааст. Чунин равиш ба ақидаи Л.С. Выготский имкон медиҳад, ки «раванди дарк аз сатҳи фаҳмиши мустақим ба сатҳи маъноофарии дохилӣ гузарад» [Выготский, 1982, с. 145].

**Мавзуъ:**

Усулҳои таҳлили шарҳ ва эҷоди матнҳо

**Аудитория:**

донишҷӯёни курсҳои якуми педагогӣ

**Фан:**

Забони англисӣ (дар заминаи методикаи омӯзишӣ)

**Мавод:**

Матни таълимӣ

**Матни таълимӣ (англисӣ)**

They decided to explore the city and were immediately struck by its impressive scale and visual appeal. The capital appeared vibrant and dynamic, with continuous flows of public transport and private vehicles moving along busy streets, while large numbers of pedestrians filled the sidewalks.

As they traveled across different parts of the city, they noticed a surprising uniformity in its layout. Regardless of direction, the urban environment

maintained a consistent appearance, characterized by carefully designed streets, greenery, high-rise residential buildings, large commercial centers, hotels, and well-organized public spaces.

What particularly caught their attention was the absence of sharp contrasts between the downtown area and the outskirts, a feature commonly associated with older metropolitan regions. Instead, the city presented a balanced and harmonious structure throughout.

**Тарҷумаи матн (ба забони тоҷикӣ)**

Онҳо барои шиносоӣ бо шаҳр ба сайругашт баромаданд ва фавран аз андоза ва зебоии он ба ҳайрат омаданд. Пойтахт хеле зинда ва пурҳаракат менамуд: дар кӯчаҳо ҷараёни доимии нақлиёти ҷамъиятӣ ва мошинҳои шахсӣ ҳаракат мекарданд, роҳравҳо аз одамон пур буданд.

Ҳангоми ҳаракат дар қисматҳои гуногуни шаҳр, онҳо якнавохтии ғайричашмдошти тарҳбандии онро мушоҳида карданд. Дар ҳар самт манзара қариб яксон буд: кӯчаҳои хуб тарҳрезишуда, дарахтон, биноҳои бисёрошёна, марказҳои савдо, меҳмонхонаҳо ва майдонҳои зебо.

Он чизе, ки бештар диққати онҳоро ҷалб кард, набудани фарқиятҳои шадид байни марказ ва канораҳои шаҳр буд, ки одатан барои шаҳрҳои кӯҳна хос аст. Баръакс, шаҳр дар маҷмӯъ мутаносиб ва ҳамоҳанг менамуд.

**Мақсади дарс**

Омӯхтани роҳҳои таҳлили маъноии матн ва рушди қобилияти шарҳи фикр, тафсир ва эҷоди маъно дар фаъолияти таълимии донишҷӯён.

**Вазифаҳои дарс**

a) Таҳлили мухтавои матн бо истифода аз равиши герменевтикӣ ва усулҳои маъноофарӣ;

b) Шарҳи сатҳҳои гуногуни маъно (зоҳирӣ ва пинҳонӣ) дар сохтори матн;

c) Инкишофи малакаҳои эҷоди фикри хаттӣ ва тафсири интиқодӣ дар заминаи матн.

**Кори амалӣ (системаи вазифаҳо)**

Дар асоси матни пешниҳодшуда, фаъолияти таълимӣ тавассути системаи пайдарпайи вазифаҳо ташкил карда мешавад:

**1. Сатҳи фаҳмиш (репродуктивӣ):**

- Матн дар бораи чӣ қисса мекунад?

- Қаҳрамонҳо кадом унсурҳои муҳити шаҳрро мушоҳида намуданд?

**2. Сатҳи таҳлил (аналитикӣ):**

- Кадом хусусиятҳо шаҳри муосирро тавсиф мекунанд?
- Чаро муаллиф ба «набудани фарқият» диққати махсус медиҳад?

**3. Сатҳи тафсир (герменевтикӣ):**

- Муаллиф кадом идея ё паёмро пешниҳод мекунад?
- Оё шаҳр ҳамчун модели идеалӣ тасвир шудааст? Далел оред.

**4. Сатҳи эҷод (продуктивӣ):**

- Матнро аз номи яке аз иштирокчиён бознависӣ намоед;

- Шаҳри худро бо услуби монанд тавсиф кунед;

- Муқоисаи шаҳрҳои тасвиршуда ва воқеиро анҷом диҳед.

Маҷмӯи вазифаҳои мазкур, тибқи назарияи фаъолияти таълимӣ, ба рушди қобилияти таҳлил, тафсир ва эҷоди дониш мусоидат менамояд [Леонтьев, 1975].

**Марҳилаҳои дарс**

**Марҳилаи 1. Оғоз (5 дақиқа)**

- Пешниҳоди мавзуъ ва мақсад;

- Хондани матн ва дарки умумӣ.

**Марҳилаи 2. Фаҳмиш ва таҳлил (15 дақиқа)**

Фаъолият:

1. Тақсим ва таҳлили сохтории матн;

2. Муҳокимаи маъноҳои пинҳонӣ бо истифода аз саволҳои герменевтикӣ.

Тавре ки таъкид мешавад, «тафсири матн раванди фаъолонаи сохтани маъно мебошад» [Рикёр, 2000, с. 87].

Нуктаҳои калидӣ:

- «no contrasts» - рамзи баробарии иҷтимоӣ;

- «endless streams» - нишонаи динамикаи иҷтимоӣ;

- «great impression» - таъсири муҳит ба шуур.

**Марҳилаи 3. Эҷод (15 дақиқа)**

- Тартиб додани «concept map»;

- Навиштани порчаи эҷодӣ.

Ин марҳила ба ташаккули фаъолияти эҷодӣ ва худбаҳодиҳӣ мусоидат мекунад [Гальперин, 1985].

**Марҳилаи 4. Хулоса ва рефлексия (10 дақиқа)**

- Муҳокимаи паёми матн;

- Ҷамъбасти фикрҳо.

Саволҳо:

1.Агар шумо шаҳрсоз мебудед, чӣ гуна муҳит месохтед?

2.Матн кадом ҳисро бедор мекунад?

3.Чӣ гуна онро ба воқеияти маҳаллӣ татбиқ кардан мумкин аст?

**Баҳои пешниҳодӣ**

Аъло - таҳлил амиқ, фаъолияти эҷодӣ равшан

Хуб - дарки умумӣ, иштирок миёна

Қаноатбахш - фаҳмиши маҳдуд

Дар хотима бояд таъкид кард, ки самаранокии раванди таълим ба ҳавасмандии дохилии донишҷӯён вобаста аст. Тавре қайд мешавад: «барои ноил шудан ба натиҷаҳои баланд дар омӯзиш, муҳити мусбати равонӣ ва ҳавасмандии устувор зарур мебошад» [69, с. 168]. Ин омил заминаи рушди фаъолияти маърифатӣ ва эҷодии донишҷӯёнро фароҳам меорад.

Дар ин замина, ҳавасмандии дохилӣ ҳамчун омили калидии фаъолсозии фаъолияти маърифатӣ баромад намуда, бевосита ба самаранокии таҳлил ва тафсири матн таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, дар раванди шарҳи матнҳои таълимӣ таваҷҷуҳ ба унсурҳои ҳавасмандкунанда ва таъсири эҳсосӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Аз ин рӯ, дар шарҳи матнҳои таълимӣ бояд ба унсурҳои ҳавасмандкунӣ ва таъсири эҳсосӣ аҳамияти ҷиддӣ дод. Ин раванд на танҳо сатҳи фаҳмиши донишҷӯёнро баланд мебардорад, балки имкони таҳлили амиқи мазмун ва эҷоди матни навро низ фароҳам месозад.

Дар илми педагогика эҷодиёт ҳамчун нерӯи тахрикдиҳандаи рушди шахсият ва таҳаввулоти равандҳои таълимӣ мавқеи асосӣ дорад. Тибқи андешаи Л.С. Выготский: *«фаъолияти эҷодӣ дар муҳити таълимӣ ба вусъат додани «минтақаи инкишофи наздик» мусоидат мекунад ва имкони рушду такомули қобилиятҳои маънавию зеҳнии шогирдонро фароҳам меорад»* [33, с. 87]. Ин нишон медиҳад, ки фаъолияти эҷодӣ омили асосии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ мебошад.»

Матн на танҳо тасвири муҳити шаҳрӣ, балки ифодаи модели идеалии шаҳри муосир мебошад - шаҳре бидуни тафовутҳои иҷтимоӣ, бо тарҳи муназзам, муҳити зисти созгор ва шароити баробар барои ҳамаи сокинон. Дар ин замина, матн ҳамчун воситаи интиқоли арзишҳо ва ташаккули ҷаҳонбинии иҷтимоӣ ва арзишии донишҷӯён баромад намуда, аҳамияти муҳими педагогӣ дорад.

Методҳои таълими эҷодӣ, ки аз ҷониби педагогҳои муосир пешниҳод шудаанд, нишон медиҳанд, ки истифодаи шарҳ, таҳлил ва мушоҳода дар раванди таълим на танҳо ба амиқтар дарк намудани маводи таълимӣ мусоидат мекунад, балки ба рушди қобилияти худшиносӣ ва худифодагарии донишҷӯён низ таъсири назаррас мерасонад. И.Я. Лернер дар ин бора чунин таъкид менамояд: «усулҳои таҳлил ва эҷоди матн на танҳо воситаи интиқоли дониш, балки механизми ташаккули фаъолияти маърифатӣ ва рушди шахсияти донишҷӯ мебошанд» [Лернер, И.Я. Дидактические основы методов обучения. - М.: Педагогика, 1981. - С. 256].

Таҳқиқоти мавҷуда ба зарурати омӯзиши амиқи равишҳои гуногуни кор бо матн дар муҳити таълимӣ ишора намуда, таъкид менамоянд, ки дар шароити таълими муосир ҳадафи асосӣ на танҳо азхудкунии дониш, балки ташаккули қобилияти таҳлилӣ, эҷодӣ ва интиқодии донишҷӯён мебошад. Аз

ин рӯ, омӯзгор бояд на танҳо донандаи мазмун, балки ташкилкунандаи фаъолияти маъноофарии донишҷӯ бошад. Л.С. Выготский дар ин бора чунин менависад: «рушди тафаккур дар раванди фаъолияти маъноофарӣ ва муоширати иҷтимоӣ амалӣ мегардад - маъно маҳсули якҷояи фаъолият ва муошират аст» [Выготский, Л.С. Мышление и речь. - М.: Лабиринт, 1999. - С. 56]. Ин нукта аҳамияти истифодаи усулҳои мазкурро дар ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ боз ҳам асоснок менамояд.

Дар корҳои М.Н. Зиёев усулҳои асосии кор бо матн тавсиф шудаанд. Муаллиф таъкид менамояд: «усулҳои таҳрири матн, таҳлили лингвистӣ, диктантҳо ва матн-миниатюраҳо барои рушди малакаҳои забонӣ ва тафаккури донишҷӯён самаранок мебошанд» [Зиёев, М.Н. Усулҳои кор бо матн дар таълим. - Душанбе: Маориф, 2010. - С. 18]. Аз ҷумла, муаллиф усулҳои зеринро самаранок мешуморад:

- таҳрири матн, ки ба такмили сохтори забонӣ ва дарки мантиқии мазмун мусоидат мекунад;

- таҳлили лингвистии матн, ки имконият медиҳад хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии матн дар сатҳи амиқ ошкор карда шаванд;

- намудҳои гуногуни диктантҳо, ки ба таҳкими малакаҳои забонӣ ва диққати маърифатӣ равона шудаанд;

- кор бо матн-миниатюраҳо, ки «ба рушди тафаккури фишурда ва қобилияти ҷамъбаст мусоидат мекунад» [Зиёев, М.Н. - ҳамон ҷо. - С. 22].

Дар баробари ин, дар адабиёти методӣ усулҳои дигари ташкили фаъолияти маърифатии донишҷӯён низ пешниҳод мешаванд. Аз ҷумла, тартиб додани синквейнҳо ва кластерҳо ба системасозӣ ва моделсозии маъноҳо мусоидат мекунад;

моделсозии ҳолатҳои муошират ва бозӣ муҳити муколамавӣ ва фаъолияти эҷодиро фароҳам меорад;

кори мураккаб бо матн, ки таҳлил, тафсир ва арзёбиро муттаҳид менамояд, низ самаранок арзёбӣ мегардад;

навиштани иншо ҳамчун шакли олии фаъолияти эҷодӣ ба ташаккули мавқеи мустақил ва худифодагарӣ мусоидат менамояд.

Таҳлили ин усулҳо нишон медиҳад, ки онҳо ба фаъолгардонии фаъолияти маърифатии донишҷӯён ва ҷалби онҳо ба раванди маъноофарӣ мусоидат намуда, шароити рушди тафаккури эҷодӣ ва қобилияти таҳлилро фароҳам меоранд. Истифодаи системавии чунин усулҳо имкон медиҳад, ки раванди таълим аз сатҳи репродуктивӣ ба сатҳи эҷодӣ ва рефлексивӣ гузаронида шавад, ки ба талаботи таълими муосир ҷавобгӯ мебошад.

Ин равишҳо ба рушди тафаккури танқидӣ, қобилияти таҳлилӣ ва малакаҳои эҷодии донишҷӯ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, таҳрири матн ва таҳлили лингвистӣ воситаи муҳимми ошкорсозии сохтори дохилии матн ва дарки маънои амиқи он ба ҳисоб мераванд, дар ҳоле ки кор бо матн-миниатюраҳо ва синквейнҳо тарзи эҷодии таҳлил ва ҷамъбасти маълумотро инкишоф медиҳанд.

Пайвастани ҳолатҳои бозӣ ва муошират бо таълим низ ба густариши муҳити эҷодӣ ва ҷалби фаъоли шогирдон мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, истифодаи чунин усулҳо дар таҳлили шарҳ ва эҷоди матн, на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи фаҳмиши донишҷӯ, балки ба ташаккули қобилиятҳои забонӣ, эҷодӣ ва иҷтимоии ӯ замина мегузорад.

Дар раванди омӯзиши методикаи таҳлили шарҳ ва эҷоди матн, муҳим аст, ки омӯзгорон на танҳо ба шаклу усулҳои кори амалӣ бо матн, балки ба хусусиятҳои дохилии он низ таваҷҷуҳ намоянд. Зиёев М.Н. дар баррасии шакл ва усулҳои самараноки кори таълимӣ бо матн ба ҷанбаҳои амалӣ ва методии он, аз ҷумла таҳрир, таҳлили лингвистӣ, диктантҳо, навишти иншо ва дигар шаклҳои эҷодии кор бо матн таъкид мекунад, ки ба ташаккули қобилиятҳои таҳлилӣ ва эҷодии хонанда мусоидат мекунанд.

Ин андеша бо назари М.Н. Тиллохоҷаева ҳамбастагии мустаҳкам дорад, ки таъкид менамояд: «Матнҳо бояд аз ҷиҳати имло ҷолиб бошанд, аз рӯи услуб, навъи сухан, луғат фарқ кунанд, таркибҳои гуногуни сарфиву наҳвиро дар бар гиранд. Матнро метавон вобаста ба услуби нигориш аз асарҳои

навишандагони ҳам адабиёти классикӣ ва ҳам муосир истифода намуд» [134, С. 181-182]. Ин талабот зарурати интихоби матнҳои гуногунмазмун ва таҳлилталабро дар раванди таълим таъкид менамояд. Ӯ, ҳамчунин, таҳлили матнро дар самти мундариҷаи забонӣ, вожашиносӣ ва дарки бадеият ҳамчун фаъолияти эҷодӣ арзишманд мешуморад.

Аз мутолиаи ҳарду андеша бармеояд, ки дар кор бо матн дар муҳити таълимӣ бояд ду унсур ҳамзамон ба назар гирифта шаванд: яке усулҳои гуногуни корбурд, ки хонандаро ба амалҳои мушаххаси таҳлилӣ ва эҷодӣ ҷалб менамояд ва дигаре хусусиятҳои дохилии худи матн, ки бояд аз ҷиҳати услубӣ, сохторӣ ва забонӣ гуногун ва таҳлилталаб бошанд.

Дар маҷмуъ, андешаҳои муҳаққиқон М.Н. Зиёев ва М.Н. Тиллохоҷаева якдигарро такмил намуда, нишон медиҳанд, ки омӯзиши самараноки таҳлил, шарҳ ва эҷоди матн танҳо дар шароите муяссар мегардад, ки матн дорои муҳтавои забонии ғанӣ ва имкониятҳои гуногуни методӣ бошад. М.Н. Зиёев дар ин бора таъкид менамояд: «самаранокии кор бо матн ба ғании муҳтавои забонии он ва гуногунии усулҳои методии истифодашаванда бевосита вобаста аст» [Зиёев, М.Н. Усулҳои кор бо матн дар таълим. -Душанбе: Маориф, 2010. -С. 49]. Ҳамин нукта дар таҳқиқи мазкур ҳамчун заминаи назариявии муҳим хизмат намуда, ба таҳияи модели муосири таълими кор бо матн равона карда шудааст.

Дар асоси таҳлили назариявӣ ва таҷрибавӣ метавон хулоса намуд, ки кор бо матн дорои имкониятҳои васеи дидактикӣ буда, дар он усулҳои таҳлил, тафсир ва эҷод ба таври низомӣ ва мутақобилан алоқаманд амал мекунанд. В.И. Андреев дар ин бора чунин таъкид менамояд: «рушди тафаккури эҷодӣ дар шароити фаъолияти фаъолонаи маърифатӣ ва ҷалби донишҷӯ ба равандҳои таҳлил ва худифодагарӣ амалӣ мегардад -эҷодкорӣ маҳсули фаъолияти мустақилонаи маърифатии шахс аст» [Андреев, В.И. Педагогика творческого саморазвития. -Казань: КГУ, 1996. -С. 112]. Ин андеша ба таври мустақим аҳамияти усулҳои мазкурро дар ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони оянда тасдиқ мекунад.

Ҳамин тавр, усулҳои таҳлил, тафсир ва эҷоди матнҳои таълимӣ ҳамчун системаи ягона баромад намуда, на танҳо ба азхудкунии дониш, балки ба рушди қобилияти фикрронии таҳлилӣ ва эҷодӣ мусоидат мекунанд. Тавре ки таъкид мегардад, «фаъолияти маърифатӣ дар шароити муошırати иҷтимоӣ ташаккул меёбад» [Выготский, 1934, с. 56], ки ин зарурати ташкили муҳити муколамавии таълимро нишон медиҳад.

Илова бар ин, И.А. Зимняя таъкид менамояд: «самаранокии фаъолияти таълимӣ аз сатҳи иштироки фаъоли донишҷӯ ва истифодаи усулҳои фаъол вобастагии мустақим дорад - донишҷӯе, ки ба раванди дарк фаъолона иштирок мекунад, дониши устувортар ва амиқтар меёбад» [Зимняя, И.А. Педагогическая психология. - М.: Логос, 2004. - С. 112]. Ин нукта зарурати татбиқи усулҳои таҳлил ва эҷоди матнро дар раванди таълим боз ҳам тақвият медиҳад.

Хулоса, истифодаи системавии усулҳои таҳлил, тафсир ва эҷоди матн имкон медиҳад, ки раванди таълим аз сатҳи репродуктивӣ ба сатҳи фаъолияти таҳлилӣ-эҷодӣ гузаронида шавад. Чунин гузариш ба талаботи таълими муосир ва рушди шахсияти мустақили омӯзгорони оянда ҷавобгӯ мебошад - ва маҳз ин ба таҳияи методикаи мушаххаси кор бо матнҳои таълимӣ, ки дар боби дуюм пешниҳод мегардад, заминаи назариявии устувор мегузорад.

## 2.2 Имкониятҳои дидактикии матнҳои таълимӣ дар рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогии омӯзгорони оянда забони англисӣ

Дар шароити тағйироти босуръати иҷтимоӣ ва технологӣ, ки талаботи нав ба фаъолияти инсонро ба миён овардааст, рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ ҳамчун яке аз ҳадафҳои муҳими таълим аҳамияти махсус пайдо мекунад. Дар ин замина, матнҳои таълимӣ ҳамчун воситаи муҳими дидактикӣ метавонанд дар ташаккули қобилияти дарки бисёрсатҳии маъно,

муқоисаи мавқеъҳои гуногун ва қабули қарорҳои педагогӣ нақши калидӣ ичро намоянд.

Аз нуқтаи назари дидактикӣ, матнҳои таълимӣ на танҳо манбаи иттилоот, балки воситаи ташаккули фаъолияти маърифатии донишҷӯён мебошанд. Онҳо имконият медиҳанд, ки дар раванди таълим усулҳои таҳлил, муқоиса ва тафсири маъно ба таври амалӣ татбиқ гардида, ҳамзамон унсурҳои эҷодии фаъолияти фикрронӣ низ фаъол гарданд. Махсусан, матнҳои дорои хусусияти муколимавӣ ва проблемавӣ метавонанд фаъолияти фикрронии донишҷӯёнро фаъол намуда, рушди тафаккур ва салоҳияти касбиро, ки ҷанбаҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ ва эҷодиро дар бар мегирад, таъмин намоянд.

Дар раванди кор бо матн, донишҷӯ имконият пайдо мекунад, ки як падида ё ҳолати педагогиро аз чанд нуқтаи назар баррасӣ намояд, маъноҳои пинҳониро ошкор созад ва мавқеи шахсии худро ташаккул диҳад. Ин раванд ба ташаккули тафаккур ва салоҳияти касбӣ мусоидат намуда, қобилияти таҳлил, рефлексия ва қабули қарорҳои чандвариантиро инкишоф медиҳад.

Мафҳуми «эҷодиёт» дар адабиёти психологӣ, фалсафӣ ва педагогӣ бо навъҳои гуногун шарҳу тавзеҳ қарор гирифтааст. Дар адабиёти фалсафии муосир эҷодиёт ҳамчун фаъолияти зеҳнӣ ва амалӣ мавриди таҳлил қарор мегирад, ки маҳсули он «офаридани арзишҳои асилу нотакрор, кашфи далелҳои нав, хусусиятҳо ва қонуниятҳо, инчунин тарзи таҳқиқ ва табдили ҷаҳони моддӣ ё фарҳанги маънавӣ ба ҳисоб меравад» [52, С. 24-29].

Назари С.М. Имомова ҳам қобили таваҷҷуҳ аст, ки мегӯяд: «Эҷод афзалияти инсони озод ва барои худсозмондиҳӣ қобилиятдор мебошад. Тақсимкунии тафаккур ба маҳсулнок (эҷодӣ) ва репродуктивӣ (такрористеҳсолӣ) шартист. Дар ҳама гуна амали фикрӣ қисми эҷодӣ, тавлидкунандаи алоқаманд бо ҳосилкунии фарзияҳо ва қисми иҷрокунанда вуҷуд дорад, ки бо амалисозӣ ва санҷиши онҳо алоқаманд мебошад» [54, с. 44].

Ин андешаҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти маърифатӣ дорои хусусияти салоҳиятмандӣ мебошад, ки дар он унсурҳои таҳлил, муқоиса ва тавлиди маъно (аз ҷумла ҷанбаҳои эҷодӣ) ба ҳам алоқаманданд. Дар ин замина, матнҳои таълимӣ ҳамчун воситаи дидактикӣ имконият медиҳанд, ки донишҷӯён ин равандҳоро ба таври ҳамгиро амалӣ намуда, тафаккури худро дар самтҳои гуногун инкишоф диҳанд.

Фаҳмиши хусусият ва фаъолияти тафаккур барои рушди қобилиятҳои шахсӣ ва касбии шахсият аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дар робита ба ин масъала, К.В. Першина назари муҳим ва асоснокро иброз медорад: «Фаъолияти тафаккури эҷодӣ - ин шакли кори табии майнаи сар мебошад, ки хос ба ҳама инсонҳост. Вале, омилҳое вуҷуд доранд, ки дар шакли қолаб бо таъсироти иҷронамоӣ ва низоми мавҷудаи таълиму тарбия садди роҳи он мегарданд» [91, С. 106-109].

Аз ин бармеояд, ки барои рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ, муҳити таълимӣ бояд имкониятҳои гуногунҷабҳа барои таҳлил, муқоиса ва тафсири маъно фароҳам оварад, ки дар онҳо унсурҳои эҷодии фаъолияти зеҳнӣ низ фаъол гарданд. Дар чунин шароит, матнҳои таълимӣ метавонанд ҳамчун воситаи муассири дидактикӣ хизмат намуда, на танҳо интиқоли дониш, балки ташаккули тафаккури фаъол, чандсамта ва рефлексивии донишҷӯёнро таъмин намоянд.

Аз андешаи зикршуда бармеояд, ки фаъолияти маърифатӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои эҷодии он, дар шароити озод ва ҳавасмандкунанда самаранок рушд меёбад. Аммо вақте ки муҳит бо низоми таълими қолабӣ, супоришҳои якранг ва интизориҳои маҳдудкунанда тавсиф мешавад, имкониятҳои ташаккули тафаккур ва салоҳияти касбӣ коҳиш меёбанд. Аз ин рӯ, муҳити таълимӣ бояд ба тавре ташкил карда шавад, ки дар он донишҷӯ имкони баррасии масъалаҳо аз чанд нуқтаи назар, муқоиса ва интихоби маъноҳои гуногунро дошта бошад.

Дар ҷараёни омӯзиши усулҳои рушди тафаккур, яке аз равишҳои муассир, ки ба ташаккули тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ мусоидат

мекунад, усули синетика ба ҳисоб меравад. Ин усул бар мабнои ҳамгироии унсурҳои гуногун ва ташкили муҳити коллективии фикрронӣ бунёд ёфтааст. Тавре ки Ф. Гулмадов ва М. Илҳомов зикр мекунанд: «Синетика ... яке аз усулҳои рушддиҳандаи тафаккури эҷодӣ мебошад. » [33, С. 91-96].

Ин андеша зарурати ҳамгироии мавқеъҳои гуногун ва мубодилаи афкорро ҳамчун заминаи рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ таъкид менамояд. Дар ҳамин замина, синетика на танҳо як усули техникӣ, балки як равиши дидактикӣ мебошад, ки ба ташаккули тафаккури гурӯҳӣ, муқоисавӣ ва чандсамтаи донишҷӯён мусоидат мекунад.

Аз нигоҳи педагогӣ, ташаккули тафаккур ва салоҳияти касбӣ дар муҳити муколимавӣ ва шароити мубодилаи фаъолонаи андешаҳо сурат мегирад. Дар ин раванд, нақши матнҳои таълимӣ махсусан муҳим аст, зеро матн ҳамчун воситаи дидактикӣ фазое фароҳам меорад, ки донишҷӯ метавонад маъноҳоро тафсир намояд, саволҳо пешниҳод кунад, мавқеъҳои гуногунро муқоиса намояд ва хулосаҳои мустақил барорад.

Яке аз асосгузорони равоншиносии фаъолияти зеҳнӣ Л.С. Виготский таъкид мекунад, ки: «тафаккури эҷодӣ ... дар раванди ҳаллу фасли масъалаҳои нави иҷтимоӣ ва маърифатӣ ташаккул меёбад» [28, с.87].

Ин андеша нишон медиҳад, ки фаъолияти маърифатии масъалавӣ, ки дар асоси кор бо матн ташкил карда мешавад, метавонад заминаи ташаккули тафаккур ва салоҳияти касбӣ фароҳам оварад.

Мувофиқи гуфтаи С. Сангинов: «Матнҳое, ки шавқи фикр карданро ба вуҷуд меоранд, воситаи муассири рушди қобилиятҳои эҷодӣ ба шумор мераванд» [107, с. 43]. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки ҷанбаҳои эҷодӣ ҳамчун қисми таркибии тафаккури бисёрҷанба амал намуда, дар раванди кор бо матн фаъол мегарданд.

Бо такя ба ин андеша, метавон гуфт, ки нақши матн дар раванди таълим на танҳо ба интиқоли дониш, балки ба ташаккули фаъолияти салоҳиятмандии маърифатӣ вобаста аст. Матн ҳамчун воситаи дидактикӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯён робитаҳои маъноиро дарк намуда, онҳоро дар

заминаҳои гуногун муқоиса ва тафсир намоянд, ки ин асоси рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ мебошад.

Маҳз ҳамин пайдарпайии амалҳо - дарк, таҳлил, муқоиса ва тафсир - механизми асосии ташаккули тафаккур ва салоҳияти касбӣ ташкил медиҳад. Дар ин раванд, донишҷӯ на танҳо маъноҳои тайёрро қабул мекунад, балки онҳоро аз нав коркард намуда, дар асоси таҷрибаи шахсӣ ва донишҳои қаблӣ ба тавлиди маъноҳои нав мерасад.

Дар заминаи таҳқиқоти муосири педагогӣ, таъкид мегардад, ки фаъолияти маърифатӣ дар шароити фаъол ва муколимавӣ бештар самаранок амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, истифодаи матнҳои дорои хусусияти проблемавӣ ва саволбарангез дар раванди таълим имкон медиҳад, ки донишҷӯён ба ҷустуҷӯи ҷавобҳо, муқоисаи андешаҳо ва таҳияи хулосаҳои мустақил ҷалб гарданд. Ин ҳолат ба ташаккули тафаккур ва салоҳияти касбӣ мусоидат намуда, қобилияти баррасии масъалаҳоро аз нуқтаҳои назари гуногун тақвият медиҳад.

Дар баробари ин, матн ҳамчун воситаи дидактикӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯён дар раванди таълим ба фаъолияти рефлексивӣ ҷалб карда шаванд. Рефлексия ҳамчун унсури муҳими фаъолияти маърифатӣ ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки на танҳо натиҷаи фаъолияти худро арзёбӣ намояд, балки раванди фикрронии худро низ таҳлил кунад. И.А. Зимняя дар ин бора чунин таъкид менамояд: «рефлексия ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти таълимӣ ба ташаккули худшиносӣ ва худтанзимкунии маърифатӣ мусоидат менамояд -донишҷӯе, ки раванди фикрронии худро таҳлил мекунад, қобилияти баланди маърифатӣ инкишоф медиҳад» [Зимняя, И.А. Педагогическая психология. -М.: Логос, 2004. -С. 214]. Ин андеша аҳамияти рефлексияро дар рушди тафаккури таҳлилӣ-эҷодии омӯзгорони оянда асоснок менамояд ва зарурати ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти рефлексивӣ тавассути кор бо матн дар раванди таълимро тасдиқ мекунад.

Дар натиҷа, донишҷӯ ба дарки амиқи маъноҳо ва муносибатҳои байни онҳо мерасад, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои асосии гузариш аз сатҳи

репродуктивӣ ба сатҳи фаъолияти маъноофарӣ мебошад. Тавре ки Л.С. Выготский таъкид менамояд, «рушди тафаккур дар раванди фаъолияти иҷтимоӣ ва муошират амалӣ мегардад» [Выготский, 1934, с. 56], ки ин зарурати ҷалби донишҷӯёнро ба фаъолияти фаъол ва рефлексивӣ тасдиқ менамояд.

Илова бар ин, истифодаи матнҳои гуногунмазмун ва серсатҳ дар раванди таълим ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки як масъала ё падидаро аз дидгоҳҳои мухталиф баррасӣ намоянд. В.И. Андреев дар ин бора чунин таъкид менамояд: «гуногунсамтии маводи таълимӣ ба рушди тафаккури эҷодӣ ва қобилияти интихоби қарорҳои чандвариантӣ мусоидат мекунад - донишҷӯе, ки бо матнҳои гуногунмавқеъ кор мекунад, тафаккури мустақилтар ва амиқтар инкишоф медиҳад» [Андреев, В.И. Педагогика творческого саморазвития. - Казань: КГУ, 1996. - С. 128]. Масалан, муқоисаи ду матни дорои мавқеъҳои гуногун метавонад донишҷӯёнро ба таҳлили амиқтар ва ҷустуҷӯи асосноки хулосаҳо ҳидоят намояд - ва маҳз ин навъи кор заминаи ташаккули тафаккури интиқодӣ ва салоҳиятмандии касбии омӯзгори оянда мегузорад.

Ин равиш на танҳо қобилияти муқоисавӣ ва таҳлилро инкишоф медиҳад, балки заминаи ташаккули тафаккури таҳлилӣ-эҷодии педагогиро низ фароҳам меорад, ки ба талаботи таълими муосир ва рушди шахсияти мустақили омӯзгорони оянда ҷавобгӯ мебошад.

Дар чунин шароит, нақши омӯзгор низ тағйир меёбад. Ӯ дигар танҳо интиқолдиҳандаи дониш набуда, балки ташкилкунанда ва роҳнамои фаъолияти маърифатии донишҷӯён мегардад. Омӯзгор тавассути интихоби дурусти матнҳо, тарҳрезии супоришҳои таҳлилӣ ва ташкили муҳокима метавонад раванди ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандиро идора намояд.

Бо ин мақсад, истифодаи усулҳои фаъол, аз қабили муҳокимаи гурӯҳӣ, таҳлили муқоисавӣ, саволгузории проблемавӣ ва иҷрои супоришҳои кушода аҳамияти махсус пайдо мекунад. Ин усулҳо донишҷӯёнро ба фаъолияти

мустақилона, ҷустуҷӯи маъно ва пешниҳоди андешаҳои гуногун ҷалб намуда, ба рушди фикррони чандсамта мусоидат менамоянд.

Дар баробари ин, таълими тафриқавӣ, ки дар асоси кор бо матн амалӣ мегардад, имконият медиҳад, ки хусусиятҳои инфиродии донишҷӯён ба назар гирифта шаванд. Ҳар як донишҷӯ метавонад матнро мувофиқи сатҳи фикрронӣ ва таҷрибаи худ дарк намуда, онро аз нуқтаи назари худ тафсир намояд. Ин ҳолат муҳити таълимиро ба як фазои фаъол ва гуногунсамти маърифатӣ табдил дода, ба ташаккули тафаккур ва салоҳияти касбӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, матнҳои таълимӣ дар шароити истифодаи методии онҳо на танҳо воситаи интиқоли дониш, балки механизми ташаккули фаъолияти фикррони салоҳиятмандии донишҷӯён ба ҳисоб мераванд. Тавассути ташкили фаъолияти таҳлилӣ, муқоисавӣ ва рефлексивӣ дар асоси матн, донишҷӯён имконият пайдо мекунанд, ки маъноҳоро дар сатҳҳои гуногун дарк намуда, онҳоро дар заминаҳои мухталиф татбиқ намоянд ва қарорҳои чандвариантиро қабул кунанд.

Дар ин замина, барои ба таври низомнок ташкил намудани фаъолияти маърифатии донишҷӯён, истифодаи алгоритмҳои марҳилавии кор бо матн аҳамияти махсус пайдо мекунад. Яке аз чунин равишҳои методӣ назарияи О.К. Тихомиров мебошад, ки равандҳои ҳалли масъалаҳоро ба чор марҳала ҷудо менамояд. Ӯ чунин менависад:

- «марҳалаи ҷамъоварии мавод...
- марҳалаи пухтарасӣ...
- марҳалаи илҳом...
- марҳалаи назорат...» [134, с. 37].

Ин марҳалаҳоро метавон ба раванди таълим ба таври зерин мутобиқ намуд:

**Марҳилаҳои методии кор бо матн**

**1. Марҳилаи дарки ибтидоӣ (ҷамъоварии мавод)**

Донишҷӯ матнро мехонад, мазмуни онро дарк мекунад ва масъалагузорӣ менамояд.

- Натиҷа: ташаккули дарки умумӣ

**2. Марҳилаи таҳлил ва муқоиса (инкубатсия)**

Донишҷӯ маъноҳоро таҳлил намуда, онҳоро бо дигар мавқеъҳо муқоиса мекунад.

- Натиҷа: рушди фикрронии чанддидгоҳӣ

**2. Марҳилаи тафсир (инсайт)**

Донишҷӯ ба хулосаҳои мустақил мерасад ва маъноҳои навро пешниҳод менамояд.

- Натиҷа: ташаккули тафсири шахсӣ

**3. Марҳилаи арзёбӣ (назорат)**

Донишҷӯ натиҷаҳоро таҳлил ва асоснок мекунад.

- Натиҷа: рушди тафаккури интиқодӣ

Ин алгоритм имкон медиҳад, ки фаъолияти маърифатии донишҷӯён ба таври пайдарпай ва мақсаднок ташкил карда шавад.

Дар ҳамин замина, истифодаи матнҳои таълимӣ барои ташкили таълими тафриқавӣ низ аҳамияти муҳим дорад. Бо назардошти хусусиятҳои инфиродии донишҷӯён, омӯзгор метавонад супоришҳои гуногунсатҳа пешниҳод намояд, ки ба рушди қобилияти таҳлил, муқоиса ва тафсири маъно мусоидат мекунанд.

Таълими тафриқавӣ имкон медиҳад, ки ҳар як донишҷӯ матнро мувофиқи сатҳи фикррони ва таҷрибаи худ дарк намуда, онро аз дидгоҳҳои гуногун баррасӣ кунад. Ин ҳолат муҳити таълимиро ба як фазои фаъол ва салоҳиятмандии маърифатӣ табдил медиҳад.

Дар чунин муҳит, донишҷӯён на танҳо донишҳоро аз худ мекунанд, балки онҳоро дар заминаҳои гуногун таҳлил ва тафсир намуда, қарорҳои мустақил қабул менамоянд. Ин раванд ба ташаккули қобилияти баррасии масъалаҳо аз нуқтаҳои назари гуногун, муқоиса ва интихоби роҳҳои ҳалли алтернативӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, истифодаи мақсадноки матнҳои таълимӣ дар якҷоягӣ бо усулҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ ва марҳилавии кор бо онҳо метавонад ҳамчун механизми муассири ташаккули тафаккур ва салоҳияти касбӣ хизмат намояд. Дар ин раванд, донишҷӯ ҳамчун субъекти фаъол баромад намуда, қобилияти таҳлил, тафсир ва қабули қарорҳои чандвариантиро инкишоф медиҳад, ки ин яке аз шартҳои асосии омодасозии мутахассисони муосир ба ҳисоб меравад.

Дар раванди омӯзиши фаъолияти маърифатии донишҷӯён, зарурати истифодаи усулҳои таълимии мутобиқ ба хусусиятҳои инфиродӣ аҳамияти хос пайдо мекунад. Тавре ки Ф. Гулмадов ва М. Илҳомов ишора мекунанд: «Дар заминаи омӯзиши ташаккул ва инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон, имконияти ташкили таълими тафриқавӣ ба даст овардан мумкин аст, ки ин яке аз усулҳои нав ва прогрессивии таълим мебошад» [35, с. 94].

Ин андеша нишон медиҳад, ки ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродии донишҷӯён шарти муҳими ташкили муҳити таълимии мутобиқшаванда мебошад. Таълими тафриқавӣ, ки ба эҳтиёҷот ва сатҳи фикрронии донишҷӯён мутобиқ карда мешавад, имконият медиҳад, ки ҳар як донишҷӯ матнро аз дидгоҳҳои гуногун дарк ва тафсир намояд. И.А. Зимняя дар ин бора чунин таъкид менамояд: «инфиродисозии раванди таълим омили калидии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти маърифатӣ ба ҳисоб меравад - ҳар як донишҷӯ дорои сатҳи инкишоф ва тарзи дарки худ мебошад, ки ба назар гирифтани онҳо натиҷаи таълимро назаррас беҳтар мекунад» [Зимняя, И.А. Педагогическая психология. - М.: Логос, 2004. - С. 198]. Ин андеша аҳамияти таълими тафриқавиро дар ташкили фаъолияти таҳлилӣ-эҷодии донишҷӯён дар раванди кор бо матн тасдиқ мекунад.

Дар ин раванд, омӯзиши паҳлуҳои гуногуни фаъолияти фикрронӣ, аз ҷумла қобилияти таҳлил, муқоиса ва баррасии масъалаҳо аз нуқтаҳои назари мухталиф, имконият медиҳад, ки донишҷӯён робитаҳои маъноиро амиқтар дарк намоянд. Тавре ки Л.С. Виготский таъкид менамояд, «рушди тафаккур дар раванди ҳамкории иҷтимоӣ ва муоширaт амалӣ мегардад» [Выготский,

1934, с. 56], ки ин зарурати ташкили муҳити муколимавӣ ва фаъолро дар таълим асоснок менамояд.

Бо такя ба ин таҳлилҳо, омӯзгор метавонад супоришҳои гуногунсатҳа, вазъиятҳои проблемавӣ ва фаъолияти муколимавиро ташкил намояд, ки ба рушди қобилияти таҳлилӣ, муқоисавӣ ва интихоби қарорҳои алтернативӣ мусоидат мекунанд. Ба андешаи В.И. Андреев, чунин шаклҳои фаъолияти таълимӣ ба рушди тафаккури эҷодӣ ва мустақили донишҷӯён таъсири мусбат мерасонанд [14, с. 135].

Аз ин рӯ, таълими тафриқавӣ на танҳо як равиши педагогӣ, балки шарти методологии ташкили таълими мутобиқшаванда мебошад, ки дар он матн ҳамчун воситаи асосии дидактикӣ истифода мегардад. Маҳз тавассути кор бо матн, донишҷӯён имконият пайдо мекунанд, ки масъалаҳоро аз чанд дидгоҳ баррасӣ намуда, қарорҳои алтернативиро интихоб намоянд, ки ин ба рушди тафаккури таҳлилӣ-эҷодӣ ва ташаккули мавқеи мустақили онҳо мусоидат мекунад.

Дар доираи методикаи пешниҳодшуда, барои рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ истифодаи роҳу усулҳои зерин тавсия дода мешавад:

1. **Ташкили муҳити муколимавӣ дар асоси матн**

Омӯзгор бояд чунин шароит фароҳам оварад, ки донишҷӯён матнро на танҳо хонанд, балки онро муҳокима намоянд, саволҳо пешниҳод кунанд ва мавқеи худро асоснок намоянд.

- Натиҷа: рушди фикрронии чанддидгоҳӣ

2. **Истифодаи супоришҳои таҳлилӣ ва муқоисавӣ**

Донишҷӯён бояд матнро таҳлил намуда, онро бо дигар матнҳо ё вазъиятҳо муқоиса кунанд.

- Натиҷа: ташаккули қобилияти муқоиса ва умумисозӣ

3. **Супоришҳои проблемавӣ ва кушода**

Пешниҳоди масъалаҳое, ки як ҷавоби ягона надоранд, донишҷӯёнро ба ҷустуҷӯи роҳҳои гуногуни ҳал ҳидоят мекунад.

- Натиҷа: рушди қарорҳои чандвариантӣ

4. **Тафсири инфиродии матн**

Ба донишҷӯён имконият дода мешавад, ки маънои матнро аз нуқтаи назари худ шарҳ диҳанд.

- Натиҷа: ташаккули мавқеи шахсӣ

5. **Рефлексия ва баҳодиҳӣ**

Донишҷӯён фаъолияти худро таҳлил намуда, хулосаҳои худро арзёбӣ мекунанд.

- Натиҷа: рушди тафаккури интиқодӣ

6. **Ташкили фаъолияти гурӯҳӣ**

Муҳокимаи гурӯҳӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯён андешаҳои гуногунро бишнаванд ва муқоиса намоянд.

- Натиҷа: рушди тафаккур ва салоҳит

7. **Истифодаи матнҳои проблемавӣ ва муколимавӣ**

Ин гуна матнҳо донишҷӯёнро ба фикр кардан ва таҳлил водор месозанд.

- Натиҷа: фаъолшавии фаъолияти маърифатӣ

Натиҷаи татбиқи ин методика дар он ифода меёбад, ки раванди таълим аз шакли анъанавии интиқоли дониш ба як фаъолияти фаъол, таҳлилӣ ва чандсамта табдил меёбад. Дар чунин шароит, донишҷӯ на танҳо донишҳоро аз худ мекунад, балки онҳоро дар заминаҳои гуногун истифода бурда, маъноҳои нав тавлид менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳлил нишон медиҳад, ки матнҳои таълимӣ дар шароити истифодаи мақсаднок ва методии онҳо метавонанд ҳамчун воситаи асосии дидактикӣ дар ташаккули тафаккур ва салоҳияти касбӣ хизмат намоянд. Тавассути ташкили фаъолияти таҳлилӣ, муқоисавӣ ва муколимавӣ дар асоси матн, донишҷӯён имконият пайдо мекунанд, ки масъалаҳоро аз дидгоҳҳои гуногун баррасӣ намуда, маъноҳоро тафсир ва қарорҳои чандвариантиро қабул намоянд. Ин раванд ба рушди фикрронии мустақил, рефлексивӣ ва интиқодӣ мусоидат намуда, заминаи омодасозии

мутахассисони муосири дорои тафаккури чандсамта ва қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ-касбиро фароҳам меорад.

## 2.3. Амсилаи рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ дар асоси тафсири герменевтикии матни таълимӣ: сохтор, компонентҳо ва механизмҳои амалисозӣ

Усули герменевтикии тафсири матн ҳамчун механизми маънообарӣ дар раванди таълим баромад намуда, ба фаҳмиши амиқи мазмуни матн тавассути муколамаи таълимӣ мусоидат мекунад. Фаҳмиш, ҳамчун ҳадафи асосии тафсир, дар доираи муносибатҳои «субъект–субъект» амалӣ гардида, матн ва хонандаро ҳамчун иштирокчиёни фаъоли раванди маънообарӣ дар назар мегирад. Х.-Г. Гадамер дар ин бора чунин таъкид менамояд: «фаҳмиш ҳамеша хусусияти муколамавӣ дошта, дар ҳамгироии уфуқҳои маъноии матн ва хонанда ба вуҷуд меояд - ин ҳамгироӣ на якбора, балки тадриҷан ва тавассути муколамаи пайдарпай амалӣ мегардад» [Гадамер, Х.-Г. Истина и метод. Основы философской герменевтики. - М.: Прогресс, 1988. - С. 346].

Дар ин раванд, хонанда на танҳо қабулкунандаи иттилоот, балки тавлидкунандаи маъно баромад намуда, таҷрибаи шахсӣ, интизориҳо ва донишҳои қаблиро ба матн ворид менамояд. Тавре ки Л.С. Выготский таъкид менамояд, «раванди фаҳмиш бо фаъолияти маърифатӣ ва таҷрибаи иҷтимоии субъект зич алоқаманд аст» [Выготский, 1934, с. 56], ки ин хусусияти фаъолонаи дарки матнро тасдиқ мекунад.

Матн, дар навбати худ, ҳамчун сохтори бисёрсатҳ ва маънообари кушода баромад намуда, имконият медиҳад, ки маъноҳо дар заминаи ҳамкории унсурҳои гуногун - муаллиф, қаҳрамон, хонанда ва замону макон - ташаккул ёбанд. Ба андешаи М.М. Бахтин, чунин ҳамгироии унсурҳо дар доираи «хронотоп» амалӣ гардида, ягонагии маъноӣ ва сохтории матнро таъмин менамояд [Бахтин, 1981].

Илова бар ин, дар асарҳои Л.С. Виготский ва С.Л. Рубинштейн асосҳои методологии ваҳдати ҷанбаҳои маърифатӣ ва отифавии фаъолияти инсон баён гардидаанд. Аз ҷумла, ғояи ваҳдати «интеллект ва эҳсосот» ҳамчун шарти муҳими фаҳмиш ва тафсири матн баромад мекунад [32, с. 60–97; 118, с. 703]. Ин нукта нишон медиҳад, ки раванди тафсири матн на танҳо фаъолияти зеҳнӣ, балки равандест, ки бо эҳсосот ва таҷрибаи шахсӣ алоқаманд мебошад.

Ҳамин тавр, усули герменевтикӣ имкон медиҳад, ки матн ҳамчун фазои маънофарӣ баррасӣ гардида, дар он хонанда дар асоси таҷрибаи худ ба таҳлил, тафсир ва тавлиди маъноҳои нав машғул шавад, ки ин ба рушди тафаккури таҳлилӣ-эҷодӣ ва ташаккули фаъолияти рефлексивии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Барои баррасии масъалаҳои герменевтика ақидаи донишманди рус Г.И. Шукина дар бораи он, ки: *«тафаккур ҳамчун фаъолият танзими ҳаяҷонии мустақиман ифодакунандаи ғаразнокии онро дорад, аҳамият пайдо мекунад. Нақши равандҳои эҳсосотӣ дар фаъолияти маърифатӣ бебаҳс аст, инро дар замони қабл аз ҷудошавии психология ба илми мустақил қайд карда буданд. Дар ин бора мансуб донистани ҳиссиёте чун шубҳа, эътиқод (боварӣ,) итминон, тахмин, қаноатмандӣ ва ғайра ба ин соҳа аз тарафи файласуфон гувоҳӣ медиҳад»* [137, с. 84-86].

Раванди фаҳмиш ҳамеша бо ҷанбаи отифавӣ ҳамроҳ буда, метавонад эҳсосоти гуногун - аз қабили қаноатмандӣ, хушҳолӣ ё баръакс нофаҳмӣ ва изтиробро ба вуҷуд орад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки фаҳмиш на танҳо амалиёти зеҳнӣ, балки раванди мураккаби равонӣ-эмотсионалӣ мебошад, ки ба таҷрибаи шахсии субъект такя мекунад.

Дар адабиёти илмӣ таснифоти гуногуни фаҳмиш пешниҳод гардидааст. Аз ҷумла, фаҳмиш ба ду навъ ҷудо карда мешавад: «иҷрошаванда» -эҷодӣ ва фаросатнок -ва «фаҳмидашаванда» -дарки вазъият, масъала ва маъно. Чунин тақсимот имкон медиҳад, ки раванди дарки матн ҳамчун фаъолияти фаъол ва ҳамзамон маънофарӣ баррасӣ гардад.

М.М. Бахтин ба илм мафҳуми «фаҳмиши хайрхоҳона»-ро ворид намуда, онро чунин тавсиф мекунад: «фаҳмиши хайрхоҳона шакли махсуси муносибати маъноӣ ба матн аст, ки на ба нусхабардории оддии андешаҳои дигарон, балки ба бозофарӣ ва арзёбии нави маъноҳо асос меёбад» [Бахтин, М.М. Эстетика словесного творчества. -М.: Искусство, 1979. -С. 361–412]. В.П. Зинченко ин андешаро инкишоф дода, чунин навъи фаҳмишро ҳамчун фаҳмиши педагогӣ маънидод менамояд: «фаҳмиши педагогӣ раванди бозофарии маъно дар заминаи таҷрибаи шахсӣ ва арзишҳои касбии омӯзгор мебошад» [Зинченко, В.П. Психологические основы педагогики. -М.: Гардарики, 2002. -С. 109].

Ин навъи фаҳмиш бо раванди ҳамдардӣ ва дарки мавқеи шахси дигар алоқаманд буда, аз механизми оддии «интиқоли иттилоот» фарқ мекунад. Дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад: «шарик шудан ба таҷрибаи маънавии шахси дигар на танҳо дарк, балки бозсозии маъноҳоро дар заминаи арзишҳои шахсӣ талаб менамояд -ин фаъолияти маънофарӣ аст, на интиқоли оддии иттилоот» [Зинченко, В.П. -ҳамон ҷо. -С. 562].

Ҳамин тавр, фаҳмиши герменевтикӣ ҳамчун раванди мураккаби зеҳнӣ ва отифавӣ баромад намуда, имконият медиҳад, ки донишҷӯ на танҳо мазмуни матнро дарк намояд, балки ба тафсир ва арзёбии мустақили он машғул гардад. Маҳз ин раванд ба рушди тафаккури таҳлилӣ-эҷодӣ ва фаъолияти рефлексивии омӯзгорони оянда мусоидат мекунад.

Барои равшантар нишон додани робитаи байни равандҳои фаҳмиш, тафсир ва рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ, амсилаи зерини сохтории татбиқи равиши герменевтикӣ дар кор бо матни педагогӣ пешниҳод мегардад. Сохтор ва робитаи мутақобилаи марҳилаҳои фаҳмиш, тафсир ва рушди тафаккури касбӣ дар раванди татбиқи равиши герменевтикӣ дар расми 3 инъикос гардидааст.




**Расми 3. - Амсилаи рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ ба воситаи тафсири герменевтикии матни таълимӣ**

Дар доираи тадқиқоти мазкур амсилаи рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ дар асоси тафсири герменевтикии матни таълимӣ таҳия гардид (расми 3).

Амсилаи пешниҳодшуда дорои сохтори мураттаб буда, аз якчанд компонентҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозӣ иборат мебошад. Ба таркиби сохтории он унсурҳои зерин дохил мешаванд: матн ҳамчун объекти тафсир, донишҷӯ ҳамчун субъекти фаъол, маъно ва вазъият ҳамчун муҳтавои тафсир, инчунин натиҷаи ниҳоӣ - ташаккули тафаккур ва салоҳияти касбӣ.

Компонентҳои асосии амсила иборатанд аз: когнитивӣ (таҳлил ва дарки маъно), арзишӣ (дарки маъноҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ), рефлексивӣ (арзёбии фаҳмиш) ва коммуникативӣ (муколама ва мубодилаи афкор).

Механизмҳои амалисозии амсила тавассути раванди пайдарпайи фаъолияти маърифатӣ - таҳлил, тафсир, муқоиса, муколама ва рефлексия амалӣ гардида, ба донишҷӯ имконият медиҳанд, ки маъноҳоро дар сатҳҳои гуногун дарк намуда, онҳоро ба таври мустақил тавлид ва истифода намоянд.

Фаҳмишро метавон ҳамчун натиҷаи тафаккур ё ба унвони тавсифномаи

ба худ хоси ҳар марҳала ва шохаи раванди тафаккур, ё ҳамчун тавсифи андеша - маҳсули ниҳоии тафаккур баррасӣ намуд. Фаҳмиш раванди аҳаммиятнок кардани маъноҳо ва дарки қиматҳо мебошад. Ғайр аз ин, фаҳмиш раванди тавлиди маъноҳо дар асоси маъноҳои мавҷуда ё аҳамиятҳои пешниҳодшуда мебошад.

Ҳамин тавр, фаҳмиш раванд ва натиҷаи фаъолият оид ба беашёикунонӣ ва (дар ҳолати ноилшавии фаҳмиши эҷодӣ) ашёикунонии минбаъдаи маъноҳои педагогие мебошад, ки тавассути аломатҳо, рамзҳо ва тимсолҳо ба матни педагогӣ ворид карда шудаанд. Он якбора дар чанд сатҳ ва забони тафаккур амалӣ мегардад. Тибқи фарзияи мо, шакли асосии чунин фаҳмиш тафсири герменевтикии матни таълимӣ ба ҳисоб меравад. Герменевтикаи педагогӣ ҳамчун усули ҳамгироёнаи педагогика ва герменевтика имкон медиҳад, ки раванди дарк, тафсир ва тавлиди маъноҳо ба таври низомнок ташкил карда шавад.

Дар шароити таълим, тафсири герменевтикии матни таълимӣ ҳамчун равиши методӣ тавассути ташкили фаъолияти пайдарпайи донишҷӯён амалӣ мегардад ва маҷмӯи амалҳои дидактикиро дар бар мегирад, ки ба рушди тафаккури бисёрҷанбаи педагогӣ мусоидат мекунанд.

Дар марҳилаи дарки ибтидоӣ омӯзгор матнро пешниҳод намуда, диққати донишҷӯёнро ба мазмуни умумӣ ва масъалаи асосӣ равона месозад; донишҷӯён маънои зоҳирии матнро дарк мекунанд.

Дар марҳилаи таҳлил донишҷӯён унсурҳои асосии матн, робитаҳои маъноӣ ва мавқеи муаллифро муайян менамоянд, дар ҳоле ки омӯзгор тавассути саволҳои роҳнамо фаъолияти таҳлилиро фаъол мегардонад.

Дар марҳилаи тафсир донишҷӯён маъноҳои пинҳонӣ ва эҳтимолии матнро ошкор намуда, онҳоро дар асоси таҷрибаи худ шарҳ медиҳанд; дар ин марҳила муҳокима ва муколама нақши калидӣ мебозанд.

Дар марҳилаи муқоиса донишҷӯён мавқеъҳои гуногунро муқоиса намуда, масъалаҳоро аз дидгоҳҳои мухталиф баррасӣ мекунанд, ки ин ба ташаккули тафаккур ва салоҳияти касбӣ мусоидат менамояд.

Дар марҳилаи рефлексия донишҷӯён фаъолияти худро арзёбӣ намуда, хулосаҳои мустақил мебароранд ва маъноҳоро ба низоми шахсии донишҳои худ ворид месозанд.

Дар маҷмӯъ, тафсири герменевтикии матни таълимӣ ҳамчун методика имкон медиҳад, ки донишҷӯён на танҳо маъноҳоро дарк намоянд, балки онҳоро фаъолона таҳлил, муқоиса ва тафсир карда, ба тавлиди маъноҳои нав расанд. Маҳз ҳамин раванд асоси ташаккули тафаккури бисёрҷанбаи педагогиро ташкил медиҳад.

Дар асоси принсипҳои мазкур, амсилаи рушди тафаккури таҳлилӣ-эҷодии педагогӣ таҳия гардид, ки раванди тафсир, дарк ва тавлиди маъноҳоро дар заминаи кор бо матни таълимӣ ба таври низомнок инъикос менамояд. Маҳз тафсири герменевтикӣ ҳамчун механизми асосӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯён маъноҳоро дар сатҳҳои гуногун дарк намуда, онҳоро аз нуқтаҳои назари мухталиф таҳлил, муқоиса ва тафсир намоянд.

Тавре ки таъкид мегардад, «фаҳмиш ҳамчун раванди муколимавии ҳамгироии маъноҳо амалӣ мегардад» [Gadamer, 1975], ки ин хусусияти фаъол ва интерпретативии фаъолияти маърифатиро асоснок менамояд. Ба андешаи Л.С. Виготский, чунин равандҳо дар шароити фаъолияти иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ ташаккул ёфта, ба рушди қобилияти таҳлил ва тавлиди маъно мусоидат мекунанд [Выготский, 1934, с. 56].

Аз ин рӯ, татбиқи системавии усулҳои герменевтикӣ дар раванди таълим на танҳо ба дарки амиқи мазмуни матн, балки ба рушди қобилияти фикрронии таҳлилӣ, муқоисавӣ ва эҷодии донишҷӯён замина фароҳам меорад, ки ин ба талаботи таълими муосир ҷавобгӯ мебошад.

Вобаста ба ин Л.В. Саидова менвисад: *«Ба ҳам пайваст намудани ду равиш дар фаъолияти тафсирӣ (мантиқию гносеологӣ ва арзишию маъноӣ, зеҳнӣ ва ҳаяҷонӣ, фаъолияти маърифатӣ ва фаъолияти фаҳмидашаванда) қонунан асоснок моро ба мафҳуми инъикоскунандаи тамоюлоти ҳамгироёна дар рушди илми муосир - «фаҳмиши тавзеҳкунанда» оварда мерасонад. Ду навъи таҳлили фаъолият (технологӣ, ки ба азхудкунии арзишҳои ғайришахсӣ*

*равона карда шудааст ва маъноӣ, ки ба дарки маъноҳои фарҳангӣ вобаста мебошад) ба ҳамдигар муқобил гузошта намешаванд, балки якдигарро пурра менамоянд. Дар робита ба ин, фаҳмиш ба ҳам пайвастани аҳамият ва маънӣ мебошад. Агар мавзуи тафсир ҳамчун маърифат мафҳуми дақиқ - аҳамияти объективии дониш ва мавзӯи фаҳмиш тимсолҳои фарҳанг ё тимсолҳои барои субъекти тафсир ҳаётан муҳим бошад, пас, мавзуи фаҳмиши тавзеҳкунанда лаҳзаи пайванди аҳамият ва маънӣ, ягона ва саросарӣ, ягонагии тимсол ва мафҳум, яъне тимсоли ғанигардонидашуда бо фикр мебошад»* [103, с. 24]. Барои фаҳмиши тавзеҳкунанда вижагиҳои умуман ба ҳар гуна фаъолиятҳои фикрӣ хосбуда мансубанд. Фаъолияти тафсирӣ ба мисли навъҳои дигари тафаккур дар заминаи мафҳумҳои хулосашуда ва образҳои таҷридӣ ва аёнии ҳиссӣ анҷом дода мешавад.

Тавре ки С.Л. Рубинштейн менависад: *«тимсол ба раванди тафаккур ворид гардида, худ ба зеҳният табдил меёбад. Вазифае, ки дар раванди тафаккур иҷро менамояд, аҳамияти ҷамъбастшуда, ки он ҳомили ҳиссиётии он шуморида мешавад, худи муҳтавои ҳиссиётии онро дигаргун месозад; он гӯё ба сайқалдиҳии муайян дучор мегардад, дар мадди назар хусусиятҳои бо аҳамият вобастаи он намоён мешаванд, хусусиятҳои начандон муҳими он маҳв мегарданд»* [102, С. 101-109].

Ба раванди фаҳмиши тавзеҳкунанда амалиёти асосии фаъолияти тафаккур хос мебошанд. Масалан, дар ҷараёни тафсир таҳлили донишҳои азхудкардашуда гузаронида мешавад, ки баъдан дарёфтан, фарогирӣ ва азхудкунии маъноҳо онро ҳамроҳӣ мекунанд.

Л.В. Саидова заминаҳои ба ҳам пайвастани фаъолияти педагогӣ ва эҷодиётро, ки метавонанд ҳамчун асоси тафсири герменевтикӣ хидмат намоянд, чунин муайян мекунад: «фаъолияти педагогӣ ва эҷодиёт дар асоси заминаҳои умумии маъноӣ ва арзишӣ ба ҳам мепайванданд, ки ин пайванд механизми асосии тафсири герменевтикӣ дар раванди таълим мебошад» [Саидова, Л.В. Герменевтический подход в педагогической деятельности. - Душанбе: Дониш, 2015. - С. 24]:

- парадигмаи муҳаббат, ки бо мафҳумҳои герменевтикии «ҳаёт» ва «ҳастӣ» вобаста мебошад;

- ассотсиатсиянокӣ ва тимсол, ки имкон медиҳад муносибатҳо ва хосиятҳои ногаҳонии падидаҳои педагогии омӯхташаванда ошкор карда шаванд ва ҳамчун катализатори тафаккури латералӣ ва эҷодиёт хидмат кунанд;

- салоҳиятмандии фаҳмиши эҷодии падидаҳои дарёфтшаванда;

- дарки пурраи мавзуи мавриди фаҳмиш қароргирифта, нигоҳи рассом, антисипатсия ва вокуниш;

- кӯшиш барои камолот, ба матраҳ намудани ҳадафҳои педагогӣ, самтгирӣ барои расидан ба ормон ва доштани ниятҳои устувори педагогӣ.

Амалисозии амсилаи пешниҳодшуда дар раванди таълим тавассути фаъолияти мушаххаси омӯзгор ва донишҷӯ дар доираи тафсири герменевтикии матни таълимӣ амалӣ мегардад. Дар ҳар як марҳила шакл ва мазмуни фаъолияти маърифатӣ тағйир ёфта, ба рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ мусоидат мекунад.

1. *Марҳилаи дарки ибтидоии матн*

Омӯзгор матнро пешниҳод намуда, диққати донишҷӯёнро ба мазмуни умумӣ равона месозад.

- Натиҷа: дарки ибтидоӣ ва фаъолшавии таваҷҷуҳ

*2. Марҳилаи таҳлили маъно*

Донишҷӯён унсурҳои асосӣ ва робитаҳои маъноиро муайян менамоянд.

- Натиҷа: рушди таҳлил

*3. Марҳилаи тафсири маъноҳо*

Донишҷӯён маъноҳои гуногунро шарҳ медиҳанд ва муҳокима мегузаронанд.

- Натиҷа: ташаккули чанддидгоҳӣ

*4. Марҳилаи муқоисаи мавқеъҳо*

Андешаҳо муқоиса шуда, мавқеъҳои гуногун таҳлил мегарданд.

- Натиҷа: тафаккур ва салоҳият

*5.Марҳилаи рефлексия ва арзёбӣ*

Донишҷӯён фаъолияти худро таҳлил ва хулоса мекунанд.

- Натиҷа: худшиносӣ ва фикррονии интиқодӣ

Дар маҷмӯъ, механизми пешниҳодшуда на танҳо раванди дарк ва тафсири матнро таъмин менамояд, балки ба ташаккули тафаккур ва салоҳияти касбӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти маърифатии фаъол ва муколимавӣ мусоидат мекунад, ки ин яке аз шартҳои асосии омодасозии омӯзгорони муосир ба ҳисоб меравад.

**Хулосаи боби дуюм**

Дар боби дуюм масъалаҳои методика ва модели инкишофи тафаккур ва салоҳияти касбӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд.

Дар параграфи 2.1 муайян карда шуд, ки истифодаи усулҳо ва шаклҳои таҳлил, тафсир ва эҷоди матнҳои таълимӣ ҳамчун воситаи муҳими омодасозии омӯзгорони забони англисӣ баромад мекунад. Нишон дода шуд, ки фаъолияти пайдарпайи таҳлилӣ, муқоисавӣ ва эҷодӣ дар кор бо матн имкон медиҳад, ки донишҷӯён маъноҳоро дар сатҳҳои гуногун дарк намуда, қобилияти баёни мустақил ва тафсири инфиродиро инкишоф диҳанд.

Дар параграфи 2.2 имкониятҳои дидактикии матнҳои таълимӣ таҳлил гардида, асоснок карда шуд, ки матн ҳамчун воситаи таълимӣ метавонад муҳити муколимавӣ ва маърифатиро фароҳам оварда, ба рушди тафаккури бисёрҷанбаи педагогӣ мусоидат намояд. Муайян гардид, ки истифодаи усулҳои таҳлил, муқоиса, тафсир ва рефлексия дар раванди кор бо матн ба ташаккули қобилияти баррасии масъалаҳо аз нуқтаҳои назари гуногун ва қабули қарорҳои чандвариантӣ замина мегузорад.

Дар параграфи 2.3 амсилаи рушди тафаккури бисёрҷанбаи педагогӣ дар асоси тафсири герменевтикии матни таълимӣ таҳия ва пешниҳод гардид. Нишон дода шуд, ки герменевтика ҳамчун асоси методологӣ имкон медиҳад, ки раванди дарк, тафсир ва тавлиди маъноҳо ба таври низомнок ташкил

карда шавад. Ба таркиби амсила сохтор (матн, донишҷӯ, маъно, натиҷа), компонентҳо (когнитивӣ, арзишӣ, рефлексивӣ, коммуникативӣ) ва механизмҳои амалисозӣ (таҳлил, тафсир, муқоиса, муколама ва рефлексия) дохил мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар боби мазкур исбот гардид, ки истифодаи методии матнҳои таълимӣ дар якҷоягӣ бо равиши герменевтикӣ метавонад ҳамчун механизми муассири рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ хизмат намояд. Ташкили фаъолияти таълимӣ дар асоси кор бо матн имкон медиҳад, ки донишҷӯён на танҳо маъноҳоро дарк намоянд, балки онҳоро таҳлил, муқоиса ва ба таври мустақил тавлид намуда, ба фаъолияти касбии оянда омода гарданд.

# БОБИ 3. ТАШКИЛ ВА НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ТАҶРИБАВӢ

## 3.1. Методика ва марҳилаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ

Методикаи тадқиқоти таҷрибавӣ ба санҷиши фарзияи таҳқиқот, ки рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ (ТСК)-ро ҳамчун натиҷаи ташкил ва татбиқи фаъолияти маъноофар ва таҳлилӣ дар раванди таълим баррасӣ менамояд, равона гардидааст. Асоси методологии таҳқиқ ба равиши герменевтикӣ такя намуда, таҳлили матни педагогиро ҳамчун воситаи рушди тафаккури таҳлилӣ ва рефлексивӣ истифода мебарад. Тавре ки таъкид мешавад, «тафсири матн имкон медиҳад, ки маъноҳои пинҳонии фаъолияти педагогӣ ошкор карда шаванд» [10, с. 85].

Дар доираи татбиқи методика, маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва эмпирикӣ истифода гардиданд, ки ба арзёбии ҳамаҷонибаи сатҳи рушди тафаккури таҳлилӣ-эҷодии педагогӣ мусоидат менамоянд. Ба гурӯҳи усулҳои назариявӣ таҳлили адабиёти илмӣ, муқоиса ва умумисозии натиҷаҳои таҳқиқот дохил мешаванд, дар ҳоле ки усулҳои эмпирикӣ мушоҳида, пурсиш, санҷиш (тест) ва таҳлили маҳсулоти фаъолияти донишҷӯёнро дар бар мегиранд. Тавре ки таъкид мегардад, «интихоби усулҳои таҳқиқот бояд ба табиати объекти омӯзиш мутобиқ бошад» [Бабанский, 1982, с. 87], ки зарурати истифодаи равиши комплексиро асоснок менамояд.

Интихоби чунин маҷмӯи усулҳо бо зарурати фарогирии табиати мураккаби фаъолияти маърифатӣ асоснок гардида, имкон медиҳад, ки раванди рушди тафаккур ҳамчун низоми ҳамгирои ҷанбаҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва рефлексивӣ баррасӣ гардад. Ба андешаи В.И. Андреев, «самаранокии таҳқиқот дар ҳолате таъмин мегардад, ки усулҳои гуногун ба таври ҳамгиро истифода шаванд» [14, с. 145], ки ин нукта ба интихоби методологии таҳқиқи мазкур мувофиқат мекунад.

Ҳамзамон, И.А. Зимняя қайд менамояд, ки «арзёбии фаъолияти маърифатӣ бояд ба маҷмӯи нишондиҳандаҳои гуногун такя намояд» [49, с. 210], ки ин зарурати истифодаи усулҳои эмпирикиро дар баробари таҳлили назариявӣ тасдиқ мекунад. Тавре ки Л.С. Виготский таъкид менамояд,

«рушди қобилиятҳои зеҳнӣ дар раванди фаъолияти фаъол ва ҳамкории иҷтимоӣ ба амал меоянд» [Выготский, 1934, с. 56], ки ин аҳамияти истифодаи усулҳои фаъол ва муколимавиро дар раванди таҳқиқ боз ҳам тақвият медиҳад.

Илова бар ин, ба андешаи С.Л. Рубинштейн, «тафаккур ҳамчун раванди зеҳнӣ ҳамеша бо фаъолияти амалӣ ва таҷрибаи субъект алоқаманд мебошад» [Рубинштейн, 2003, с. 128], ки ин зарурати пайвастани усулҳои назариявӣ ва амалӣ (эмпирикӣ)-ро дар таҳқиқ нишон медиҳад. Аз ин рӯ, татбиқи комплексии усулҳои таҳқиқот имконият медиҳад, ки раванди омӯзиш ва рушди тафаккур ба таври илмӣ асоснок, системавӣ ва боэътимод арзёбӣ карда шавад.

Тадқиқоти таҷрибавӣ дар заминаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон (ДДОТ) ва Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон (ДБДЗТ) бо ҷалби 300 нафар донишҷӯ дар солҳои таҳсили 2023–2024 гузаронида шуд. Дар раванди таҷриба донишҷӯён ба фаъолияти таҳлилӣ, тафсирӣ ва ҳалли вазъиятҳои педагогӣ ҷалб гардиданд.

**Марҳилаҳои тадқиқот**

Тадқиқот дар се марҳилаи асосӣ амалӣ карда шуд: констатсионӣ, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ. Дар марҳилаи аввал сатҳи ибтидоии рушди ТСК муайян карда шуда, дар марҳилаи дуюм методикаи таҳияшуда татбиқ гардид. Марҳилаи сеюм барои муқоисаи натиҷаҳо ва муайян намудани самаранокии таҷриба хизмат намуд.

**Методҳо ва воситаҳои тадқиқот**

Барои арзёбии ҷузъи маъноии ТСК аз методикаҳои психодиагностикӣ истифода гардид. Аз ҷумла, тести худмубрамсозӣ, ки мутобиқгардонидашудаи Personal Orientation Inventory мебошад, барои муайян намудани сатҳи худидоракунӣ ва рушди шахсият истифода шуд. Тавре ки Л.Я. Гозман қайд мекунад, «худмубрамсозӣ нишондиҳандаи асосии рушди шахсият ва фаъолияти маъноии он мебошад» [11, с. 47].

Методикаи тадқиқот дар асоси пайдарпайии зерин амалӣ гардид: ташхиси ибтидоӣ, татбиқи супоришҳои таҳлилӣ ва тестӣ, арзёбӣ аз рӯйи меъёрҳои муайяншуда ва таҳлили натиҷаҳо.

Ҳамзамон, методикаи маъноҳои ҳаёт (СМҲ) ва методикаи маъноҳои интиҳоӣ (ММИ)-и Д.А. Леонтев татбиқ гардиданд. Ба гуфтаи ӯ, «маъноҳои ҳаёт сохтори марказии танзими фаъолияти шахсиятро ташкил медиҳанд» [73, с. 102]. Ин усулҳо имкон доданд, ки на танҳо сатҳи зоҳирии фаъолияти фикрӣ, балки ангезаҳои амиқи маънофар муайян карда шаванд.

Барои арзёбии ҷузъи коммуникативӣ методикаи ташхиси қобилияти эмпатия истифода гардид. Чунон ки В.В. Бойко таъкид менамояд, «эмпатия ҳамчун механизми асосии дарки дигарон дар фаъолияти педагогӣ баромад мекунад» [13, с. 63].

**Нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои арзёбӣ**

Дар раванди таҳқиқ се гурӯҳи нишондиҳандаҳо муайян карда шуданд: ҷузъи маъноӣ, фаъолиятӣ ва коммуникативӣ. Аз рӯйи ин нишондиҳандаҳо сатҳи рушди ТСК ба се дараҷа – паст, миёна ва баланд – ҷудо карда шуд.

Барои сабти ҷузъи фаъолиятӣ усули таҳлили вазъиятҳои проблемавии педагогӣ истифода гардид. Тавре ки дар таҳқиқотҳои педагогӣ зикр мешавад, «тафаккури педагогӣ пеш аз ҳама дар сифати ҳалли вазъиятҳои проблемавӣ зоҳир мегардад» [44, с. 208]. Ба донишҷӯён вазъиятҳои гуногун пешниҳод гардида, роҳҳои ҳалли онҳо аз рӯйи дараҷаи асосноккунӣ ва мутобиқат ба ҳадафҳои педагогӣ таҳлил карда шуданд.

Барои муайян намудани сатҳи фаҳмиши вазъият, ба консепсияи В.П. Зинченко такя карда шуд. Ӯ се дараҷаи фаҳмишро ҷудо менамояд: табиӣ, фарҳангӣ ва эҷодӣ. Ба гуфтаи ӯ, *«... фаҳмиши эҷодӣ имкон медиҳад, ки субъект вазъиятро дар сатҳи амиқи маъноӣ ва фарҳангӣ дарк намояд»* [50, с. 74].

Дар сатҳи табиӣ омӯзгор асосан ба таҷрибаи шахсӣ такя мекунад, дар сатҳи фарҳангӣ донишҳои педагогиро истифода мебарад, ва дар сатҳи эҷодӣ

қодир аст вазъиятро ба таври системавӣ ва бо дарназардошти арзишҳои шахсӣ таҳлил намояд.

Ҳамин тариқ, истифодаи маҷмӯи методҳои гуногун имкон дод, ки раванди рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ ба таври системавӣ арзёбӣ гардида, натиҷаҳои миқдорӣ ва сифатӣ ба даст оварда шаванд. Дар асоси ин маълумоти миқдорӣ ва сифатӣ, ки дар раванди таҳқиқ ба даст оварда шуданд, имкон пайдо гардид, ки сатҳи рушди ҷузъи фаъолиятии тафаккур ва салоҳияти касбӣ ба таври мушаххас гурӯҳбандӣ ва тавсиф карда шавад.

Дар асоси таҳлили маълумоти бадастомада се дараҷаи рушди ҷузъи фаъолиятии ТСК муайян карда шуд. Дараҷаи паст бо истифодаи қолабии усулҳо ва маҳдуд будани таҳлили вазъият тавсиф мешавад, ки дар он омӯзгор наметавонад роҳи ҳалли худро бо ҳадафҳои умумии педагогӣ мутобиқ созад. Дараҷаи миёна бо пайдоиши унсурҳои таҳлил ва қобилияти пайваст намудани вазъиятҳои гуногун муайян мегардад, ки имкон медиҳад қарорҳои нисбатан мувофиқ қабул карда шаванд. Дараҷаи баланд бошад, бо фаҳмиши системавии вазъият, истифодаи тамоми функсияҳои фаъолияти педагогӣ ва қобилияти қабули қарорҳои чандвариантӣ тавсиф мешавад, ки дар он омӯзгор вазъиятро дар робита бо ҳадафҳои таълим ва рушди шахсият арзёбӣ менамояд.

Барои арзёбии ҷузъи нақшӣ-коммуникативии ТСК таваҷҷуҳи махсус ба қобилияти эмпатии иштирокчиён дода шуд. Бо ин мақсад, методикаи ташхиси қобилияти эмпатия (В.В. Бойко) истифода гардида, натиҷаҳо бо маълумоти таҳлили корҳои хаттии эҷодӣ муқоиса карда шуданд. Ин имкон дод, ки дараҷаи дарки мавқеи дигарон, қобилияти ҳамкорӣ ва муносибати субъектӣ дар низоми «омӯзгор–донишҷӯ» муайян карда шавад. Ҳамзамон, пуррагии тасвири вазъияти педагогӣ ва ҳузури мавқеъҳои гуногуни арзишӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои иловагӣ ба назар гирифта шуданд.

Илова бар ин, барои баланд бардоштани эътимоднокии натиҷаҳо, усулҳои иловагӣ, аз ҷумла методикаҳои арзёбии рушди тафаккури педагогӣ ва фаросат истифода гардиданд, ки робитаи мустақими онҳо бо рушди

тафаккур ва салоҳияти касбӣ ба назар гирифта шуд. Ин усулҳо имкон доданд, ки натиҷаҳои бадастомада аз нуқтаи назари гуногун санҷида шуда, як манзараи мукаммали рушди ТСК ташаккул дода шавад.

Бо такя ба равиши А.И. Алиев, ки тафаккури педагогиро ҳамчун падидаи касбӣ аз нуқтаи назари дараҷаи дарку фаҳми воқеияти педагогӣ арзёбӣ мекунад, меъёрҳои иловагии таҳлил ворид карда шуданд. Аз ҷумла, дараҷаи рушди тафаккур аз рӯйи самтгирии ҳадафҳои педагогӣ, таваҷҷуҳ ба шахсияти донишҷӯ ва қобилияти ҳамоҳангсозии вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ муайян карда шуд. Дар ин замина, дараҷаи баланд бо мавҷудияти муносибати системавӣ ва эҷодӣ, дараҷаи миёна бо афзалияти қисман ҷанбаҳои таълимӣ ва дараҷаи паст бо маҳдуд будани фаҳмиши ҳадафҳои педагогӣ тавсиф гардид.

Ҳамин тариқ, истифодаи маҷмӯи методҳои гуногун имкон дод, ки маълумоти миқдорӣ ва сифатӣ оид ба рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ ба даст оварда шавад, ки барои таҳлили минбаъдаи натиҷаҳои таҷрибавӣ заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Бо мақсади такмил додани дақиқияти арзёбӣ, афзори махсус барои муайян намудани мувофиқати ҳалли вазъияти педагогии проблемавӣ истифода гардид. Тавре ки дар таҳқиқотҳои муосир таъкид мешавад, «вазъияти педагогӣ ҳамчун воҳиди ибтидоии воқеияти педагогӣ метавонад ҳамчун асоси таҳлили фаъолияти омӯзгор хизмат намояд» [44, с. 208]. Дар ин замина, ба донишҷӯён вазъиятҳои интихобшуда аз адабиёти педагогӣ пешниҳод гардида, онҳо вазифадор буданд роҳи ҳалли онҳоро бо асосноккунии мантиқӣ пешниҳод намоянд.

Сабти ҷанбаҳои объективии вазъият, дараҷаи дарки онҳо ва хусусияти роҳи ҳалли пешниҳодшуда имкон дод, ки маълумоти миқдорӣ новобаста аз хусусиятҳои инфиродии иштирокчиён ба даст оварда шавад. Дар баробари ин, таҳлили мазмунӣ ва маъноии ҷавобҳо ҳамчун манбаи маълумоти сифатӣ истифода гардид, ки муқоисаи онҳо ба ҳалли вазифаҳои таҳқиқ мусоидат намуд. Чунон ки дар таҳқиқотҳои равоншиносӣ зикр мегардад, «...

*тафаккури педагогӣ пеш аз ҳама дар сифати қабули қарорҳо дар вазъиятҳои проблемавӣ ифода меёбад»* [52, с. 109].

Барои мо сабти зуҳури тафаккур ва салоҳияти касбӣ ҳамчун низоми фаъолиятӣ аҳамияти калидӣ дошт, зеро ТСК тамоми фаъолияти омӯзгорро танзим менамояд. Он бо шаклҳои гуногуни дарки воқеияти педагогӣ, аз ҷумла таҳлили вазъиятҳои проблемавӣ ва тафсири матни педагогӣ, зич алоқаманд мебошад. Дар асоси таҳқиқоти назариявӣ муайян гардид, ки нишондиҳандаҳои асосии ТСК аз ҷумла дараҷаи маъноҳои педагогӣ, муносибат ба вақт, функсияҳои фаъолияти педагогӣ, эмпатия ва ҳадафҳои арзиширо дар бар мегиранд.

Дар марҳилаи аввалии озмоиш дараҷаи фаҳмиши вазъият ва мувофиқати роҳи ҳалли он арзёбӣ карда шуд. Ин раванд имкон дод, ки робитаи байни натиҷаҳои бадастомада ва сатҳи умумии рушди тафаккури педагогии иштирокчиён муайян карда шавад. Бо ин мақсад, таснифи вазъиятҳои проблемавии педагогӣ бо такя ба корҳои К.В. Капранчикова мутобиқ карда шуд.

Дар доираи таҳқиқ вазъиятҳои педагогӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шуданд: банақшагирӣ, иртибототӣ, ташкилӣ, гностикӣ ва вокунишӣ. Ин гурӯҳбандӣ имкон дод, ки фаъолияти омӯзгор аз нуқтаи назари функсионалӣ таҳлил карда шавад ва ҳар як навъи вазъият ҳамчун нишондиҳандаи алоҳидаи рушди тафаккур баррасӣ гардад. Бо вуҷуди ин, бояд қайд намуд, ки дар фаъолияти воқеӣ вазъиятҳо хусусияти комплексӣ дошта, ҳамзамон якчанд функсияҳоро дар бар мегиранд.

Барои арзёбии сатҳи мураккабии вазъият ва сифати ҳалли онҳо меъёрҳои мушаххас истифода гардиданд. Аз ҷумла, дараҷаи проблеманокӣ (шиддати тазодҳо), динамикӣ будан (омили вақт) ва дараҷаи муайянӣ (ҳаҷми иттилооти дастрас) ҳамчун параметрҳои асосии таҳлил қабул карда шуданд. Ин меъёрҳо имкон доданд, ки вазъиятҳо ба сатҳҳои гуногуни душворӣ ҷудо гардида, натиҷаҳо бо дақиқияти бештар арзёбӣ карда шаванд.

Дар таҳқиқ муайян гардид, ки сифати ҳалли вазъиятҳои педагогӣ бевосита ба сатҳи фаҳмиши онҳо вобаста мебошад. Дар ин замина, бо такя ба консепсияи В.П. Зинченко, се дараҷаи фаҳмиш ҷудо карда шуд: табиӣ, фарҳангӣ ва эҷодӣ. Тавре ки ӯ қайд мекунад, *«... фаҳмиши эҷодӣ имконият медиҳад, ки субъект вазъиятро дар сатҳи амиқи маъноӣ ва фарҳангӣ дарк намояд»* [50, с. 109].

Дар сатҳи табиӣ омӯзгор асосан ба таҷрибаи шахсӣ такя намуда, қарорҳоро бе таҳлили амиқ қабул менамояд. Дар сатҳи фарҳангӣ, ӯ метавонад вазъиятро аз нуқтаи назари донишҳои педагогӣ шарҳ диҳад, аммо ин донишҳо на ҳамеша ба маъноҳои шахсӣ табдил меёбанд. Танҳо дар сатҳи эҷодӣ омӯзгор қодир аст, ки вазъиятро ба таври системавӣ ва бо дарназардошти арзишҳои шахсӣ ва касбӣ таҳлил намуда, қарорҳои оптималӣ қабул намояд.

Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки арзёбии мувофиқати роҳи ҳалли вазъиятҳои педагогӣ хусусияти нисбатан субъективӣ дорад, зеро он ба гуногунии тарзҳои тафсир, сатҳи омодагии касбӣ ва хусусиятҳои инфиродии тафаккури иштирокчиён вобаста мебошад. Тавре ки В.И. Загвязинский қайд менамояд, «қабули қарор дар фаъолияти педагогӣ ҳамеша дар шароити номуайянӣ ва гуногунии тафсирҳо сурат мегирад» [41, с. 208]. Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, маҷмӯи методҳо ва меъёрҳои арзёбӣ ба таври ҳамгиро истифода гардиданд, ки имкон медиҳанд натиҷаҳо аз чанд нуқтаи назар санҷида шаванд.

Бо дарназардошти ин, барои арзёбии дараҷаи фаҳмиши вазъиятҳои педагогӣ ва мувофиқати роҳи ҳалли онҳо низоми мушаххаси меъёрҳо таҳия карда шуд. Ин меъёрҳо имкон медиҳанд, ки раванди қабули қарорҳо на танҳо аз рӯйи натиҷаи ниҳоӣ, балки аз нуқтаи назари мантиқ, дараҷаи асоснокунӣ ва мутобиқат ба ҳадафҳои педагогӣ таҳлил карда шавад. Чунон ки В.П. Зинченко таъкид мекунад, *«... сатҳи фаҳмиш муайян мекунад, ки субъект то чӣ андоза метавонад вазъиятро дар сатҳи маъноӣ ва фарҳангӣ дарк намояд»* [50, с. 109].

**Меъёрҳои арзёбии фаҳмиши вазъиятӣ ва мувофиқати ҳалли он**

Дар сатҳи ибтидоӣ, ки бештар ба амалияи мустақим такя мекунад, нишондиҳандаҳои зерин истифода гардиданд:

- қобилияти фавран матраҳ намудани масъала дар вазъияти педагогӣ;
- қабули қарор дар муҳлати мувофиқ бо шароити вазъият;
- таъсири мусбати қарор ба фаъолияти донишҷӯён ва раванди таълим;
- қаноатмандии омӯзгор аз натиҷаи фаъолияти худ.

Ин меъёрҳо имконият медиҳанд, ки самаранокии амалии қарорҳо ва мутобиқати онҳо ба вазъияти воқеӣ муайян карда шавад.

Дар асоси ҷамъбасти баллҳо, сатҳи рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ муайян карда шуд: 0–3 балл - дараҷаи паст, 4–6 балл - дараҷаи миёна, 7-8 балл - дараҷаи баланд.

**Меъёрҳои фаҳмиши фарҳангии вазъият**

Дар сатҳи таҳлили амиқтар, ки бо истифодаи донишҳои педагогӣ алоқаманд аст, меъёрҳои зерин ба назар гирифта шуданд:

- қобилияти шарҳ додани ҳадафҳо ва вазифаҳои фаъолияти педагогӣ;
- истифодаи донишҳои назариявӣ ва таҷрибаи шахсӣ дар ҳалли масъала;
- ҳамгироии функсияҳои асосии фаъолияти педагогӣ дар раванди қабули қарор.

Тавре ки Д.А. Леонтев таъкид менамояд, «маъноҳои касбӣ ва шахсӣ танзимгари асосии фаъолияти инсон мебошанд» [12, с. 102], ки ин ҳолат дар сатҳи фарҳангии фаҳмиш пурра зоҳир мегардад.

**Меъёрҳои фаҳмиши эҷодии вазъият**

Барои муайян намудани сатҳи олии рушди тафаккури педагогӣ чунин нишондиҳандаҳо истифода гардиданд:

- мутобиқати қарор ба низоми арзишҳои педагогӣ;
- қобилияти бозсозии маъноӣ ва тағйир додани муносибат ба вазъият;
- пешниҳоди роҳҳои ҳалли ғайримуқаррарӣ ва эҷодӣ.

Ҳар як нишондиҳанда аз рӯйи шкалаи 0–2 балл арзёбӣ гардида, ҷамъбасти баллҳо барои муайян намудани сатҳи рушди ТСК (паст, миёна, баланд) истифода шуд.

Дар ин сатҳ, фаъолияти омӯзгор хусусияти эҷодкорона гирифта, қарорҳо бо назардошти на танҳо вазъияти ҷорӣ, балки бо дарки амиқи маъноҳои педагогӣ қабул карда мешаванд.

Дар асоси меъёрҳои зикршуда, механизми арзёбӣ таҳия гардид, ки мувофиқати роҳи ҳалли вазъиятро аз рӯйи миқдори нишондиҳандаҳои иҷроёфта муайян менамояд. Агар беш аз панҷ нишондиҳанда иҷро гардад, қарор ҳамчун комилан мувофиқ арзёбӣ мешавад; дар ҳолати иҷро шудани чор ё камтар нишондиҳанда, он ҳамчун номувофиқ ҳисобида мешавад. Ин равиш имкон медиҳад, ки арзёбӣ нисбатан объективӣ гардонида шуда, барои таҳлили муқоисавии натиҷаҳо истифода шавад.

**Дараҷаҳои рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ**

Дар асоси маълумоти миқдорӣ ва сифатии бадастомада, се дараҷаи рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ муайян карда шуд:

- **дараҷаи паст**, ки бо маҳдуд будани таҳлил, вобастагӣ ба қолабҳои омодашуда ва набудани робитаи равшан байни қарор ва ҳадафҳои педагогӣ тавсиф мешавад;

- **дараҷаи миёна**, ки бо пайдоиши унсурҳои таҳлил, муқоиса ва мутобиқсозии қисман муайян мегардад;

- **дараҷаи баланд**, ки бо фаҳмиши системавӣ, эҷодкорӣ ва қобилияти қабули қарорҳои чандвариантӣ тавсиф мешавад.

Ин тақсимбандӣ имкон медиҳад, ки динамикаи рушди тафаккури педагогӣ дар марҳилаҳои гуногуни таҷрибавӣ ба таври муқоисавӣ таҳлил карда шавад.

**Асоси методикӣ ва воситаҳои таҳқиқ**

Меҳвари методика дар он аст, ки сабти вазъиятҳои педагогӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо ҳамчун як гурӯҳи тағйирёбандаҳо, ва хусусиятҳои шахсӣ (тафаккур, эмпатия, муносибат ба вақт) ҳамчун гурӯҳи дуюм баррасӣ карда

мешаванд. Таҳлили робитаи байни ин ду гурӯҳ имкон медиҳад, ки механизмҳои дохилии рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ муайян карда шаванд.

Ба сифати методҳои асосии таҳқиқ методикаи тафсирӣ ва пурсишгузаронӣ истифода гардиданд. Методикаи тафсирӣ, ки ба таҳлили матнҳои педагогӣ асос ёфтааст, имкон медиҳад, ки *«... маъноҳои пинҳонии фаъолияти педагогӣ ва хусусиятҳои тафаккури омӯзгор ошкор карда шаванд»* [10, с. 85]. Пурсишгузаронӣ бошад, бо истифода аз тестҳо ва саволномаҳо, ҷанбаҳои пинҳонии сохтори маъноии шахсиятро муайян менамояд.

Илова бар ин, худмушоҳидакунӣ ҳамчун методи ёрирасон истифода гардид, ки ба таҳлили равандҳои дохилии фикрӣ, механизмҳои қабули қарор ва сатҳи худидоракунии фаъолияти педагогӣ мусоидат мекунад. Ин усул имкон медиҳад, ки маълумоти бадастомада пурратар гардида, ҷанбаҳои нозуки фаъолияти фикрии омӯзгор ба назар гирифта шаванд. Тавре ки дар таҳқиқотҳои психологии муосир таъкид мегардад, *«... худмушоҳидакунӣ воситаи муҳими ошкорсозии механизмҳои дохилии фаъолияти фикрӣ мебошад»* [52, с. 109].

Дар ҷараёни таҳқиқот, барои баланд бардоштани эътимоднокии натиҷаҳо, як қатор методҳои ёридиҳанда низ истифода гардиданд, аз ҷумла таҳлили ретроспективии вазъият, амсиласозӣ (моделсозии) вазъият, муқоисаи қарорҳои қабулшуда бо шароити воқеии педагогӣ ва муқоисаи вазъиятҳои пешниҳодшуда бо таҷрибаи шахсии донишҷӯён. Истифодаи чунин маҷмӯи методҳо имкон дод, ки раванди таҳлил на танҳо дар сатҳи тавсифӣ, балки дар сатҳи муқоисавӣ ва динамикӣ низ амалӣ карда шавад.

Ба тавсифи методҳо ва ҷараёни гузаронидани озмоиши муқарраркунанда таваҷҷуҳи махсус дода шуд. Фаъолияти таълимию маърифатӣ оид ба шарҳи матни педагогӣ дар машғулиятҳои семинарии фанни педагогика ташкил карда шуд. Ба донишҷӯён пораҳо аз матнҳои педагогӣ пешниҳод гардиданд, ки вазъиятҳои проблемавии воқеии

фаъолияти омӯзгориро дар бар мегирифтанд. Методикаи мазкур ба равиши герменевтикӣ такя намуда, имконият медиҳад, ки «тафсири матн ҳамчун воситаи ошкорсозии маъноҳои педагогӣ ва рушди тафаккури рефлексивӣ истифода гардад» [10, с. 85].

**Бо мақсади стандартизатсияи раванди арзёбӣ ва ба даст овардани маълумоти муқоисашаванда, супоришҳо дар шакли сохторёфта пешниҳод карда шуданд.**

**Намунаи супоришҳои ташхисӣ ва воситаҳои тестии арзёбӣ**

Бо мақсади стандартизатсияи раванди арзёбӣ, ба донишҷӯён супоришҳои зерин пешниҳод карда шуданд:

**1. Саволи таҳлилӣ (кушода):**

Мушкилоти асосии вазъияти пешниҳодшуда дар чӣ ифода меёбад ва кадом роҳи ҳалли педагогӣ метавонад самаранок бошад? Ҷавобро асоснок намоед.

**2. Саволи тестӣ:**

Дар ҳолати ба миён омадани ихтилоф байни донишҷӯён, кадом амал ба фаъолияти педагогии самаранок бештар мувофиқ аст?

A) Нодида гирифтани вазъият

B) Ҷазо додани иштирокчиён

C) Таҳлили сабабҳо ва ҷустуҷӯи роҳи ҳалли мушкилот

D) Вогузор намудани масъала ба худи донишҷӯён

Ҷавоби дуруст: **C**

**3. Саволи рефлексивӣ:**

Шумо дар чунин вазъият чӣ гуна амал мекардед ва чаро? Қарори худро бо арзишҳои педагогӣ асоснок намоед.

Арзёбӣ аз рӯйи пуррагии ҷавоб, дараҷаи таҳлил ва мутобиқат ба меъёрҳои педагогӣ амалӣ карда шуд.

Ҳар як ҷавоб аз рӯйи меъёрҳои муайяншуда аз 0 то 2 балл арзёбӣ гардида, ҷамъбасти онҳо барои муайян намудани сатҳи рушди тафаккури бисёрҷанбаи педагогӣ истифода шуд.

Ҷамъбасти баллҳо аз рӯйи ҳамаи нишондиҳандаҳо барои гузаронидани иштирокчиён ба дараҷаҳои паст, миёна ва баланд истифода гардид.

Дар доираи таҳқиқ, барои таъмини асоснокии интихоб, вазъиятҳо аз асари маъруфи педагогӣ - «Достони педагогӣ»-и А.С. Макаренко интихоб карда шуданд [92, с. 415]. Интихоби ин манбаъ бо он асоснок мегардад, ки асари мазкур ҳамчун намунаи классикии таҷрибаи педагогӣ дорои миқдори зиёди вазъиятҳои проблемавӣ мебошад. Тавре ки дар адабиёти педагогӣ зикр мегардад, «таҷрибаи Макаренко намунаи муваффақи ҳамгироии назария ва амал дар фаъолияти тарбиявӣ мебошад» [127, с. 256].

Интихоби матн бо як қатор омилҳо асоснок карда шуд. Аввалан, асар аз санҷиши замон гузашта, ҳамчун манбаи боэътимоди таҷрибаи педагогӣ эътироф гардидааст. Сониян, мазмуни он бо фаъолияти воқеии педагогӣ зич алоқаманд буда, имконият медиҳад, ки донишҷӯён вазъиятҳоро дар заминаи воқеӣ дарк намоянд. Севум, хусусиятҳои забонӣ ва семантикии матн, аз ҷумла образнокӣ ва гуногунқабатии маъноҳо, имконият медиҳанд, ки тафсири амиқ ва чандҷонибаи вазъият амалӣ карда шавад. Чорум, ғановати вазъиятҳои проблемавӣ ва гуногунии роҳҳои ҳалли онҳо заминаи мусоид барои рушди тафаккури эҷодӣ фароҳам меорад.

Бояд таъкид намуд, ки вазъиятҳо ба донишҷӯён бе шарҳи пешакӣ пешниҳод карда шуданд, то ки раванди тафсир хусусияти мустақил ва инфиродӣ дошта бошад. Барои ташкили фаъолияти таҳлилӣ, супоришҳо дар шакли саволҳои кушода пешниҳод гардиданд:

1. Кадом фикрҳо ё идеяҳо ҳангоми мутолиаи матн дар зеҳни шумо пайдо шуданд?

2. Чӣ гуна дарк ё муносибат нисбат ба вазъияти педагогӣ дар шумо ташаккул ёфт?

3. Оё дар вазъият ихтилоф вуҷуд дорад ва дар чунин ҳолат чӣ гуна бояд амал кард?

Ҷавобҳо аз ҷониби донишҷӯён ба таври хаттӣ пешниҳод гардида, барои иҷрои супориш 1 соат вақт ҷудо карда шуд. Ин шакли кор имкон дод,

ки раванди фикрии иштирокчиён бе таъсири омилҳои беруна сабт карда шавад ва натиҷаҳо хусусияти нисбатан объективӣ пайдо намоянд.

Ҷавобҳои бадастомада аз рӯйи меъёрҳои пешакӣ муайяншуда рамзгузорӣ (кодгузорӣ) гардида, ҳар як нишондиҳанда ба таври алоҳида арзёбӣ карда шуд.

Баъдан, матнҳои бадастомада - натиҷаҳои тафсир - аз рӯйи нақшаи муайян таҳлил карда шуданд. Таҳлил ба муайян намудани дараҷаи фаҳмиш, хусусияти қабули қарор, сатҳи асосноккунии ҷавобҳо ва мутобиқати онҳо ба ҳадафҳои педагогӣ равона гардид. Бо ин роҳ, имконият пайдо гардид, ки робитаи байни сифати тафсир ва сатҳи рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ ба таври мушаххас муайян карда шавад.

Таҳлил бо истифода аз усули таҳлили мундариҷавӣ (контент-анализ) амалӣ гардида, басомади зоҳиршавии нишондиҳандаҳо ва сатҳи мутобиқати онҳо ба меъёрҳои педагогӣ муайян карда шуд.

Тартиби коркарди натиҷаҳои истифодаи методикаи тафсирӣ дар озмоиши муқарраркунанда ба якчанд марҳила ҷудо карда шуд. Дар марҳилаи аввал, таваҷҷуҳ ба зоҳиршавии маъноҳои педагогӣ дар тафсири донишҷӯён равона гардид. Дар ин замина, муайян карда шуд, ки сатҳи рушди ҷузъи маъноии тафаккур вобаста ба он аст, ки иштирокчӣ то чӣ андоза метавонад маъноҳои педагогиро мустақилона ҷудо ва ба ҳадафҳои фаъолияти таълимӣ пайваст намояд. Чунон ки дар таҳқиқотҳои муосир таъкид мешавад, «маъноҳои педагогӣ ҳамчун танзимгари фаъолияти касбӣ баромад мекунанд» [12, с. 102].

Дар асоси ин, се сатҳи зоҳиршавии маъноҳои педагогӣ муайян карда шуд: сатҳи пурра (ҳузури якчанд маъноҳои педагогӣ ва пайвасткунии онҳо ба ҳадафҳои таълим), сатҳи қисман (ишора ба як маъно ва ҳузури ғайримустақими дигарҳо) ва сатҳи паст (набудани маъноҳои педагогӣ дар тафсир). Ин гурӯҳбандӣ имкон дод, ки дараҷаи дарки маъноии вазъият ба таври миқдорӣ ва сифатӣ арзёбӣ карда шавад.

Марҳилаи дуюм ба таҳлили нишондиҳандаи нақшии тафаккур ва салоҳияти касбӣ равона гардид. Дар ин ҷо, қобилияти донишҷӯён барои дарк намудани вазъият аз нуқтаи назари мавқеъҳои гуногун - омӯзгор, донишҷӯ ва муҳтавои таълим - арзёбӣ карда шуд. Тавре ки В.П. Зинченко қайд менамояд, «фаҳмиши воқеият танҳо дар ҳолати баррасии он аз чанд нуқтаи назар имконпазир мегардад» [51, с. 109]. Аз ин рӯ, ҳузури як, ду ё чанд мавқеи арзишманд ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи рушди ТСК қабул гардид.

Марҳилаи сеюм ба таҳлили ҷузъи фаъолиятмандии тафаккур равона гардид. Дар ин марҳила, таваҷҷуҳ ба он дода шуд, ки иштирокчӣ то чӣ андоза метавонад тамоми функсияҳои фаъолияти педагогиро (гностикӣ, коммуникативӣ, ташкилӣ, лоиҳавӣ ва рефлексивӣ) дар ҷавоби худ истифода намояд. Дар ҳолати зоҳиршавии ҳамаи функсияҳо ва ҳузури хулосаҳои педагогӣ, сатҳи баланд муайян карда шуд; дар ҳолати набудани таҳлили амиқ ва маҳдуд будани функсияҳо - сатҳи паст.

Бояд таъкид намуд, ки методикаи тафсирӣ дар таҳқиқ танҳо воситаи ягона набуд. Он ҳамзамон дар раванди дигар фаъолиятҳо, аз ҷумла бозии дидактикӣ, низ истифода гардид, ки имкон дод натиҷаҳо дар шароити гуногуни таълимӣ муқоиса карда шаванд. Ин равиш эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро баланд бардошт.

Барои намуна, дар таҳлил ҷавобҳое муайян гардиданд, ки сатҳи баланди рушди ҷузъи фаъолиятмандии ТСК-ро инъикос менамоянд. Дар чунин ҷавобҳо донишҷӯён на танҳо вазъиятро тавсиф мекунанд, балки кӯшиш менамоянд, ки онро аз нуқтаи назари илмии педагогика таҳлил намуда, роҳҳои гуногуни ҳалли онро пешниҳод намоянд. Дар баробари ин, онҳо маҳдудиятҳои усулҳои интихобшударо низ дарк мекунанд, ки ин нишонаи сатҳи баланди рефлексия мебошад.

Масалан, дар яке аз тафсирҳо иштирокчӣ вазъияти педагогиро на танҳо аз нуқтаи назари эҳсосӣ, балки аз мавқеи масъулияти касбӣ арзёбӣ намуда, кӯшиш мекунад, ки қарорҳои худро бо талаботи педагогӣ мутобиқ намояд.

Чунин навъи ҷавобҳо нишон медиҳанд, ки тафаккури педагогӣ аз сатҳи стихиявӣ ба сатҳи шуурона ва асоснок мегузарад.

Дар баробари ин, таҳлил нишон дод, ки дар сатҳҳои пасттар донишҷӯён бештар ба таҷрибаи шахсӣ такя намуда, на ҳамеша метавонанд қарорҳои худро бо ҳадафҳои умумии педагогӣ пайваст намоянд. Ин ҳолат бори дигар зарурати ташаккули мақсадноки тафаккур ва салоҳияти касбӣ тасдиқ мекунад.

Ҳамин тариқ, истифодаи методикаи тафсирӣ дар якҷоягӣ бо дигар усулҳои таҳқиқ имкон дод, ки на танҳо сатҳи рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ муайян карда шавад, балки механизмҳои дохилии ташаккули он низ ошкор гарданд, ки ин барои таҳлили минбаъдаи натиҷаҳои таҷрибавӣ аҳамияти калидӣ дорад.

**Дар доираи озмоиши муқарраркунанда (констатсионӣ) натиҷаҳои ибтидоӣ ба даст оварда шуданд, ки барои таҳияи марҳилаи минбаъдаи тадқиқот хизмат намуданд.**

Дар марҳилаи навбатии таҳлил, барои аниқ намудани сатҳи фаҳмиши вазъият, натиҷаҳои тафсир аз рӯйи дараҷаҳои муайяншуда гурӯҳбандӣ карда шуданд. Дар ин замина, ҳар як ҷавоб вобаста ба сатҳи фаҳмиши вазъият ба се гурӯҳ мансуб дониста шуд: вазъиятӣ, фарҳангӣ ва эҷодӣ. Ин гурӯҳбандӣ имкон дод, ки сифати тафсири пешниҳодшуда на танҳо аз рӯйи мазмун, балки аз рӯйи дараҷаи амиқии дарк арзёбӣ карда шавад.

Таҳлил нишон дод, ки дар ҳолатҳои дорои сатҳи фаҳмиши эҷодӣ, донишҷӯён кӯшиш менамоянд, ки вазъиятро аз чанд нуқтаи назар баррасӣ намуда, омилҳои гуногуни педагогиро ба назар гиранд. Дар чунин ҷавобҳо, ҳам усули педагогӣ, ҳам ҷанбаҳои ахлоқӣ ва ҳам шароити иҷтимоии иштирокчиён ба таври ҳамгиро таҳлил карда мешаванд. Чунин навъи тафсирҳо нишон медиҳанд, ки тафаккури педагогӣ аз сатҳи стихиявӣ ба сатҳи шуурона ва рефлексивӣ гузаштааст.

Барои мисол, дар таҳлили вазъияти марбут ба фаъолияти А.С. Макаренко, иштирокчиён на танҳо амалҳои муаллифро тавсиф мекунанд,

балки онҳоро аз нуқтаи назари мақсаднокӣ, таъсир ба тарбиягирандагон ва натиҷаҳои эҳтимолӣ арзёбӣ менамоянд. Дар баробари ин, пешниҳод намудани роҳҳои алтернативии ҳал низ ба назар мерасад, ки нишондиҳандаи сатҳи баланди фаъолияти эҷодии тафаккур мебошад. Тавре ки дар таҳқиқотҳои педагогӣ қайд мегардад, «қобилияти пешниҳод намудани якчанд роҳҳои ҳалли масъала нишонаи тафаккури эҷодӣ мебошад» [52, с. 109].

Марҳилаи минбаъда ба арзёбии дараҷаи проблеманокӣ, динамикӣ будан ва муайянӣ равона гардид. Ҳар як вазъият аз рӯйи ин се параметр таҳлил карда шуда, ба сатҳҳои паст, миёна ва баланд ҷудо гардид. Ин равиш имкон дод, ки мураккабии вазъият ва сатҳи мутобиқати қарорҳои пешниҳодшуда бо он дақиқтар муайян карда шавад.

Илова бар ин, барои муайян намудани мувофиқати роҳи ҳалли пешниҳодшуда, ҷавобҳо аз рӯйи меъёрҳои пешакӣ таҳияшуда таҳлил карда шуданд. Дар ҳолате, ки ҷавоб ба аксари меъёрҳо мувофиқат мекард, он ҳамчун комилан мувофиқ арзёбӣ гардид; дар ҳолати баръакс, он ҳамчун қисман ё номувофиқ муайян карда шуд. Ин равиш имкон дод, ки натиҷаҳои таҳқиқ хусусияти нисбатан объективӣ пайдо намоянд.

Дар раванди таҳлил, инчунин, зоҳиршавии тафаккури эҷодӣ тавассути нутқи иштирокчиён арзёбӣ карда шуд. Барои ин, нишондиҳандаҳое ба назар гирифта шуданд, ки истифодаи образҳо, маҷозҳо, истилоҳоти илмӣ ва ассотсиатсияҳоро дар бар мегиранд. Ҳузури чунин унсурҳо дар ҷавобҳо ҳамчун нишонаи фаъолияти фаъоли тафаккур ва қобилияти эҷодкорона арзёбӣ гардид.

Масалан, дар таҳлили вазъияти марбут ба фаъолияти театрӣ, донишҷӯён кӯшиш менамоянд, ки қарорҳои қабулшударо бо назардошти таъсири онҳо ба аудитория ва иштирокчиён асоснок намоянд. Дар чунин ҳолатҳо, на танҳо ҳалли мушкилот, балки идоракунии вазъият ва нигоҳ доштани муҳити мусоиди таълимӣ ба назар гирифта мешавад. Ин нишон

медиҳад, ки иштирокчиён ба фаҳмиши системавии фаъолияти педагогӣ наздик мешаванд.

Дар баробари ин, таҳлил нишон дод, ки дар баъзе ҳолатҳо донишҷӯён бештар ба эҳсосот ва таҷрибаи шахсӣ такя намуда, наметавонанд ҳамаи омилҳои вазъиятро ба таври комплексӣ ба назар гиранд. Ин ҳолат ба сатҳи паст ё миёнаи рушди тафаккури педагогӣ мувофиқат намуда, зарурати истифодаи методҳои махсуси рушддиҳандаро тасдиқ менамояд. Тавре ки таъкид мегардад, *«гузариш аз дарки эмотсионалӣ ба таҳлили мантиқӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими рушди тафаккур мебошад»* [101, с. 214], ки ин натиҷаҳои бадастомадаро аз нуқтаи назари назариявӣ асоснок менамояд.

Ҳамзамон, ба андешаи Л.С. Виготский, сатҳи рушди фаъолияти маърифатӣ аз қобилияти субъект барои таҳлил, муқоиса ва умумисозии вазъиятҳо вобастагии мустақим дорад [28, с. 56], ки дар ҳолати мазкур маҳдуд будани ин қобилиятҳоро дар қисми донишҷӯён нишон медиҳад. Аз ин рӯ, истифодаи методҳои фаъол, проблемавӣ ва рефлексивӣ ҳамчун воситаи рушди тафаккури таҳлилӣ-эҷодӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Ҳамин тариқ, таҳлили натиҷаҳои бадастомада нишон дод, ки дар аксарияти донишҷӯён тафаккур ва салоҳияти касбӣ дар дараҷаҳои паст ва миёнаи рушд қарор дорад. Натиҷаҳои таҳлили методикаи тафсирӣ ва тестҳои истифодашуда низ ин ҳолатро тасдиқ намуда, нишон медиҳанд, ки маъноҳои педагогӣ дар сохтори маъноии шахсият пурра ташаккул наёфтаанд ва тафсири вазъиятҳо бештар аз нуқтаи назари як субъект амалӣ мегардад.

Дар як қатор ҳолатҳо, донишҷӯён ҳангоми таҳлили вазъиятҳои педагогӣ бештар ба таҷрибаи шахсӣ ва ҳолатҳои эҳсосӣ такя намуда, робитаи онҳоро бо ҳадафҳои умумии фаъолияти педагогӣ ба таври пурра нишон дода наметавонанд. Масалан, дар тафсири баъзе порчаҳо аз «Достони педагогӣ»-и А.С. Макаренко донишҷӯён бештар ба тавсифи рафтори қаҳрамонҳо маҳдуд гардида, ҷанбаҳои тарбиявӣ ва маъноии вазъиятро ба таври амиқ таҳлил накардаанд.

Дар баробари ин, дар баъзе ҷавобҳо унсурҳои таҳлил ва кӯшиши пайваст намудани вазъият ба донишҳои педагогӣ мушоҳида гардиданд. Донишҷӯён дар чунин ҳолатҳо кӯшиш менамоянд, ки амалҳои иштирокчиёни вазъиятро аз нуқтаи назари ҳадафҳои таълим ва тарбия арзёбӣ намоянд, ҳарчанд чунин таҳлилҳо аксаран нопурра ва якҷониба мебошанд.

Ҷавобҳое, ки сатҳи нисбатан баландтари рушди тафаккурро нишон медиҳанд, дорои хусусияти системавӣ буда, дар онҳо донишҷӯён вазъиятро аз чанд нуқтаи назар баррасӣ намуда, роҳҳои гуногуни ҳалли онро пешниҳод мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо, ҳамгироии ҷузъҳои маъноӣ, нақшӣ ва фаъолиятӣ мушоҳида мегардад, ки ба рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ ишора мекунад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои нақшӣ нишон дод, ки аксарияти донишҷӯён вазъиятро асосан аз мавқеи як субъект баррасӣ намуда, камтар ба мавқеъҳои дигар иштирокчиёни раванди таълим таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки қобилияти дидани вазъият аз нуқтаи назари гуногун ҳанӯз пурра ташаккул наёфтааст.

Дар навбати худ, таҳлили ҷузъи фаъолиятӣ нишон дод, ки дар ҷавобҳои донишҷӯён бештар функсияҳои иртибототӣ ва ташкилӣ зоҳир мегарданд, дар ҳоле ки функсияҳои гностикӣ ва рефлексивӣ камтар инъикос меёбанд. Ин ба он ишора мекунад, ки фаъолияти таҳлилӣ ва худбаҳодиҳии педагогӣ ҳанӯз ба сатҳи зарурӣ нарасидааст.

Натиҷаҳои тестҳои психодиагностикӣ низ бо маълумоти бадастомада мутобиқат доранд. Аз ҷумла, нишондиҳандаҳои марбут ба маъноҳои ҳаётӣ ва худидоракунӣ дар қисми назарраси донишҷӯён дар сатҳи миёна ё паст қарор доранд. Пурсишномаҳо нишон доданд, ки муносибати донишҷӯён ба вақт бештар хусусияти вазъиятӣ ва ангезавӣ дошта, ҳамчун арзиши маъноӣ пурра дарк намешавад.

Илова бар ин, натиҷаҳои таҳлили корти фарҳанги инфиродии омӯзгор нишон доданд, ки донишҷӯён сатҳи рушди баъзе сифатҳои касбиро ҳамчун

нокифоя арзёбӣ менамоянд, ки ин ба зарурати ташаккули мақсадноки онҳо ишора мекунад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда нишон медиҳанд, ки рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ дар донишҷӯён ба тадбирҳои махсуси педагогӣ ниёз дорад. Дар ин замина, зарурати рушди ҷузъи маъноӣ, тақвияти қобилияти таҳлил ва ташаккули малакаҳои рефлексивӣ ва эҷодии фаъолияти педагогӣ равшан мегардад.

Ин ҳолатҳо ҳамчун асос барои муайян намудани самтҳои асосии марҳилаи минбаъдаи таҳқиқ хизмат намуда, татбиқи усулҳои мақсадноки рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ дар шароити таълим пешбинӣ менамоянд.

Ҳамин тариқ, методикаи пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки раванди қабули қарор дар вазъиятҳои педагогӣ дар асоси нишондиҳандаҳои мушаххас, меъёрҳои ченшаванда ва тартиби дақиқи арзёбӣ ба таври миқдорӣ ва сифатӣ таҳлил гардида, сатҳи рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ муайян карда шавад.

### 3.2. Нишондиҳандаҳо, меъёрҳо ва сатҳҳои арзёбии рушди тафаккури ва салоҳияти касбии омӯзгорони оянда

Муҳтавои кори таҷрибавию озмоишӣ ба эҷод ва татбиқи методикаи рушди тафаккури таҳлилӣ-эҷодии педагогӣ равона гардида, дар он на танҳо муҳтаво, технология (методҳо, воситаҳо ва шаклҳои ташкилӣ), балки шароити амалишавии он низ ба таври системавӣ муайян карда мешаванд. Тавре ки таъкид мегардад, «самаранокии раванди таълим аз ҳамоҳангии ҳадаф, мазмун ва технология вобастагии мустақим дорад» [20, с. 102], дар ҳоле ки, ба андешаи В.И. Андреев, «татбиқи усулҳои гуногун дар як низоми ягона шарти муҳими самаранокии методика мебошад» [14, с. 128], ки зарурати тарҳрезии комплексии методикаро асоснок менамояд.

Дар баробари ин, барои таъмини эътимоднокии натиҷаҳо, муайян намудани нишондиҳандаҳо, меъёрҳо ва сатҳҳои арзёбии рушди тафаккур

аҳамияти калидӣ дорад. Ба андешаи И.А. Зимняя, «арзёбии фаъолияти маърифатӣ бояд ба системае аз нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдорӣ такя намояд» [49, с. 142], дар ҳоле ки С.Л. Рубинштейн таъкид менамояд, «тафаккур ҳамчун раванди зеҳнӣ дар фаъолияти воқеӣ ва таҷрибаи субъект ташаккул меёбад» [102, с. 68], ки ин зарурати ҳамгироии арзёбии назариявӣ ва амалӣ (эмпирикӣ)-ро тасдиқ мекунад.

Ҳамзамон, Л.С. Виготский қайд менамояд, ки «рушди қобилиятҳои зеҳнӣ дар раванди фаъолияти фаъол ва ҳамкории иҷтимоӣ ба амал меояд» [28, с. 56], ки ин аҳамияти истифодаи усулҳои фаъол ва рефлексивиро дар таҷрибаи педагогӣ боз ҳам тақвият медиҳад. Ба ҳамин маънӣ, тавре ки ишора мегардад, «фаъолияти таълимӣ бояд шароити маъноофарӣ ва иштирокчии фаъол будани донишҷӯро таъмин намояд» [48, с. 58], ки ин ба тарҳрезии муҳити таълимии муосир мутобиқат мекунад.

Аз ин рӯ, дар доираи кори таҷрибавӣ на танҳо ташкили раванди таълим, балки таҳияи системаи арзёбӣ, ки сатҳҳои рушди қобилияти таҳлилӣ, муқоисавӣ ва эҷодии донишҷӯёнро инъикос менамояд, ҳамчун унсури ҷудонашавандаи методика баррасӣ мегардад. Ҳамин тавр, тарҳрезии методикаи таҷрибавӣ дар асоси ҳамгироии муҳтаво, технология ва механизмҳои арзёбӣ имкон медиҳад, ки раванди рушди тафаккур ба таври илмӣ асоснок, пайгирона ва натиҷабахш амалӣ гардад [14; 51]. Муҳтавои рушди тафаккури таҳлилӣ-эҷодии педагогӣ, ки дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ба ташаккули заминаҳо ва механизмҳои равонӣ ва педагогии он равона шуда, бо такя ба натиҷаҳои марҳилаи сабтии кори таҷрибавию озмоишӣ (КТО) асоснок карда мешавад. Тавре ки таъкид мегардад, «марҳилаи ташхисӣ барои муайян намудани нишондиҳандаҳои воқеии рушд аҳамияти калидӣ дорад» [20, с. 118], ки ин зарурати такя ба натиҷаҳои эмпирикиро дар таҳияи меъёрҳо ва сатҳҳои арзёбӣ асоснок менамояд. Дар ин замина, муҳтавои рушди тафаккури таҳлилӣ-эҷодии педагогӣ, ки дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ба ташаккули заминаҳо ва механизмҳои равонӣ ва педагогии он равона карда шудааст.

Натиҷаҳои марҳилаи сабтии кори таҷрибавию озмоишӣ (КТО) имконият доданд, ки ин заминаҳо ба таври мушаххас муайян гардида, ҳамчун асоси илмии таҳияи нишондиҳандаҳо, меъёрҳо ва сатҳҳои арзёбии рушди тафаккур истифода шаванд.

Муҳтавои рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ, ки дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ба ташаккули заминаҳо ва механизмҳои равонӣ ва педагогии он равона шудааст. Натиҷаҳои марҳилаи сабтии кори таҷрибавию озмоишӣ (КТО) барои муайян намудани ин заминаҳо ҳамчун асоси таҳияи нишондиҳандаҳои арзёбӣ хизмат намуданд.

Ба ҳайси нишондиҳандаҳои рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ чунин унсурҳо муайян карда шуданд:

- қобилияти дарк ва тафсири маъноҳои гуногуни вазъиятҳои педагогӣ;
- рушди тафаккури таҳлилӣ ва синтетикӣ дар ҳалли масъалаҳои педагогӣ;
- сатҳи ташаккули эмпатия ва муносибати маъноофарона нисбат ба фаъолияти таълимӣ;
- қобилияти қабули қарорҳои чандвариантӣ дар шароити мураккаби педагогӣ;
- дараҷаи рефлексия ва худбаҳодиҳии фаъолияти касбӣ.

Меъёрҳои арзёбии рушди ТБП дар асоси сифати зоҳиршавии нишондиҳандаҳои зикршуда муайян карда шуданд, аз ҷумла:

- дараҷаи асоснокӣ ва мантиқии қарорҳои педагогӣ;
- устуворӣ ва мустақилияти тафаккур дар ҳалли масъалаҳо;
- амиқӣ ва чандҷониба будани таҳлил;
- фаъолиятнокии рефлексивӣ ва қобилияти худтакмилдиҳӣ.

Дар асоси нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои пешниҳодшуда, ки ба талаботи арзёбии фаъолияти маърифатӣ мутобиқ карда шудаанд, се сатҳи рушди тафаккури таҳлилӣ-эҷодии педагогӣ ҷудо карда шуданд. Тавре ки таъкид мегардад, «сатҳбандии фаъолияти маърифатӣ бояд ба

нишондиҳандаҳои устувори сифатӣ ва динамикаи рушд такя намояд» [48, с, с. 6], ки асоснокии чунин таснифотро таъмин менамояд.

– **сатҳи паст** – бо нокифоя будани қобилияти таҳлил, маҳдуд будани интихоби қарорҳо ва сатҳи пасти рефлексия тавсиф мешавад; дар ин сатҳ донишҷӯ бештар ба дарки репродуктивӣ такя мекунад

– **сатҳи миёна** – бо мавҷудияти унсурҳои таҳлил ва шаклҳои ибтидоии қарорҳои алтернативӣ фарқ мекунад, аммо ин қобилиятҳо устувор ва системавӣ нестанд; ба андешаи В.И. Андреев, чунин сатҳ марҳилаи гузариш аз фаъолияти репродуктивӣ ба эҷодӣ мебошад [14, с. 152];

– **сатҳи баланд** – бо қобилияти таҳлили амиқ, қабули қарорҳои эҷодӣ, сатҳи баланди рефлексияи касбӣ ва ҳамдардӣ (эмпатия) тавсиф мегардад; тавре ки таъкид мегардад, «фаъолияти эҷодӣ нишонаи сатҳи баланди рушди тафаккур мебошад» [14, с. 84-88].

Ҳамин тавр, сатҳбандии пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки динамикаи рушди тафаккур ба таври низомӣ арзёбӣ гардида, гузариш аз сатҳи репродуктивӣ ба сатҳи фаъолияти таҳлилӣ-эҷодӣ мушаххас карда шавад, ки ин ба талаботи таҳқиқоти педагогии муосир ҷавобгӯ мебошад [14; с. 51].

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки байни сатҳи рушди ТСК ва самаранокии ҳалли вазъиятҳои проблемавии педагогӣ робитаи мустақим вуҷуд дорад. Ҳар қадаре ки сатҳи рушди тафаккури ва салоҳияти касбӣ баланд бошад, ҳамон қадар сифати фаъолияти касбии омӯзгор ва қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити мураккаби таълимӣ афзоиш меёбад.

Баррасии душвориҳои марбут ба арзёбии ТСК нишон медиҳад, ки:

1. Баъзе нишондиҳандаҳо хусусияти дохилӣ дошта, мустақиман мушоҳидашаванда нестанд;
2. Механизмҳои психологӣ (эмпатия, тахайюл, тимсолгарои) ба таври ғайримустақим зоҳир мешаванд;
3. Раванди арзёбӣ тағйирёбанда буда, ба шароити педагогӣ вобаста аст.
4. Бо вуҷуди ин, системаи пешниҳодшудаи нишондиҳандаҳо, меъёрҳо ва сатҳҳо имкон медиҳад, ки рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ (ТСК) ба

тарвi нисбатан объективӣ арзёбӣ карда шавад. Дар ин асос, методикаи арзёбии ТСК ҳамчун маҷмӯи пайдарпайи амалҳо, воситаҳо ва меъёрҳои ташхисӣ пешниҳод мегардад.

**1. Марҳилаи ташхиси ибтидоӣ (констатсионӣ)**

Дар марҳилаи мазкур ташхиси сатҳи ибтидоии рушди тафаккури таҳлилӣ-эҷодии донишҷӯён амалӣ гардида, ҳолати воқеии нишондиҳандаҳои маърифатӣ ва рефлексивии онҳо муайян карда мешавад. Тавре ки таъкид мегардад, *«марҳилаи ташхисӣ барои муайян намудани сатҳи ибтидоии рушд ва банақшагирии минбаъдаи фаъолияти таълимӣ аҳамияти калидӣ дорад»* [20, с. 24-26], ки ин зарурати гузаронидани чунин таҳлилро асоснок менамояд.

Дар доираи ин марҳила нишондиҳандаҳои зерин мавриди омӯзиш қарор гирифтанд:

– **сатҳи фаҳмиши маъноии вазъиятҳои педагогӣ**, ки қобилияти дарки мазмун, муайян намудани робитаҳои асосӣ ва тафсири ҳолатҳои таълимиро дар бар мегирад [28, с. 58];

– **дараҷаи рушди тафаккури таҳлилӣ ва синтетикӣ**, ки тавассути қобилияти ҷудо намудани унсурҳо, муқоиса ва умумисозии маълумот арзёбӣ мегардад; ба андешаи С.Л. Рубинштейн, чунин амалҳо асоси фаъолияти зеҳниро ташкил медиҳанд [100, с. 76-79];

– **сатҳи рефлексия ва худбаҳодиҳӣ**, ки қобилияти таҳлили фаъолияти шахсӣ ва арзёбии натиҷаҳои онро инъикос менамояд; тавре ки қайд мегардад, *«рефлексия ҷузъи муҳими фаъолияти маърифатӣ мебошад»* [49, 2004, с. 216].

Барои ин усулҳои зерин истифода мешаванд: мушоҳида, суҳбат, таҳлили ҳолатҳои педагогӣ ва иҷрои супоришҳои эвристикӣ. Тибқи таҳқиқоти Е.В. Титова, истифодаи интроспекция, бозиҳои тақлидӣ ва «ҳуҷуми мағзӣ» ҳамчун усулҳои ташхисии рефлексия ва худмуайянкунӣ самаранок арзёбӣ мегардад [119, с. 8-10].

**2. Марҳилаи муайянсозии нишондиҳандаҳо**

Дар асоси натиҷаҳои ташхис, нишондиҳандаҳои рушди ТСК муайян карда мешаванд:

**Нишондиҳандаҳои психологӣ:**

- қобилияти тафсири маъно ва дарки вазъият;
- рушди тафаккури эҷодӣ ва тимсолӣ;
- сатҳи эмпатия;
- қобилияти интиқоли маъно.

**Нишондиҳандаҳои педагогӣ:**

- қобилияти таҳлили вазъият аз мавқеъҳои гуногун;
- маҳорати қабули қарор;
- сатҳи мутобиқшавӣ дар шароити мураккаб;
- дараҷаи фаъолияти рефлексивӣ.

Методҳои эвристикӣ, ки аз ҷониби В.И. Андреев пешниҳод шудаанд, ҳамчун асоси муайянсозии нишондиҳандаҳои тафаккури мустақил хизмат мекунанд [14, с. 168].

**3. Марҳилаи муайянсозии меъёрҳо**

Барои ҳар як нишондиҳанда меъёрҳои арзёбӣ муқаррар карда мешаванд:

- **меъёри мантиқӣ** – дараҷаи асоснокӣ ва пайдарпайии фикр;
- **меъёри эҷодӣ** – қобилияти пешниҳод кардани қарорҳои алтернативӣ;
- **меъёри рефлексивӣ** – сатҳи худтаҳлил ва худбаҳодиҳӣ;
- **меъёри коммуникативӣ** – қобилияти ифода ва интиқоли маъно.

Дар таҳқиқоти Э.Ф. Зеер нишон дода мешавад, ки меъёрҳои рефлексивӣ ва маъноофарӣ дар ташаккули тафаккури касбӣ нақши калидӣ доранд [46, с. 84].

**4. Марҳилаи муайянсозии сатҳҳо**

Дар асоси нишондиҳандаҳо ва меъёрҳо се сатҳи рушди ТСК ҷудо карда мешавад:

- **сатҳи паст** – набудани таҳлили амиқ, қарорҳои шаблонӣ, рефлексияи суст;

- **сатҳи миёна** – мавҷудияти унсурҳои таҳлил ва қарорҳои қисман асоснок;
- **сатҳи баланд** – таҳлили амиқ, қарорҳои эҷодӣ, рефлексияи устувор.

Ин натиҷаҳо бо хулосаҳои В.Ю. Хотинетс мувофиқат мекунанд, ки тибқи онҳо сатҳи баланд бо рушди тафаккури эҷодӣ ва чандвариантӣ тавсиф шуда, яке аз нишондиҳандаҳои асосии ташаккули тафаккур ва салоҳияти касбӣ маҳсуб мешавад [129, с. 7–19].

**5. Марҳилаи татбиқи методҳо (арзёбии амалӣ)**

Барои ташхиси сатҳҳо маҷмӯи машқҳо истифода мешавад:

- машқҳои рушди механизмҳои психологию педагогӣ;
- тафсири герменевтикии матни педагогӣ
- моделсозии вазъиятҳои проблемавӣ (психодрама).

Методи «лафздармонӣ», ки аз ҷониби А.В. Хуторской пешниҳод шудааст, ҳамчун воситаи амиқсозии фаҳмиш истифода мегардад [130, с. 168], дар ҳоле ки психодрама, тибқи Г.И. Шукина, имконият медиҳад, ки қобилияти амал дар шароити номуайян арзёбӣ гардад [136, с. 78].

**6. Марҳилаи ҷамъбаст ва интерпретатсия**

Дар ин марҳила:

- натиҷаҳои ташхис бо ҳам муқоиса карда мешаванд;
- сатҳи рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ муайян мегардад;
- динамикаи рушд дар асоси меъёрҳои интихобшуда арзёбӣ карда мешавад.

Дар доираи методикаи пешниҳодшуда, афзори кори таҷрибавию озмоишӣ ҳамчун воситаи асосии ташхис ва арзёбии нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои рушди ТСК истифода бурда мешавад.

**Афзори кори таҷрибавию озмоишӣ**

Афзори методикаи пешниҳодшуда ҳамчун воситаи ташхис ва арзёбии нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои рушди ТСК бароман намуда, маҷмӯи машқҳо ва супоришҳои махсусро дар бар мегирад.

**Бахши 1. Машқҳои ташхисии умумӣ (новобаста аз матни педагогӣ)**

Бахши мазкур машқҳоеро дар бар мегирад, ки ба арзёбии нишондиҳандаҳои алоҳидаи психологӣ ва педагогии ТСК равона шудаанд.

Ин машқҳо дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва мутобиқсозии онҳо ба ҳадафҳои тадқиқот тартиб дода шудаанд.

Машқҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

- **рушди тафаккури латералӣ (ҷонибӣ)** *(машқҳои 1-2)* - ҳамчун нишондиҳандаи қобилияти баромадан аз қолабҳои стандартии фикр;

- **рушди тимсолнокии тафаккур** *(машқҳои 3-4)* - ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи тафаккури образӣ ва эҷодӣ;

- **маҳорати интиқоли маъно ва азнавсозии иттилоот** *(машқҳои 5-6)* - ҳамчун нишондиҳандаи чандирии тафаккур;

- **«умумияти» тафаккури педагогӣ** *(машқҳои 7-8)* - ҳамчун нишондиҳандаи қобилияти дидани робитаҳои системавӣ;

- **артистизми педагогӣ** *(машқҳои 9-10)* - ҳамчун нишондиҳандаи ифодаи эҳсосӣ ва таъсиррасонӣ;

- **эмпатияи педагогӣ** *(машқҳои 11-12)* - ҳамчун нишондиҳандаи фаҳмиши ҳолати дигарон;

- **вокуниши фаврӣ ба вазъияти проблемавӣ** *(машқҳои 13-14)* - ҳамчун нишондиҳандаи тасмимгирии оперативӣ;

- **суръати фаъолияти зеҳнӣ ва фаросат** *(машқҳои 15-16)* - ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии коркарди иттилоот.

Методологӣ, интихоби чунин машқҳо ба принсипҳои методҳои эвристикӣ такя мекунад, ки дар таҳқиқоти В.И. Андреев асоснок карда шудаанд [14, с. 98], инчунин ба усулҳои рушди рефлексия ва худмуайянкунӣ, ки аз ҷониби Е.В. Титова пешниҳод гардидаанд [14, с. 32].




**Расми 4. Диаграммаи афзори кори таҷрибавию озмоишӣ**

Тавре ки дар расми 4 нишон дода шудааст, афзори бахши якум имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои алоҳидаи рушди тафаккури бисёрҷанбаи педагогӣ (тафаккури латералӣ, эмпатия, артистизм ва ғ.) ба тазври комплексӣ арзёбӣ карда шаванд. Натиҷаҳои иҷрои машқҳо ҳамчун асос барои муайян намудани сатҳҳои ибтидоии рушди ТСК хизмат менамоянд.

Дар баробари ин, барои арзёбии нишондиҳандаҳои мураккабтари маъноофарӣ, рефлексия ва тафаккури интерпретативӣ, бахши дуюми афзори кори таҷрибавию озмоишӣ ҷорӣ карда мешавад, ки ба тафсири герменевтикии матни педагогӣ асос ёфтааст.

**Бахши дуюм ҳамчун воситаи методикии ташхис** имконият медиҳад, ки чунин нишондиҳандаҳо арзёбӣ карда шаванд:

- қобилияти фаҳмидани маъноҳои пинҳонӣ ва контекстуалӣ;
- сатҳи тафсир ва барқарорсозии маъно;
- дараҷаи фаъолияти рефлексивӣ ва муносибати шахсӣ ба матн.

Интихоби матнҳо ва тарҳрезии машқҳо дар асоси принсипҳои герменевтика ва бо истифода аз усули тафсири герменевтикӣ, ки ба равиши герменевтикӣ такя намуда, дар таҳқиқоти муосир, аз ҷумла дар корҳои А.Ф. Зокирова, минбаъд рушд дода шудааст, амалӣ гардид.

Барои инъикоси сохтор ва хусусиятҳои асосии тафсири герменевтикии дониши педагогӣ, ҷанбаҳои муҳими он дар шакли муқоисавӣ ҷамъбаст ва пешниҳод гардидаанд. Дар ҷадвали 4 таносуби равандҳои шарҳу эзоҳ ва фаҳмиш ҳамчун унсурҳои асосии фаъолияти герменевтикӣ нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 4. Ҷанбаҳои герменевтикии кор бо матнҳои таълимӣ дар ташаккули тафаккури педагогӣ (дар асоси андешаҳои С.Б. Султонова)**

| **Унсурҳои тафсир** | **Ҷанбаи шарҳу эзоҳ (интерпретатсия)** | **Ҷанбаи фаҳмиш (герменевтика)** |
|---|---|---|
| Самти асосӣ | Ошкор намудани мазмун ва сохтори дониш | Дарки маъно ва аҳамияти дониш |
| Объекти таҳлил | Далелҳо, мафҳумҳо ва робитаҳои илмӣ | Таҷрибаи шахсӣ ва маъноҳои педагогӣ |
| Ҳадаф | Шарҳ додан ва тавзеҳи падида | Фаҳмидан ва дарки моҳияти падида |
| Манбаи дониш | Маълумоти илмӣ ва назариявӣ | Таҷрибаи ҳаётӣ ва касбӣ |
| Амалиёти асосӣ | Таҳлил, муқоиса, тавзеҳ | Синтез, тафсир, дарки маъно |
| Навъи тафаккур | Мантиқӣ ва рационалӣ | Ассотсиативӣ, интуитивӣ ва рефлексивӣ |
| Хусусияти фаъолият | Лоиҳавӣ ва мақсаднок | Вокунишӣ ва маъноофар |
| Самти муносибат | Аз субъект ба объект (S → O) | Муколамаи субъект бо субъект (S ↔ S) |
| Натиҷаи ниҳоӣ | Ба даст овардани донишҳои нав | Ташаккули фаҳмиши амиқ ва мавқеи шахсӣ |

Маълумоти ҷадвали 4 нишон медиҳад, ки дар герменевтикаи педагогӣ равандҳои шарҳу эзоҳ ва фаҳмиш бо ҳамдигар алоқаманд буда, якдигарро пурра менамоянд. Агар шарҳу эзоҳ бештар ба таҳлили мантиқии дониш нигаронида шуда бошад, фаҳмиш ба ошкор намудани маъноҳои амиқ, таҷрибаи шахсӣ ва дарки субъективии воқеияти педагогӣ равона мегардад. Маҳз ҳамгироии ин ду ҷанба барои рушди тафаккури педагогии омӯзгор замина фароҳам меорад.

Таҳлили ҷанбаҳои асосии тафсири герменевтикӣ нишон медиҳад, ки фаҳмиш дар раванди омӯзиш ҳамчун механизми фаъоли дарк ва маъноофарӣ баромад мекунад. Аз ин рӯ, барои омӯзиши сатҳи ташаккули тафаккури

педагогӣ ва қобилияти маънидодкунии дониш танҳо таҳлили назариявӣ кофӣ набуда, истифодаи воситаҳои махсуси ташхисӣ низ зарур мегардад. Дар ин замина, татбиқи принсипҳои герменевтикӣ дар раванди таҳияи супоришҳо ва машқҳои ташхисӣ аҳамияти махсус касб менамояд.

Бо такя ба принсипҳои герменевтикӣ, машқҳои махсус ҳамчун воситаи ташхисӣ тарҳрезӣ гардиданд, ки имкон медиҳанд сатҳи дарки маъно ва фаъолияти маънофарии донишҷӯён муайян карда шавад. Тавре ки таъкид мегардад, «фаҳмиш ҳамчун раванди фаъол ва интерпретативӣ дар ҳамгироии таҷрибаи шахсӣ ва мазмуни матн амалӣ мегардад» [148, с.18-20], ки ин зарурати истифодаи чунин машқҳоро дар ташхис асоснок менамояд.

Дар доираи ин раванд, вазифаҳои зерин амалӣ карда шуданд:

– муайян намудани сатҳи дарки маъно (паст, миёна, баланд), ки қобилияти тафсири мазмуни матнро инъикос менамояд;

– арзёбии дараҷаи пайвасткунии таҷрибаи шахсӣ бо мазмуни матн, ки ба андешаи Л.С. Виготский, шарти муҳими фаҳмиши амиқ мебошад [28, с. 56];

– ташхиси қобилияти гузариш аз шарҳ ба фаҳмиш, ки нишондиҳандаи рушди фаъолияти маърифатӣ ба ҳисоб меравад.

Барои татбиқи методика, матнҳои гуногуни педагогӣ (тамсилҳо, ҳикматҳо, порчаҳои адабӣ, рӯзномаҳои педагогӣ ва ғ.) истифода шуданд. Ин матнҳо ҳамчун афзори ташхисӣ хизмат намуда, барои ҳар яке маҷмӯи супоришҳо таҳия гардиданд, ки ба арзёбии нишондиҳандаҳои мушаххаси тафаккури таҳлилӣ-эҷодӣ равона шудаанд. Ба андешаи В.И. Андреев, истифодаи матнҳои гуногунсатҳ ба рушди қобилияти тафсир ва эҷоди маъно мусоидат мекунад [14, с. 158].

Бахши сеюми афзори кори таҷрибавию озмоишӣ ба моделсозии вазъиятҳои проблемавии педагогӣ ва бозии дидактикӣ асос ёфтааст. Ин бахш ҳамчун воситаи арзёбии сатҳи амалии фаъолияти маърифатӣ хизмат намуда, имконият медиҳад:

– қобилияти қабули қарор дар шароити номуайян арзёбӣ гардад;

– дараҷаи мутобиқшавӣ ва чандвариантии тафаккур муайян карда шавад;
– сатҳи фаъолияти коммуникативӣ ва рефлексивӣ ташхис гардад.

Дар ин замина, усулҳои психодрама (В. Зинченко) ва бозии дидактикӣ (А.А. Вербитский) истифода шуданд, ки ба андешаи муҳаққиқон, «шароити моделсозии фаъолияти воқеӣ ба рушди қобилиятҳои амалии донишҷӯён мусоидат мекунад» [51, с. 480]. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои рафторӣ ва фаъолияти амалии тафаккур ба таври мукаммал арзёбӣ карда шаванд.

Барои ҳар як вазъияти моделсозишуда низоми мушаххаси баҳогузорӣ таҳия карда шуд, ки дар он нишондиҳандаҳо, меъёрҳо ва сатҳҳои арзёбӣ ба таври возеҳ муайян гардидаанд.

Дар доираи методикаи пешниҳодшуда, бозии дидактикӣ ҳамчун воситаи ташхисӣ имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ карда шаванд:
- қобилияти баромадан аз вазъияти мураккаби педагогӣ;
- сатҳи интихоби қарорҳои алтернативӣ;
- дараҷаи самаранокии муоширати педагогӣ;
-қобилияти амал кардан дар шароити маҳдудияти вақт;
- сатҳи рефлексия ва худбаҳодиҳии фаъолияти анҷомдода.

Меъёрҳои баҳогузорӣ дар асоси сифати иҷрои ин нишондиҳандаҳо муайян карда шуданд, аз ҷумла:
- асоснокӣ ва мантиқии роҳи ҳал;
- эҷодкорӣ ва чандвариантии қарор;
- мутобиқати рафтор ба шароити вазъият;
- фаъолиятнокии коммуникативӣ ва рефлексивӣ.

Ҳадафҳои бозӣ ҳамчун унсури методикӣ ва воситаи ташхисӣ истифода гардида, имкон медиҳанд сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои фаъолияти педагогӣ, аз ҷумла қобилияти ҳалли вазъиятҳои проблемавӣ ва самаранокии муоширот, ба таври мушаххас арзёбӣ карда шавад.

Мавзӯи бозӣ ва сенарияи он ҳамчун модели вазъияти проблемавии педагогӣ тарҳрезӣ гардида, имконият дод, ки раванди қабули қарор ва баҳогузории он дар шароити наздик ба воқеият амалӣ карда шавад. Сенария, тибқи назарияи А.А. Вербитский, унсурҳои номуайянӣ («фалокат»)-ро дар бар гирифта, ҳамчун механизми санҷиши қобилияти мутобиқшавии иштирокчиён хизмат намуд.

Маҷмӯи нақшҳо ва вазифаҳои иштирокчиён (омӯзгор, донишҷӯ ва ғ.) ҳамчун воситаи ташхиси рафтори педагогӣ истифода гардида, имконият дод, ки нишондиҳандаҳои коммуникативӣ ва рефлексивӣ дар амал арзёбӣ карда шаванд.

Қоидаҳои бозӣ раванди моделсозии воқеияти педагогиро инъикос намуда, ҳамчун воситаи таъмини объективияти арзёбӣ истифода шуданд.Объективияти натиҷаҳо тавассути татбиқи маҷмӯи усулҳои гуногун (мушоҳида, таҳлил, моделсозӣ) ва муқоисаи натиҷаҳо дар марҳилаҳои гуногуни тадқиқот таъмин гардид.

Низоми баҳогузорӣ дар асоси муқоисаи натиҷаҳои фаъолияти иштирокчиён бо меъёрҳои пешниҳодшуда амалӣ гардид. Дар асоси ин, барои ҳар як нишондиҳанда сатҳҳои зерин муайян карда шуданд:

- сатҳи паст - қарорҳои шаблонӣ, рефлексияи суст ва мутобиқати нокифоя;
- сатҳи миёна - мавҷудияти унсурҳои таҳлил ва қарорҳои қисман асоснок;
- сатҳи баланд - қарорҳои эҷодӣ, таҳлили амиқ ва фаъолияти рефлексивии устувор.

Ҳамин тариқ, истифодаи маҷмӯи афзори кори таҷрибавию озмоишӣ (машқҳои ташхисӣ, тафсири герменевтикӣ ва моделсозии вазъиятҳои педагогӣ) имкон медиҳад, ки рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ ба таври комплексӣ, боэътимод ва илмӣ асоснок арзёбӣ карда шавад.

Баҳогузорӣ дар асоси шкалаи сесатҳӣ (паст - 1 балл, миёна - 2 балл, баланд - 3 балл) амалӣ гардида, барои ҳар як нишондиҳанда натиҷаҳои ҷамъбастӣ ҳисоб карда шуданд. Натиҷаи умумӣ дар асоси ҷамъбасти

баллҳои ҳамаи нишондиҳандаҳо муайян гардида, нишондиҳандаи интегралӣ тавассути формулаи зерин ҳисоб карда шуд:

$$I = \Sigma B / n$$

ки дар он B - баллҳои гирифташуда, n - шумораи нишондиҳандаҳо мебошад. Қимати I сатҳи умумии рушди тафаккур ва салоҳияти касбиро инъикос менамояд.

Дар асоси қимати нишондиҳандаи интегралӣ (I), сатҳҳо чунин тафсир карда мешаванд: $I \leq 1,5$ - сатҳи паст; $1,5 < I \leq 2,3$ - сатҳи миёна; $I > 2,3$ - сатҳи баланд.

Ҳамаи бахшҳои афзори кори таҷрибавию озмоишӣ дар як низоми ягона муттаҳид гардида, рушди пайдарпайи нишондиҳандаҳои ТБП-ро аз сатҳи ибтидоӣ то сатҳи баланд таъмин мекунанд.

### 3.3. Ташкили тадқиқоти таҷрибавӣ ва тавсифи базаи тадқиқот

Кори таҷрибавию озмоишӣ дар доираи фанҳои «Муқаддимаи касб», «Педагогикаи умумӣ ва методикаи тадрис», инчунин курсҳои махсуси «Методикаи тадриси забони хориҷӣ» ва «Хониши хонагӣ» дар факултетҳои филологияи романӣ-германии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва филологияи ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода дар солҳои 2024–2025 амалӣ гардид. Дар ин бахш ҷараёни марҳилаи дигаргункунандаи кори таҷрибавию озмоишӣ ва натиҷаҳои таҳлили он баррасӣ мешаванд. Тавре ки таъкид мегардад, «марҳилаи ташаккулёбӣ барои санҷиши самаранокии методика аҳамияти калидӣ дорад» [20, с. 115].

Дар тадқиқот донишҷӯёни курсҳои 1 ва 3-и ихтисоси забони англисӣ ҷалб гардиданд. Шумораи умумии иштирокчиён 300 нафарро ташкил дода, ки аз онҳо 150 нафар дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва 150 нафар дар ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода таҳсил менамоянд.

Ташкили таҷриба дар асоси истифодаи методҳои фаъол, аз ҷумла бозиҳои дидактикӣ, машқҳои эҷодӣ ва супоришҳои тафсирӣ сурат гирифта, ба рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯён равона карда

шуд. Ба андешаи В.И. Андреев, «методҳои фаъол шароити ташаккули фаъолияти мустақил ва эҷодиро фароҳам меоранд» [14, с. 162], ки интихоби чунин равишро асоснок менамояд.

Дар ҷараёни тадқиқот ба раванди таълим методҳои инноватсионӣ ворид карда шуданд, ки ба рушди нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти маърифатӣ, аз ҷумла тафаккури эҷодӣ, қобилияти таҳлил ва рефлексия мусоидат менамоянд. Тавре ки И.А. Зимняя таъкид менамояд, «фаъолияти таълимӣ бояд ба рушди қобилиятҳои таҳлилӣ ва рефлексивии донишҷӯён равона карда шавад» [49, с. 56-58], ки самти татбиқи методикаро муайян менамояд.

Дар машғулиятҳои лексионӣ ба донишҷӯён супориш дода шуд, ки маводи таълимиро дар шаклҳои гуногуни визуалӣ ва маънофарӣ пешниҳод намоянд. Ин раванд ба рушди қобилияти моделсозӣ ва интиқоли маъно мусоидат намуд. Ба андешаи Л.С. Виготский, истифодаи воситаҳои рамзӣ ва визуалӣ дар омӯзиш ба ташаккули фаъолияти зеҳнӣ таъсири назаррас мерасонад [28, с. 56]. Аз ҷумла, истифодаи схемаҳо ва занҷираҳои мантиқӣ ҳамчун нишондиҳандаи рушди тафаккури таҳлилӣ-эҷодӣ баррасӣ гардид.

Дар машғулиятҳои семинарӣ машқҳои махсус барои рушди тимсолнокии тафаккур ва рефлексия татбиқ шуданд. Масалан, иҷрои супориши «Дарси нахустини грамматикаи англисии ман» ба донишҷӯён имкон дод, ки вазъияти таълимиро аз мавқеи хонанда таҳлил намоянд, ки ин ба рушди эмпатия ва қобилияти баррасии масъала аз нуқтаҳои назари гуногун мусоидат мекунад. Ба андешаи С.Л. Рубинштейн, *«тафаккур дар раванди фаъолияти фаъол ва таҷрибаи шахсӣ ташаккул меёбад»* [100, с. 132], ки самаранокии чунин машқҳоро тасдиқ менамояд.

Ҳамзамон, истифодаи матнҳои педагогӣ ва супоришҳои герменевтикӣ ҳамчун воситаи ташхиси қобилияти тафсир ва фаҳмиши маъно татбиқ гардид. Тибқи таҳқиқоти Э.Ф. Зеер, *«фаъолияти маънофарӣ ва рефлексия асоси ташаккули тафаккури касбӣ мебошанд»*

[46, с. 94-96], ки аҳамияти истифодаи чунин усулҳоро дар раванди таълим асоснок менамояд.

Системаи супоришҳо, ки ба таҳлили мақолаҳои илмӣ равона гардида буданд, ба донишҷӯён имконият дод, ки қобилияти таҳлил ва арзёбии матнро инкишоф диҳанд, нуқтаи назари шахсии худро шакл диҳанд ва робитаи байни назария ва амалияро дарк намоянд. Ба андешаи В.И. Загвязинский, *«таҳлили матнҳои илмӣ воситаи муҳими рушди фикррониии назариявӣ мебошад»* [40, с. 98].

Натиҷаҳои иҷрои супоришҳо нишон доданд, ки истифодаи методҳои пешниҳодшуда ба рушди нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти маърифатӣ, аз ҷумла тафаккури таҳлилӣ, рефлексивӣ ва коммуникативӣ, таъсири мусбат мерасонад. Ин натиҷаҳо бо хулосаҳои И.А. Зимняя мувофиқат намуда, самаранокии истифодаи усулҳои фаъолро тасдиқ менамоянд [48, с. 14].

Таҳлили корҳои донишҷӯён нишон дод, ки қисми онҳо қобилияти интерпретатсияи маъноҳоро бо такя ба таҷрибаи шахсӣ ва унсурҳои эҷодӣ нишон медиҳанд, ки ба рушди ҷанбаҳои маъноофарӣ ва тимсолнокии тафаккур мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, дар марҳилаи ибтидоӣ аксарияти донишҷӯён на ҳамеша қодир буданд маъноҳои амиқи матнҳои педагогиро пурра ошкор намоянд, ки ба сатҳи нокифояи ташаккули тафаккури рефлексивӣ вобаста мебошад. Тавре ки Л.С. Виготский таъкид менамояд, «рушди қобилиятҳои зеҳнӣ дорои хусусияти марҳилавӣ буда, аз ҳамкории иҷтимоӣ вобаста аст» [28, с. 58].

Дар марҳилаҳои минбаъда беҳбудии назарраси қобилияти фаҳмиш ва тафсири маъноҳо мушоҳида гардид, ки самаранокии татбиқи супоришҳои герменевтикиро тасдиқ менамояд. Ҳамзамон, донишҷӯён қайд намуданд, ки чунин шакли кор шавқу ҳавасмандии онҳоро нисбат ба фаъолияти педагогӣ афзоиш дода, имконият медиҳад донишҳои назариявӣ бо таҷрибаи амалӣ пайваст гарданд.

Дар доираи курси «Педагогикаи умумӣ ва методикаи тадрис» (бахши «Дидактика») супоришҳои махсус барои ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандӣ татбиқ гардиданд. Аз ҷумла, донишҷӯён вазифадор шуданд, ки маводи лексияро дар шакли ангора ва моделҳои маъноӣ пешниҳод намоянд, ки ба рушди қобилияти сохторбандии дониш ва муайян намудани робитаҳои байни мафҳумҳои педагогӣ мусоидат намуд. Ба андешаи Ю.К. Бабанский, «сохторбандии дониш шарти муҳими самаранокии омӯзиш мебошад» [20, с. 36].

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои марҳилаи таҷрибавӣ нишон медиҳанд, ки татбиқи маҷмӯи методҳои пешниҳодшуда (машқҳои эҷодӣ, тафсири герменевтикӣ ва моделсозии вазъиятҳои педагогӣ) ба рушди пайдарпай ва сифатии нишондиҳандаҳои фаъолияти маърифатӣ мусоидат намуда, самаранокии методикаи таҳияшударо аз ҷиҳати илмӣ ва амалия асоснок мегардонад.

Дар доираи базаи тадқиқот ва дар шароити гурӯҳҳои таҷрибавӣ (N = 300 нафар) супоришҳои зерин ба таври марҳилавӣ татбиқ гардиданд.

Бо мақсади нишон додани татбиқи амалии методикаи пешниҳодшуда, як қатор намунаҳои супоришҳои ташхисӣ истифода гардиданд.

**Мисоли 1. Супориши герменевтикӣ**

**Супориш:**

Матни педагогиро мутолиа намуда, маънои асосӣ ва муносибати шахсии худро нисбат ба он муайян намоед. Ҳамзамон, робитаи байни мазмуни матн ва таҷрибаи шахсии худро нишон диҳед.

**Натиҷаи намунавии донишҷӯ:**

«Ба назари ман, матн на танҳо хусусияти методӣ дорад, балки муносибати омӯзгорро ба фаъолияти касбӣ инъикос менамояд. Муаллиф таъкид мекунад, ки омӯзгор бояд на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки шарики муошират бошад. Ман инро дар таҷрибаи шахсии худ низ мушоҳида кардаам, зеро дар ҳолатҳое, ки омӯзгор бо мо муошırати озод дошт, дарс барои мо фаҳмотар ва шавқовартар мешуд.»

**Таҳлил:**

Натиҷа нишон медиҳад, ки донишҷӯ қобилияти тафсири маъно, пайваст намудани мазмуни матн бо таҷрибаи шахсӣ ва ифодаи мавқеи худро дорад, ки ин ба сатҳи миёнаи рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ мутобиқат мекунад.

**Мисоли 2. Таҳлили вазъияти педагогӣ**

Бо мақсади ташхиси қобилияти таҳлил ва қабули қарор, супориши зерин пешниҳод гардид.

**Супориш:** Вазъияти педагогиро таҳлил намоед: хонанда дар дарс фаъол нест ва ба саволҳо ҷавоб намедиҳад. Сабабҳоро муайян намуда, роҳҳои ҳалли онро пешниҳод кунед.

**Натиҷаи намунавии донишҷӯ:**

«Ба фикри ман, сабаби асосӣ метавонад набудани ҳавасмандӣ ё тарси хатогӣ бошад. Дар чунин ҳолат омӯзгор бояд муҳити дастгиркунанда фароҳам оварад, саволҳоро содатар намояд ва донишҷӯро ба иштирок тадриҷан ҷалб кунад.»

**Таҳлил:** Донишҷӯ қобилияти муайян кардани сабабҳо ва пешниҳоди қарорҳои алтернативиро нишон медиҳад, ки ба сатҳи миёнаи рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ мувофиқат мекунад.

**Мисоли 3. Бозии дидактикӣ (психодрама)**

Барои арзёбии қобилияти амал дар шароити номуайян, усули бозии дидактикӣ (психодрама) истифода гардид.

**Супориш:** Дар доираи нақшбозӣ, як вазъияти мураккаби педагогиро ҳал намоед (муноқиша байни омӯзгор ва донишҷӯ).

**Натиҷаи намунавии донишҷӯ:**

«Ман кӯшиш кардам аввал сабаби муноқишаро фаҳмам ва баъд бо донишҷӯ оромона суҳбат намоям. Ба ҷои танбеҳ, ман роҳи ҳамкориро интихоб кардам.»

**Таҳлил:** Натиҷа нишон медиҳад, ки донишҷӯ қобилияти рефлексия, эмпатия ва интихоби рафтори чандвариантиро доро буда, ин ба сатҳи баландтари рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ наздик мебошад.

Бо мақсади амиқсозии натиҷаҳои таҷрибавӣ, инчунин арзёбии қобилияти тафсир ва маъноофарӣ, дар ҷараёни тадқиқот кор бо матнҳои публитсистӣ ва адабӣ татбиқ гардид.

Барои ин, нақшаи намунавии таҳлили матни публитсистӣ таҳия шуда, ба донишҷӯён пешниҳод гардид. Супоришҳо ба рушди қобилияти дарк, таҳлил ва арзёбии маъноҳои матн равона гардида, нишондиҳандаҳои рефлексивӣ ва коммуникативии ТСК-ро ташхис менамоянд.

Таҳлили натиҷаҳо нишон медиҳад, ки донишҷӯён дар марҳилаҳои аввал бо мушкилоти дарки амиқи матн ва ҷудо намудани маъноҳои асосӣ рӯ ба рӯ шуданд. Бо вуҷуди ин, дар раванди такрории иҷрои супоришҳо қобилияти таҳлил ва тафсири онҳо ба таври назаррас беҳтар гардид. Ин ҳолат ба хусусияти ташаккулёбии тадриҷии тафаккури рефлексивӣ мутобиқат мекунад.

Натиҷаҳои муқоисавӣ нишон доданд, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ нишондиҳандаҳои рушди ТСК нисбат ба гурӯҳи назоратӣ ба таври назаррас баландтар мебошанд.

Таҳлили ҷавобҳои донишҷӯён нишон медиҳад, ки истифодаи таҷрибаи шахсӣ ва мисолҳои ҳаётӣ дар раванди фаҳмиш нақши муҳим мебозад. Ин омил ба рушди ҷанбаҳои маъноофарии тафаккур мусоидат намуда, ҳамчун нишондиҳандаи муҳими тафаккур ва салоҳияти касбӣ баррасӣ мегардад.

Дар доираи тадқиқот инчунин кор бо матнҳои ривоятӣ ва масалҳо истифода гардид, ки ба рушди арзишҳои ахлоқӣ ва фаҳмиши инсонгароёна равона шудаанд. Нақшаи таҳлили чунин матнҳо имконият дод, ки донишҷӯён:

- маъноҳои ахлоқӣ ва педагогиро муайян намоянд;
- мавқеи шахсии худро нисбат ба мазмун ифода кунанд;
- вазъиятро аз нуқтаи назари иштирокчиёни гуногун таҳлил намоянд.

Натиҷаҳои таҳлил нишон доданд, ки донишҷӯён дар раванди чунин фаъолият қобилияти эмпатия, тафаккури чандвариантӣ ва фаҳмиши маъноҳои амиқро инкишоф медиҳанд. Ин нишондиҳандаҳо ба сатҳи миёна ва баландтари рушди ТСК мутобиқат мекунанд.

Ҳамин тариқ, истифодаи маҷмӯи супоришҳои герменевтикӣ, таҳлили матнҳои публитсистӣ ва кор бо ривоятҳо ҳамчун афзори методикӣ имкон медиҳад, ки на танҳо сатҳи дониш, балки ҷанбаҳои маънофарӣ, рефлексия ва фаъолияти коммуникативии донишҷӯён ба таври комплексӣ арзёбӣ карда шаванд.

Таҳлили натиҷаҳои иҷрои супоришҳо нишон дод, ки донишҷӯён дар раванди тафсири ривоятҳо бештар ба ҷанбаҳои арзишии мазмун (меҳрубонӣ, бахшиш, муносибатҳои инсонгароёна) таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Ин ҳолат ба рушди нишондиҳандаҳои маънофарӣ ва ташаккули мавқеи шахсӣ мусоидат мекунад, ки яке аз унсурҳои асосии тафаккур ва салоҳияти касбӣ маҳсуб мешавад.

Дар баробари ин, мушоҳида гардид, ки қисми зиёди донишҷӯён супориши «тафсири маъно»-ро ба шакли «интиқоли арзишҳо» табдил медиҳанд. Ин нишон медиҳад, ки сатҳи дарки маъноҳо дар марҳилаи ибтидоӣ бештар характери умумӣ дошта, ба тафсири амиқи герменевтикӣ на ҳамеша мутобиқат мекунад. Бо такрори супоришҳо ва истифодаи методҳои махсус, қобилияти фарқгузорӣ байни маъно ва арзиш тадриҷан ташаккул ёфт.

Натиҷаҳои таҷриба инчунин нишон доданд, ки фаҳмондани маънои ривоят дар муҳлати маҳдуд (масалан, 10 дақиқа) маҳдудияти методикӣ дорад ва бештар ба фаъолсозии таҷрибаи мавҷудаи шахсият вобаста мебошад. Дар чунин ҳолат, супоришҳо на ба «тағйир додани фаврии шахсият», балки ба барангехтани равандҳои дохилии дарк ва рефлексия равона карда мешаванд, ки ба принсипҳои педагогикаи инсонгароёна мувофиқат мекунанд.

Объективияти натиҷаҳо тавассути истифодаи маҷмӯи усулҳои гуногун (мушоҳида, таҳлил, моделсозӣ) ва муқоисаи натиҷаҳо дар марҳилаҳои гуногуни тадқиқот таъмин гардид.

Арзёбии натиҷаҳо дар асоси нишондиҳандаҳо, меъёрҳо ва сатҳҳои пешниҳодшуда дар параграфи 3.2 амалӣ карда шуд.»

Ин хулосаҳо бо таҳқиқоти муосири соҳаи педагогикаи шахсият мутобиқат доранд, ки дар онҳо таъкид мегардад: «ташаккули арзишҳо ва маънохо раванди тадриҷӣ буда, тавассути фаъолияти фаъол ва таҷрибаи шахсӣ амалӣ мегардад» [28, с. 106]. Ин нуқта нишон медиҳад, ки рушди тафаккури педагогӣ на ҳамчун раванди якмарҳилавӣ, балки ҳамчун низоми динамикӣ ва пайдарпай сурат мегирад.

Ҳамзамон, тибқи назарияи рушди тафаккури касбӣ, рефлексия ва маънофарӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои калидии фаъолияти педагогӣ баррасӣ мешаванд, зеро маҳз тавассути онҳо шахс қобилияти таҳлил, арзёбӣ ва бозсозии таҷрибаи худро инкишоф медиҳад [91, с. 107]. Ба андешаи муҳаққиқон, «фаъолияти рефлексивӣ заминаи ташаккули мавқеи касбии омӯзгорро ташкил медиҳад» [91, с. 72], ки аҳамияти онро дар раванди омодасозии омӯзгорони оянда боз ҳам тақвият медиҳад.

Илова бар ин, натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки ҳамгироии фаъолияти маънофарӣ ва таҷрибаи амалӣ ба ташаккули муносибати бошуурона нисбат ба фаъолияти педагогӣ мусоидат намуда, имконият медиҳад, ки донишҷӯён масъалаҳои касбиро аз нуқтаҳои назари гуногун баррасӣ намоянд. Чунин раванд ба рушди тафаккури таҳлилӣ-эҷодӣ ва қобилияти қабули қарорҳои чандвариантӣ мусоидат мекунад, ки дар адабиёти илмӣ ҳамчун хусусияти муҳими тафаккури касбӣ таъкид мегардад [14, с. 160].

Аз ин рӯ, метавон бо итминон хулоса кард, ки рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ танҳо дар шароити ҳамгироии фаъолияти рефлексивӣ, маънофарӣ ва таҷрибаи амалӣ имконпазир мебошад; маҳз ҳамин ҳамгироӣ ҳамчун механизми асосии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгор баррасӣ

мегардад ва дар таҳқиқоти муосир ҳамчун шарти калидии самаранокии фаъолияти педагогӣ эътироф шудааст [49, с. 245; 14, с. 174].

Ин ҳолат бори дигар собит месозад, ки бе ташкили муҳити таълимии маънофар ва рефлексивӣ рушди воқеии тафаккури педагогӣ ғайриимкон мебошад [33, с. 59].

Бо такя ба ин равиш, дар марҳилаи таҷрибавию озмоишӣ масъалаи муайян намудани самаранокии рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ аҳамияти махсус пайдо намуд. Аз ин рӯ, барои арзёбии натиҷаҳои бадастомада муқоисаи нишондиҳандаҳои ибтидоӣ ва ниҳоии рушди донишҷӯён анҷом дода шуд.

Самаранокии рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ тавассути муқоисаи натиҷаҳои ибтидоӣ ва ниҳоии донишҷӯён пас аз анҷоми кори таҷрибавию озмоишӣ муайян карда шуд. Барои арзёбии тағйирот дар ҳамаи гурӯҳҳо нишондиҳанда ва усулҳои ягона истифода гардида, ин имконият дод, ки динамикаи рушди унсурҳои асосии тафаккур ба таври муқоисавӣ таҳлил карда шавад [25, с. 121].

Дар тадқиқот донишҷӯёни курсҳои 1 ва 3-и ихтисоси забони англисӣ иштирок намуданд. Шумораи умумии иштирокчиён 300 нафарро ташкил дода, онҳо ба ду гурӯҳ - санҷишӣ ва назоратӣ - ҷудо карда шуданд. Гурӯҳҳо аз ҳисоби донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода ташкил гардиданд.

Бо мақсади нишон додани тақсимоти иштирокчиёни таҳқиқот аз рӯйи муассиса ва гурӯҳҳои тадқиқотӣ, маълумоти умумӣ дар ҷадвали 4 пешниҳод карда мешаванд.

**Ҷадвали 5.** Тақсимоти иштирокчиёни таҳқиқот аз рӯйи муассиса ва гурӯҳҳо

| Муассиса | Гурӯҳи санҷишӣ | Гурӯҳи назоратӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|

| Муассиса | Гурӯҳи санҷишӣ | Гурӯҳи назоратӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| ДДОТ ба номи С. Айнӣ | 75 | 75 | 150 |
| ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода | 75 | 75 | 150 |
| Ҳамагӣ | 150 | 150 | 300 |

Маълумоти ҷадвали 5 нишон медиҳанд, ки гурӯҳҳои санҷишӣ ва назоратӣ аз рӯйи шумораи иштирокчиён мутавозин ташкил карда шуданд. Чунин тақсимот имконият дод, ки натиҷаҳои бадастомада дар шароити нисбатан баробар муқоиса ва таҳлил карда шаванд.

Кори таҷрибавию озмоишӣ дар давоми солҳои таҳсили 2018–2025 дар се марҳила - ташхисӣ, ташаккулдиҳӣ ва ҷамъбастӣ - амалӣ гардид.

Дар раванди тачриба шароити иҷрои супоришҳо то ҳадди имкон яксон нигоҳ дошта шуданд. Дар гурӯҳҳои санҷишӣ методикаи пешниҳодшудаи кор бо матнҳои таълимӣ ва тафсири герменевтикӣ татбиқ гардид, дар ҳоле ки дар гурӯҳҳои назоратӣ омӯзиш бо усулҳои анъанавӣ идома ёфт. Барои коҳиш додани таъсири омилҳои беруна қисми матнҳо бетағйир ва қисми дигар бо нигоҳдории сохтору мазмун тағйир дода шуданд [14, с. 52].

Тақсимоти донишҷӯён ба сатҳҳои паст, миёна ва баланд дар асоси натиҷаҳои баҳодиҳии маҷмӯии нишондиҳандаҳои маъноӣ, фаъолиятӣ, эмпатӣ, замонӣ ва фаҳмиши вазъият амалӣ гардид. Ҳангоми баҳогузорӣ сатҳи паст ба донишҷӯёне мансуб дониста шуд, ки дарки нокифояи вазъиятҳои педагогӣ ва қобилияти маҳдуди таҳлилӣ доштанд; сатҳи миёна ба донишҷӯёне муайян карда шуд, ки қобилияти таҳлил ва тафсири нисбатан устувор нишон доданд; сатҳи баланд бошад, ба донишҷӯёне нисбат дода шуд, ки тавони дарки салоҳиятнокӣ вазъият, тафсири мустақил ва қабули қарорҳои асоснокро соҳиб буданд.

Барои санҷиши эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада усули муқоисавии таҳлил ва коркарди омории маълумот истифода гардид. Фарқияти байни нишондиҳандаҳои гурӯҳҳои санҷишӣ ва назоратӣ шартан

эътимоднок арзёбӣ гардид (p<0,05). Ин имконият дод, ки самти тағйироти сатҳҳои рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ муайян карда шавад.

Барои муайян намудани сатҳҳои рушди тафаккур ва салоҳиятмандии касбии педагогӣ мушоҳида, суҳбат, таҳлили матнҳои таълимӣ, супоришҳои таҳлилӣ ва баҳодиҳии фаъолияти рефлексивии донишҷӯён истифода гардиданд.

Бо мақсади муайян намудани сатҳҳои ибтидоӣ ва ниҳоии рушди унсурҳои тафаккур салоҳияти касбӣ, натиҷаҳои бадастомада дар шакли ҷадвали муқоисавӣ ҷамъбаст карда шуданд.

**Ҷадвали 6. Тақсимоти донишҷӯён аз рӯйи сатҳҳои рушди тафаккур ва салоҳиятмандии касбӣ дар гурӯҳҳои санҷишӣ ва назоратӣ пеш ва баъд аз КТО**

| **Нишондиҳанда** | **Гурӯҳ** | **Паст / Пеш** | **Паст / Баъд** | **Миёна / Пеш** | **Миёна / Баъд** | **Баланд / Пеш** | **Баланд / Баъд** | **N** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маъноӣ | Санҷишӣ | 78 | 39 | 51 | 68 | 21 | 43 | 150 |
| | Назоратӣ | 76 | 68 | 53 | 58 | 21 | 24 | 150 |
| Фаъолиятӣ | Санҷишӣ | 72 | 34 | 56 | 71 | 22 | 45 | 150 |
| | Назоратӣ | 70 | 64 | 58 | 61 | 22 | 25 | 150 |
| Эмпатӣ | Санҷишӣ | 69 | 30 | 59 | 74 | 22 | 46 | 150 |
| | Назоратӣ | 68 | 61 | 60 | 64 | 22 | 25 | 150 |
| Замонӣ | Санҷишӣ | 81 | 42 | 47 | 65 | 22 | 43 | 150 |
| | Назоратӣ | 79 | 72 | 49 | 53 | 22 | 25 | 150 |
| Фаҳмиши вазъият | Санҷишӣ | 74 | 32 | 54 | 72 | 22 | 46 | 150 |
| | Назоратӣ | 73 | 66 | 55 | 59 | 22 | 25 | 150 |

**Эзоҳ:** Шумораи донишҷӯён дар ҳар як гурӯҳ доимӣ буда (N = 150 нафар), шумораи умумии иштирокчиён 300 нафарро ташкил медиҳад.

Барои равшантар нишон додани динамикаи тағйироти сатҳҳои рушд дар гурӯҳҳои санҷишӣ ва назоратӣ, маълумоти ҷадвали 5 дар шакли диаграмма пешниҳод карда мешаванд.

**Расми 5. - Диаграммаи муқоисавии сатҳҳои рушди унсурҳои тафаккур ва салоҳияти касбӣ дар гурӯҳҳои санҷишӣ ва назоратӣ пеш ва баъд аз КТО**




Таҳлили маълумоти ҷадвали 6 ва расми 5 нишон медиҳад, ки дар гурӯҳҳои санҷишӣ баъд аз татбиқи методикаи пешниҳодшуда коҳиши назарраси сатҳи паст ва афзоиши сатҳҳои миёна ва баланд ба мушоҳида мерасад. Тағйироти бештар дар унсурҳои маъноӣ, эмпатӣ ва фаҳмиши вазъият ба қайд гирифта шуданд. Дар гурӯҳҳои назоратӣ низ тағйироти муайян мушоҳида гардиданд, аммо онҳо нисбатан маҳдуд буда, бештар бо ҷараёни умумии таълим алоқаманд мебошанд.

Бо мақсади таҳлили самти тағйироти дохилии сатҳҳои рушд, гузариши донишҷӯён байни сатҳҳои паст, миёна ва баланд дар гурӯҳи санҷишӣ ба таври алоҳида таҳлил карда шуд.

**Ҷадвали 7.** Тағйироти воқеии гузариши донишҷӯён байни сатҳҳои рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ (ТСК) дар гурӯҳи санҷишӣ (бо фоиз, N = 150 нафар)

| **Нишондиҳанда** | **Аз паст ба миёна** | **Аз миёна ба баланд** | **Аз паст ба баланд** |
|---|---|---|---|
| Маъноӣ | 14,7% | 9,3% | 3,3% |
| Фаъолиятӣ | 15,3% | 10,0% | 3,3% |
| Эмпатӣ | 16,0% | 11,3% | 4,0% |
| Замонӣ | 13,3% | 8,7% | 2,7% |
| Фаҳмиши вазъият | 16,7% | 10,7% | 4,0% |

**Эзоҳ:** Фоизҳо аз шумораи умумии донишҷӯёни гурӯҳи санҷишӣ ҳисоб карда шудаанд.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 7 нишон медиҳад, ки бештарини тағйирот аз гузариши донишҷӯён аз сатҳи паст ба миёна ва аз миёна ба баланд ба амал омадааст. Гузариши мустақим аз сатҳи паст ба баланд нисбатан маҳдуд буда, хусусияти тадриҷии рушди тафаккури педагогиро инъикос менамояд.

Барои аёнтар нишон додани самти гузариши донишҷӯён байни сатҳҳои рушди тафаккур ва салоҳиятмандии касбӣ, маълумоти ҷадвали 7 дар шакли диаграмма пешниҳод карда мешаванд.




**Расми 6. Диаграммаи гузариши донишҷӯён байни сатҳҳои ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии касбӣ дар гурӯҳи санҷишӣ**

Таҳлили маълумоти ҷадвали 7 ва расми 6 нишон медиҳад, ки бештарини тағйирот дар шакли гузариш аз сатҳи паст ба миёна ва аз миёна ба баланд ба амал омадааст. Гузариши мустақим аз сатҳи паст ба баланд нисбатан маҳдуд буда, хусусияти тадриҷии рушди тафаккури педагогиро инъикос менамояд.

Бо мақсади ҷамъбасти натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқот ва муайян намудани самаранокии умумии методикаи пешниҳодшуда, нишондиҳандаҳои умумии рушди тафаккур ва салоҳиятмандии касбӣ дар ҳар ду гурӯҳ ҷамъбаст карда шуданд.

**Ҷадвали 8. Натиҷаҳои ҷамъбастии ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии касбӣ дар гурӯҳҳои санҷишӣ ва назоратӣ баъд аз КТО**

| Гурӯҳ | Сатҳи паст | Сатҳи миёна | Сатҳи баланд |
|---|---|---|---|
| Санҷишӣ (пеш) | 49,9% | 35,6% | 14,5% |
| Санҷишӣ (баъд) | 23,6% | 46,7% | 29,7% |
| Назоратӣ (пеш) | 48,8% | 36,7% | 14,5% |

